АБДУРАУФ МУРОДӢ

# ДАРУНКӮБ



Душанбе
«Адиб»
2011

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-49

Муҳаррир *Одина Мирак*

М-49 **Абдурауф Муродӣ. Дарункӯб** (ҳаҷвияҳо). –
– Душанбе, «Адиб», 2011, 160 саҳ.

Ҳаҷв суханест сӯзандаву созанда. Он ҳарчанд ба зоҳир ханда-барангез аст, ба ботин ханҷари тез аст. Ва ашхоси ноқисрафтору нохушгуфторро ҳушдор медиҳад, дарункӯб мекунад, то назари кибру ғурур аз осмон бикананду ба вазъи худ бингаранд ва пайиислоҳи хештан ва тозагии рӯҳу тан бикӯшанд.

Ҳаҷвиёти нависандаи соҳибистеъдод Абдурауф Муродӣ ҳамин хусусиёти умдаро доранд ва бидуни шубҳае, баҳри солимии маънавии аҳли ҷомеа ва бартарафсозии нуқсонҳо дар рафтору кирдори иддае аз ашхоси ноқобил хидмати арзанда хоҳанд кард.

ISBN 978-99947-2-004-0

© Абдурауф Муродӣ, 2011

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



# ГАП БАЙНИ ХУДАМОН

*(ҳаҷвияҳо)*

## ХОТИРАИ ҚАВӢ

– Дувоздаҳуми январи соли 1983 буд, – идомаи сухан кард ҳамсӯҳбатам, – аз бозор як таккачаро 18 сӯм харидам. Ҳамагӣ чор рӯз нигоҳубин карда, бегоҳии 16-уми январ, пеш аз намози шом, ба ҳамсоям Мирбадал 30 сӯм фурӯхтам. Ҳамин тавр дар чор рӯз 12 сӯм фоида ба даст овардам.

Андешидам аз ин савдои ҳамсӯҳбатам расо 40 сол гузаштааст, вале ҳатто лаҳзаву солу моҳаш ба хотираш монда. Аҷаб хотираи қавие доштааст ин мард.

– Соати дуи шаби 13-уми сентябри соли 1965 буд, – аз нав ба гап даромад ҳамсӯҳбатам. – Ҷӯраам Аёз маро аз хоб бедор кард. «Як мошини пур аз тарбуз дар ҷӯйбор дармондааст, – хабар дод ӯ. – Биё, як «аператсия» гузаронем. Розӣ шудам. Ҳар ду рафта ба ронанда гуфтем, ки ин ҷо ҳоҷати белу каланд нест. (Ӯ аз Аёз белу каланд пурсидааст). Мо тарбузҳоятро харида, худи ҳозир мефарорем, мошинат сабук мешаваду тойчаи ҷавмаст барин хез зада меравад. Ронанда дудила шуд. Хеле «кашмакаш» кардем. Соати сею чилу шаш дақиқаи шаб савдоямон пухт. Тарбузҳоро арзонакак харидем. Рӯзи дигар, яъне чордаҳуми сентябр аз соати нӯҳу нӯл-нӯли саҳар расо то соати дувоздаҳу бисту нӯҳ дақиқа тарбузҳоро пурра фурӯхтем, фоидааш 180 сӯму 74 тин шуд. Ёд дорам, як тарбузамон кафидагӣ баромад, касе нахарид. Байни худ тақсим кардем. Ҳиссаи ман калонтару вазнинтар буд: тақрибан 41-42 грам.

Ман ангушти ҳайрат ба лаб гузошта будам. Хайрият, имрӯз «як ҳавои тоза гирам» гуфта ба кӯча баромадам, вагарна аз ҳастии чунин як марди хотирааш қавӣ ва фавқулодда бехабар мемондам. Хотира ана ин хел мешавад! Ман бошам… нисфирӯз пурсед, ки саҳар чӣ хӯрда будӣ, намедонам.

– Ман як солу ду моҳу ҳаждаҳ рӯзу сеюним соат носфурӯшӣ кардам, – бо суханони қотеъона нақлашро давом дод ин марди аҷиб. – Аз 7 ноябри соли 1967 то 25 январи соли 1968. Дар ин муддат шаш ҳазору чорсаду бисту нӯҳ тин фоида дидам. Дар хотирам ҳаст, ки бисту нӯҳ тинашро ба писарчаам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дода будам. Падарраҳматӣ дӯкондори мактаб як тин нараси-да бошад ҳам, ба писарам 6-то кулчақанд додааст.

Аслан ман муҳандис шудан мехостам. Як солу се рӯзу на-вад дақиқа дар Донишгоҳи техникӣ таҳсил кардам. Китоби «Иқтисоди сиёсӣ»-ро 213 саҳифаву 2 «абзатс» хондам. Рӯзҳои якшанбе ба чайқовбозор рафта хариду фурӯш мекардаму аз 18 то 80 сӯм фоида ба даст меовардам, мақсад аз хондану муҳандисшавиям пули калон ёфтан буд. Дидам, ки бе хондан ҳам пул ёфтан мумкин аст, аз баҳри хондан гузаштам. Ариза-ам ба номи ректор аз ду ҷумлаву 18 калима иборат буд.

– Расо хотираи қавӣ доштаед, қоил ман, – гуфтам ба ҳамсӯҳбатам, – Шуморо ба китоби Гиннес дохил кардан ло-зим.

– Ман аз солҳои ҳафтоду ҳаштоду навад гап намезанам, – ифтихоромез таъкид кард ҳамсӯҳбатам аз таърифи ман илҳом гирифта. – Ин солҳо барои ман дирӯзу ҳамин саҳар барин. Ҳар як лаҳзаашро нукта ба нукта дар хотир дорам. Бинобар ҳамин, бо Шумо аз солҳои шастум гап мезанам. Чоруми сен-тябри соли 1967 рӯзи чоршанбе буд. Субҳи барвақт як мошин себ бор карда (2 тоннаву 43 килову 600 грам буд) озими Бухо-ро шудем. То Қаршӣ бо суръати якум рафтем, он тарафаш бо суръати дуюму сеюм. Дар даромади Бухоро мошин вайрон шуд. Ронанда як соату ҳашт дақиқа андармон шуда, мошинро соз кард. Ман асабӣ шуда, дар ин муддат ҳафтуним дона си-гор дуд кардам (як дона сигорам шикаста буд). Себҳоро ба се ҳазору шаступанҷ сӯму ҳафтоду се тин пул карда баргаштем. Аз он ҷо ба духтарчаам 32-то гулкоғазакро нӯҳтинӣ харида будам…

– Шуморо ҳатман ба китоби Гиннес дохил кардан лозим, ҳатман, – аз сари шавқу эҳсос нидо кардам ман.

Ин дам чашмам ба писарчаи дар паҳлӯи ҳамсӯҳбатам ис-тода афтод, ки ба ӯ хеле монанд буд. Намедонам, чаро то ҳол ба ӯ эътибор надодаам.

– Ин кас писаратон? – пурсидам аз ин марди суперхотира.

– Оре, ҷавоб дод ӯ.

– Дар синфи чандум мехонад? – боз пурсидам.

Ана, дар ҳамин ҷо ҳамсӯҳбатам, ки ман ӯро чун марди до-рои қавитарину нодиртарин хотира ба китоби Гиннес пешниҳод карданӣ будам, даступо хӯрд, хеле андешид ва ниҳоят иқрор шуд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Рости гап, дар хотирам нест.

Ман боз ҳам дар ҳайрат мондам, аммо мӯъҷиби ҳайратам ин дафъа нуктаи дигар буд. Оё чунин «Хотираи қавӣ»-ро ба китоби Гиннес дохил мекарда бошанд?!

## ЧОШНӢ

Сумкаи мактабиям хеле кӯҳнаву ҳарҷо-ҳарҷояш дарида буд. Шармам меомад аз он. Аз ин рӯ, аз модарам хоҳиш кардам, ки барои харидани сумкаи нав ба ман пул диҳад.

– Ҳозир дар даст пул надорам, бачем, – бо таассуф гуфт модарам, – лекин ту ғам махӯр. Пагоҳ рӯзи бозор. Се-чор кило барин чакка гирифта ба бозор барӣ, ҳам пули сумкаат мешаваду ҳам роҳкироят.

Рӯзи дигар субҳи солеҳон ба лагандчае тақрибан панҷ кило чакка гирифта, бо нахустин мошини дучоршуда ба шаҳр омадам. Растаи чаккафурӯшон серодам буд. Лагандчаи чакаамро ба пештахта гузошта, интизори харидорон шудам.

Се-чор ҷавон аввалин шуда ба чаккаи ман таваҷҷӯҳ зоҳир карданд ва бо ангушти ишораташон паи ҳам якчанд маротиба чошнӣ гирифта:

– Мо студент, ҷӯра, арзон намекунӣ?-гуфтанд.

– Ду сомон. Қимат нест, бихаред,-гуфтам дар ҷавоб.

– Намешавад,-розӣ нашуданд студентон ва боз як маротибагӣ чошнӣ гирифта ғоиб шуданд.

– Чакаатон бад набудагӣ барин-ку,-марди ғалчае пайдо шуд назди ман. – Канӣ, як чашида бинем.

Ва ӯ паи ҳам ду маротиба дуангушта аз чакка чошнӣ гирифта, каллаҷунбон гуфт:

– Чаккаи андаке ширин, бача. Закускабоб нест.

Намедонам, боз чанд нафари дигар чошнӣ гирифтанд, яке бинам тахмин як кило барин чаккаам мондааст. Ҳайрон мондам. Чӣ кор карданамро намедонистам. «Хайр, ақаллан ҳамин як килояшро мехариданд», – орзу кардам дар дил.

– Ана, чаккаи олиҷаноб! – гуфтани касе ба дилам оташаки умед афрӯхт, вале ба ангӯштони болормонандаш чашмам афтода ҳуш аз сарам парид. Гумон кардам, ки ӯ экскаватор асту панҷаҳояш хокбардори ону чаккаи ман хоктеппа. Он шахс аз чакка чошнӣ гирифта низ каллаҷунбон гуфт:

– Дар ҳақиқат, чаккаи олиҷаноб, лекин афсӯс, ки кам будааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯ низ рафт. Боз чанди дигар омаданду чошнӣ гирифтанду рафтанд. Бинам ним пиёла чаккаам монда. Сахт аламам кард. Қариб гириста будам. «Хайр кун, бачам» – гуфтани ҷӯгизане маро ба худ овард. Бидуни андешае боқимондаи чаккаро ба ҷӯгизан хайр кардам. Акнунт лагандчаи холӣ дар пеш ҳайрон монда будам: аз баҳри сумкаи нав-ку баромадам, лекин бе пул чӣ тавр ба хона бармегардам? Аз куҷо роҳкиро ёбам? Дар ин анқеша будам, ки зану шавҳари ҷавоне наздам пайдо шуданд.

_Чӣ хел лагандчаи зебо, дадаҷонаш, – гуфта зан ба лагандчаи гулдори ман ишора карда, – айнан ҳамин хелаашро кофта мегаштам. Намехаред?

– Мехарам, ҷонакам, мехарам, – гуфт ҷавонмард ва аз ман нарх пурсид.

– Якуним сомонӣ, – чӣ хел аз даҳонам баромадани ин нархро нафаҳмида мондам. Вале зуд дарк кардам, ки ин микдор нархи роҳкирои мошин то деҳаамон аст. Ҷавонмард бе қилу қол ду яксомониро пешам гузошта, лагандчаро гирифта рафт.

Аламзадаву рӯҳафтода ба истгоҳи автобусҳо омадам. Дар ин ҷо рафиқам Аҳрор дучорам гашт.

– Ҳа Каримҷон, – гуфт ӯ дастамро фишурда, – ба бозор омада будӣ?

– Ҳа.

– Ягон чиз фурӯхтанӣ овардӣ?

– Ҳа.

– Чӣ?

– Чошнӣ!

## БЕБАРОРӢ

Имсол мурғи бахт ба боми оғили мо нанишаст; говамон буқа наовард, яъне қисир монд. Ин маънои онро дошт, ки имсол аз як гӯсолаи олиҷаноби дар оянда гови хубе шуда ҳар субҳу шом як сатил шир медодагӣ маҳрум мондем. Дар замони бӯҳрони иқтисодӣ чӣ бахти сангине омад ба сарамон. Бовар кунед, барои аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳо кардани оилаамон навадунӯҳ фоиз аз ҳамин говамон умед доштем; шир, қаймоқ, чакка, ҷурғот, дӯғ, равған, – ҳамаи ин аҷаб бизнеси сердаромаде мешуд. Лекин ин гови лаънатӣ ҳама умедамонро барбод дод. Як гови дуппа-дуруст шуда дили буқаеро ба даст оварда натавонист. Ҳамсояҳо, ки говашон бомуваффақият буқа раф-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таву шикам дамондааст, бо тамасхур ба гови мо менигаранд. Ҳатто, Шумқори шумнафас гуфт, ки акнун говатонро хавфи пирдухтаршавӣ таҳдид мекунад.

Дилам ба ларза омад: ягон илоҷ бояд кард!

Ана, мавсими навбатии буқаравии говҳо низ расид. Боз ҳам аллакай қариб ҳама гови ҳамсояҳо буқа рафтанду гови сабилмондаи ман ҳар бегоҳ ҳамоно бо як сари қоқаш бармегардад. Бори андӯҳу андеша қоматамро хам карду чашмонамро нам. Ниҳоят, сари хулосае омадам: яқин, говам дилкашу дилрабо нест, аз ин рӯ диққати буқаҳоро намерабояд. Гап байни худамон, ҳамин янгаатон ҳам то ба мактаби олӣ дохил шуда, ба сару тан, атру упояш диққат медодагӣ нашуд, ҳарчанд ҳамсояамон буд, ҳеҷ диққати маро ба худ намекашид, ки намекашид…

Бо ин андеша як саҳар говамро тозаяк шустам, бо латтапорае хушк карда, мӯйҳояшро сила зада, молидаву муҷалло сохтам. Пистонҳояшро низ тозаву равғанандуда ва ҷолиб сохтам. Мӯйҳои пешониашро ҷингила намудам. Ба шохаш занҷираи дар мобайн ҳайкалчаи буқачае дошта овехтам. Ба гарданаш порае аз матои навбаромади «миллионерка» печондам. Ҳар ҷо – ҳар ҷои танаш атри фаронсавӣ задам. Хулоса, арӯс барин оро додам говамро. Ҳатто, як илоҷе карда чашмакзаниро омӯхтамаш. Ана, акнун буқаҳои ношукр барои ӯ талош хоҳанд кард. Ва шояд қусури соли гузаштаро баровардда дугонагӣ зояд говакам. Говро ба пода сар дода, рӯзи дароз бетоқатӣ кашидам. Бегоҳӣ як даста гул гирифта, интизори говакам шудам. Ҳатто, барои буқаҳои меовардагиаш як лаганӣ кунҷораи коҳомехта омода намудам. Монда шуда меоянд, охир. Инак, говам бо шох дарро зада вориди ҳавлиямон шуд. Аз қафои он…э-ҳа дар як лаҳза рӯи ҳавлиямон пур аз гов шуд. Лекин дар байни онҳо як буқа ҳам наменамуд: ҳама модагов. Модаговҳо маро иҳота карда, бо кадом як хоҳише сӯям пайваста баъос мезаданд. Ман, ниҳоят фаҳмидам муддаои онҳоро. Ноилоҷ ба орою торо додани ҳар яки онҳо пардохтам. Пас аз ин говҳо нозкунон як-як баромада рафтанд. Ман бо говам танҳо мондам…

Аз байн як-ду моҳ гузашт. Боз ҳам говҳо шикам дамонданд. Гови ман боз қасир монд. Ҳайфи заҳматам, ҳайфи коҳу алафам, ҳайфи…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мардуми деҳаамон беҳуда намегуфтаанд, ки дар сират набошад, сурат ҳеҷ аст.

## НАМКАШҲО

Раиси колхоз пеш аз маросими «ғалбербардорӣ»-ву «чӯҷашуморӣ», яъне маҷлиси ҳисоботиву интихоботии солона панҷ-шаш нафар даҳонкалони атрофашро ба дафтари кораш чеғ зада маддаи дил кафонд.

– Рафиқон, – гуфт ӯ аз ноф болои шиками дамидаашро хорида – хорида, дар атрофи фаъолияти имсолаи мо бо наздикшавии маҷлиси ҳисоботиву интихоботӣ миш-мишҳо пайдо шуда истодаанд. Миш-мишҳои нешдор. Нешҳои заҳрдор. Заҳрҳои қотил. Пеши гапҳоро гирифтан даркор. «Заминро об вайрон мекунад, одамро гап», – гуфтаанд.

– Мақсадатон фаҳмо, – саросемавор миёни гапи раисро шикаста лаб кафонд саркишоварзи колхоз, – шумо ҳамон заминҳои пахтазори аз меъёр зиёд об мондаву камҳосилгаштаро дар назар дошта, бо кинояи заминро об вайрон мекунад» акнун ҳама камомади ҳосили имсоларо ба гардани ман бор карданиед? Не, ин ҳилаатон намегузарад. Камбудиҳои колхоз, гунаҳкорон низ анча. Гови ало дар пода якто не.

– Боз ҳамон гап, – якбора шӯрида рафт мудири ферма, – намедонам, кай ҳамон гови алои ман мемурда бошад, ки аз гапаш халос шавам. О,чандин бор гуфтам, ки ҳамон гови лаънатиямро ман дидаю дониста ба моли фермаи колхоз ҳамроҳ накардам, ки алафи муфт хӯрад. Лаънатӣ аз оғилам гурехта ба он ҳамроҳ шудааст. «Имрӯз ҷудо карда ба хонаам мебарам, пагоҳ ҷудо карда ба хона мебарам» гуфта нияти нек мекардаму ҳеҷ аз серкория дастам намерасид. Ташвишҳои маҷлиси солона гузарад, Худо хоҳад, якумин кори мекардагиям ҳамон гови алоямро ба хонаи худам баргардондан хоҳад буд. Лекин, рафиқон, ҳамин гаппаронию суханбозиро, биёед, акнун як сӯ монед. Рости гап, ҳамаи мо «гап гӯӣ, ҷувол-ҷувол, кор гӯӣ, касали ниммурдаҳол».

Сармуҳосиби колхоз аз суханони охирини мудири ферма ларзид.

– Шумо кӯри худу бинои дигарон, – даҳон гиз кард ӯ ба сӯи мудири ферма, – намедонам ҳамон як-ду ҷувол гандуми аз анбори колхоз бурдаи маро кадом даҳонбефаровезаш ба шумо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хабар дода бошад. Бо ҳамон як-ду ҷувол гандумро бурдани ман ягон ҷои ягон кас кам нашудааст, ба хаёлам. Аслан гирем, ин як-ду ҷувол гандум пеши облойкунии дигарон – чирки дандон. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҳалвоя хӯрад ҳалиму калтака хӯрад ятим».

Ба косаи шӯрбои сармуҳандиси колхоз – Ҳалими Ғафур гӯё хармагас афтод. Ӯ як қад парида, қариб тамоми овозашро сар дода, гуфт:

– Одамони инзамона, хаёлам, чор чашм доранд: ду чашмашон барои худудуи дигараш аз паи дигарон. Ҳамон лаънатии Аҳрор – каҷаларо гуфта будам, ки накун ҳамин хел кора. Не, кард. Яъне, барои қисмҳои эҳтиётӣ гирифтан ба хонаи ман ду –се қуттӣ қанду қандалот, аз ҷумла камтар ҳалво овард. Аз ҳалвояш, ба ростӣ, ки то ҳол як пора ҳам ба даҳон нагирифтаам. Чӣ даркор дуруғгӯӣ. Ба ягон кас, аз ҷумла ба Шумо, рафиқ сармуҳосиб, ҳамон қанду ҳалво лозим бошад, марҳамат, биёеду аз хонаи ман баред. Лекин ин хел пичингпаронӣ кори мард не. Дар урфият мегӯянд, ки…

– Шуд! Бас! –ниҳоят лабрез шуд косаи сабри раиси колхоз, – Дарро задам, девор кафид!

Аз ғазаб вуҷуди раиси колхоз кабинаи мошини шалақ барин меларзид. Ӯ дурудароз чизе нагуфта истод. Ҳозирон як ба дар, як девор каҷ-каҷ нигариста, ҳаросон пасопеш дафтари кори раисро тарк гуфтанд.

## БӮҚАЛАМУН

– Гап ҳамин, Мулло Қобил, ин Соқизода аз ҳад гузаронд, – якбора шӯрида рафт муҳаррири рӯзнома Сафопур сардори шӯъбаи маданият Қобили Собирро ба ҳузураш хонда. –Як зарра ҳам маданият дар вуҷуди лаънатияш намондааст. Боз шон корманди шӯъбаи маданият будаанд. Доимо аз кор қафо мемонад, фӯкаш ҷӯраи ҷонии ҳаво, дар даму нафасаш плитаи бетонӣ пуфак барин бозӣ мекунад. Худат медонӣ, ки чандин сол боз мухбир шуда як хабари лабу лунҷаш дуруст нанавиштааст. Як супориш диҳӣ, чанд нағма пеш меорад, гарданшикаста. Як кори худаш барояд, устухон надоштагӣ барин пеши қадамат ҳазору як қат мешавад, дигарон корафтодааш шаванд, мижааш хам намехурад, гӯё ки тамоми аъзояшро гипс карда бошанд. Ин лаънатӣ дар маккорӣ рӯбая ба як як нӯл мезанад, гӯям, бовар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кун, Мулло Қобил. Кадом як шоири падарраҳмате, хаёлам, маҳз ҳамин Соқизодаи балозадаи моро дар назар дошта гуфтааст:

*Рақибе, зиштkоре, бадгумоне,*
*Зи шарри ӯ бияндешад ҷаҳоне.*

Хулоса, гапи ман ҳамин, ки Мулло Қобил, муросокории ману ту бо ин зоти шариф дигар бас. Ҳамаи ун гуфтаҳои болоии маро дар назар гирифта, мана, аз саҳар боз бедарак буданашро дар назар дошта, зудтар дар бораи ӯ як фелетони сермурчу қаламфур навис. Зуд чоп кунему баъд дар асоси он кафшашро пеши пояш гузорем. Дар ҷояш одами худӣ тайёр. Ҳамин, ки…

Садои занги телефон сухани муҳаррирро бурид.

– Лаббай. Ҳа, редаксия. Муҳаррир. Чӣ? Чӣ? Ӯҳ, бечорае-е, Худо раҳмат кунад. Мо, албатта, меравем.

– Фалок, мусибат, Мулло Қобил, – гуфт муҳаррир гӯширо гузоштаву дар як лаҳза сад фисад тағйир ёфта, – Соқизода аз садамаи мошин ба ҳалокат расидааст. Вай фелетон, э, мақолаи гуфтаамро мону зуд як сӯгвории батаъсиру бадард навис. Не, мон, беҳтараш, худам менависам, ӯро ман беҳтар медонам.

Муҳаррир Қобили Собирро ҷавоб дода коғазӣ қалам ба даст гирифт. «Ғаму андӯҳи моро имрӯз мисли уқёнуси ором ҳадду ҳудуде нест, – чун каждум рӯи коғаз хашар-хушуркунон ба ҳаракат даромад қалами муҳаррир. –Ҳамкори мӯҳтарами мо, шахси бениҳоят наҷиб ва кордону дарёдил, рӯзноманигори аз ҳад зиёд варзида Расул Соқизода ба таври фоҷеавӣ, ҳини адои вазифа тамоман ногаҳон чашм аз олам пӯшид. Ин шахси гаронқадр ҳанӯз аз қадамҳои аввалинаш дар рӯзномаи мо маҳбуби ҳамагон гардида буд. Маданияти баланд, ки дошт, ӯро ба кормандии шӯъбаи маданият шоиста донистем ва ҳамин шабу рӯз дар тараддуди ба ӯ вогузор карданисарварии ин шӯъбаро доштем. Хеле ва хеле хоксор буд Соқизода. Сараш хам, нигоҳаш ҳалимона ва ҳар як рафтораш, гуфтораш ибратомӯз буд. Қаламаш метавон гуфт, ки мӯъҷизаофаринӣ мекард. Дар иҷрои супоришҳо устухон надошт. Ба дӯшаш тонна-тонна корҳои ҷамъиятӣ бор буд. Фиреб, дурӯғ, танбалӣ ва тамаллуқ хислатҳоро доим маҳкум мекард. Эҳ, ҷони одам, обрӯю эътибори рӯзнома буд Соқизодаи мо. Шоире маҳз дар ситоиши ӯ гуфта:

*Рафиқи неккору некноме,*
*Сазад бар ҳар сипосу эҳтироме.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҷаҳон гар сад ҳазорон мард дида,*
*Надида мисли ӯ воломақоме.*

Хотираи неки Расул Соқизода як умр дар қалбҳои мо боқӣ хоҳад монд.

Ҷои ту дар шӯъбаи маданияти рӯзнома низ дер гоҳ холӣ хоҳад буд, дӯсти бузургвори мо!».

## САФАРИ БЕБАРОР
(Ҳаҷвияи фантастикӣ)

Дар сайёраи Само олимон сертараддуд буданд. Сарварони ин сайёраи олитамаддун, ки аз вазъи ҳама минтақаҳои Замин мунтазам огаҳӣ доштанд, бо кадом як сабабе маҳз ба Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир карда, ба қарор омаданд, ки бо он дар тамос бошанд, ба такомулаш алоқадри ҳол дасти мадад дароз бикунанд. Бо ин мақсад ба Тоҷикистон намояндагони Само фиристода бояд мешуданд. Бо нияти бевоситаву самимӣ ташкил намудани гуфтушунид Ҳукумати Само оқилона қарор дод, ки қабл аз ба Тоҷикистон паридан намояндагони Само бо забони ин давлатро омӯзанд. барои омӯхтани ин забони аз нуқтаи назари Сомониён хеле ширину гӯшнавоз ва муқтадир ду маротиба аз Само ба замин ба мӯътабартарин китобхонаи замин – китобхонаи марказии Бритониёи Кабир парвоз ташкил карда шуд. Онҳо аз ин китобхона китобҳои мӯътабарии «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Чароғи ҳидоят», «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро бо худ бурда, аз рӯи онҳо дар андак муддат забони форсии тоҷикиро амиқ омӯхтанд, зеро шавқу муҳаббат роҳбарашон буд.

Ниҳоят, киштии байнисайёравӣ ва ҳайати он пурра омодаи сафар гашт. Ба киштӣ номи тоҷикии «Некрой» ниҳода, онро ба ҳуруфи форсии арабиасос ва бо оби тилло дар паҳлӯяш хаттотӣ намуданд. Дар паҳлӯи дигари киштӣ сатрҳои зерин сабт гашта буданд:

*Шеваи шевост бо лафзи дарӣ,*
*Оламе бо мост бо лафзи дарӣ.*

Рӯзи гусел ҳайати кайҳоннавардон бо олимони Само, ки низ чанд нафаре аз эшон забони давлатии Тоҷикистонро аз худ карда буданд, бо забони форсии тоҷикӣ хайрухуш намуданд.

«Некрой» рӯзе аз рӯзҳои тобистон дар яке аз пуштаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сабзпӯши дараи Варзоб бомуваффақият фуруд омад. Намояндагони Само ханда бар лаб, бо чеҳраи кушод ба назди як гурӯҳ ҷавонон, ки рӯи сабзаҳо ғелида истироҳат доштанд, омаданд.

– Дуруд бар миҳандорони наҷиби форс!-наздик омада, бо самимияти саршор нидо кард сарвари намояндагони Само.

Ҷавонон дар ҳайрат монданд ва чизе нафаҳмиданд аз ин нидо.

– Чӣ мега? –суол карданд ба якдигар китф ба ҳам кашида.

– Чум,, – низ ҷавоб мегуфтанд ба ҳам.

Намояндагони Само аз беҷавоб мондани саломашон даступо хӯрда бошанд ҳам, зуд худро ба даст гирифтанд ва гуфтанд:

– Ташрифи мо аз Самост ҷиҳати робита бо шумо – форсиён. Ниҳоят, тоқати яке аз ҷавонони ҳузарб тоқ шуд магар, ки ду-се қадам сӯи намояндагони Само партофта, шервор ғуррид:

– Чӣ мегӣ, братишка? Гапта канкретнӣ бгу, тоҷикӣ бгу ё худта убра-ку а иҷа, агане каратет мекнам.

Бечора Самоиён чизе чизе нафаҳмиданд аз чунин суханронии ҷавонони тоҷик. Ва дарзамон тамоми вожаҳои «Ғиёс-уллуғот», «Бурҳони қотеъ», «Чароғи ҳидоят»«-у «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро аз хаёл гузарониданд, таҳлилу таркиб намуданд, вале бенатиҷа.

Яке аз Самоиён бо эҳтироми тоҷикона як даст пеши бар ниҳода бо дасти дигар аз дасти ҷавоне гирифта, ба болотар бурду кишти кайҳониро нишон дода, «Некрой», «Некрой» гуфт, то аз матлаби некашон огоҳ бошад. Чун ҷавон ба назди рафиқонаш баргашт, аз ӯ пурсиданд:

– Чӣ мега?

Ҷавон , ки аз шимоли Тоҷикистон буд, гуфт:

– Ино, хиёлам, а ким-куҷо. Ракета қати омадагӣ. Ракеташон, хиёлам, нигрол қатӣ мегаштасту нигоролбакаш пустой шудас. А моён нигрол мехоҳанд, а фаташ.

– Мо ба инора бази нигоролем?!-бо зарда гуфт ҷавони ҳузарб. Самоиёни ҳайратзада боз ба ҳам чизе нафаҳмиданд аз суханрониҳои онҳо, чунки соф тоҷикии асил буд гуфторашон.

Ниҳоят, косаи сабри ҷавонон лабрез шуд. «Инҳо моро масхара мекунанд», – ба хулоса омаданд онҳо ва барои адабашонро додан Самоиёнро ба иҳота гирифтанд. Самоиёни бофаросат дарёфтанд, ки чӣ ҳодисае анқариб ононро интизор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аст. Аз ин рӯ, ба киштияшон фирор карда, таъҷилан роҳ сӯи Само пеш гирифтанд.

Дар Само олимон ҳодисаи мазкурро амиқ таҳқиқ карда, ба хулосае омаданд, ки «Некрой» на ба Тоҷикистон, балки саҳван ба кадом як минтақаи дигари Замин фуруд омадааст. Ва аз нав пардохтанд баҳри дақиқ муайян намудани мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон дар сайёраи Замин.

## НОМАИ ОШИҚОНА

Шахсе нома ба маҳбубаи хеш бинвишт ва ҳарчанд шикастатабъу кундфаҳм буд, бисёр-бисёр мехост, ки ин нома муассир бошаду ҳадафгир. Аз ин рӯ, онро такрор батакрор таҳрир кард ва ниҳоят, ба як дӯсти наздикаш бихонду маслиҳат баҳри такмилаш бипурсид. Дӯсташ посух дод, ки нома бисёр хуб нигошта шуда, вале дар он баҳри боз ҳам ҷаззобтар шуданаш истифода аз зарбулмасалу мақоли мувофиқ бояд кард. Ин маслиҳат ҷавонро басо хуш омад ва бар ин замина номаро аз нав ба риштаи таҳрир кашид, ки билохира чунин шакл гирифт:

«Салом, дилбари ширину нозанини ман! Чун даъвати самимии маро пазируфтиву наздам наомадӣ, худ хостам назди ту равам, зеро «ё хара пеши бор ё бора пеши хар» гуфтанд. Вале бо сабабҳое рафта натавонистам ва акнун ин номаро мефиристам. Агар нуктае аз он ба табъи нозукат мувофиқ наояд, ё сабабгори озурдагият гардад, умедворам, ки устуворӣ ва сабурӣ мекунӣ, зеро фармудаанд: «лагади харро хор мебардорад».

Росташро гӯям, дар ин миён баъзе нотавонбинон туро ба ман хеле бад гуфтанд, «аз пода пеш чанг макун», «рӯбоҳа нагирифта, пӯстин надӯз», гуфтанд ва таъкид карданд, ки бо ӯ ҳамхона нашав. Лекин ман ҷавобашон додам, ки не, аз «оғили холия гови шохзан беҳ», хонаамро бо ҳастии ӯ пуру пурнур хоҳам кард.

Ман туро хеле ва хеле дӯст медорам, азизам! Таклифи маро лутфан қабул намову бо ман ҳамхона шав. Ин барои ту ҳам хуб хоҳад буд, зеро мардум беҳуда нафармудаанд, ки «қӯрбоққа шӯ дорад, обрӯ дорад». Ҳикматест оличаноб, ки «шутур калон, яғираш ҳам калон», ман медонам, ки ту аз ошёнаи баландӣ ва хароҷоте калон мехоҳӣ, аммо ман ба ҳамааш омодаам. Бидон, ки «хонаи гург бе устухон нест», азизам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Умедворам, ки таклифи маро рад намекунӣ ва ман низ бо афсӯс намегӯям, ки «корам ба кал афтод, кал ҳам ба ноз афтод». Дар воқеъ, аз синну солам бепарво бош, ҳамааш хуб мешавад, охир «зани ҷавону шӯи пир, сабад мону ҷӯҷа гир» гуфтаанд-ку, ҷонакам!

Хоҳиши он дорам, ки ба ин номаи мухтасари ман ҷавобе мувофиқ бидиҳӣ ва маро сарафроз намоӣ. Бо ҳамин умед номаамро хотима мебахшам ва алҳол «аз хирс мӯе» гӯён бо як бӯсаи ҳавоӣ аз ту қаноат мекунам.

Саломат бош, азизам!

## АЗИЗИ ДИЛАМ, ЗУЛАЙХО!

Сафедгулак деҳест сабзу хуррам дар канори шаҳр. Басо ободу зебост ва барои зиндагии осудаҳолона ҳама гуна шароиташ муҳайё.

Сиёҳгулак бошад, деҳест нообод, дур аз шаҳр, дар бағали кӯҳҳо ва рӯзгори мардумаш хеле гарон.

Ман ифтихор дорам, ки аслан Сафедгулакиям, вале инак, қариб даҳ сол мешавад, ки дар Сиёҳгулак «сари кафидаамро зери тоқӣ карда» зиндагӣ дорам. Сабаб мепурсед? Майлаш, мегӯям. Аздусар рӯзе гузоратон ба Сафедгулак меафтаду хоҳнохоҳ аз қиссаи ман огоҳӣ меёбед. Аз яквачаба то садвачаба ҳама огоҳанд дар ин макон аз қиссаи ман. Ба гумонам, бачаҳои Сафедгулак дар мактаб ҳама ба ҷои ҳикояҳои «Китоби хониш» қиссаи маро мутолиа мекунанд.

Шафтолуи гап ҳамин, ки қариб даҳ сол пеш аз ин як рӯз ман бо ҷӯраам Шоҳвалӣ ба хонаи дӯсти ӯ ҳамдеҳаамон Шоҳқурбон меҳмон шудем. Шуморо намедонам, лекин ман арақи муфт ёбам, ҷигарсӯхтаҳо барин менӯшам. Аз ин рӯ, дар хонаи Шоҳқурбон расо нӯшидам. Каму беш ёд дорам, ки Шоҳвалию Шоҳқурбон аз нӯшидан ба қадри имкон худдорӣ мекарданд…

Давоми ҳодисаро бевосита худам намедонам. Тафсири онро рӯзи дигар аз забони Шоҳвалӣ фаҳмидам. Хулоса, дар хонаи Шоҳқурбон ман ниҳоят масти шатала шудааму аввал расо аз ишқу ошиқӣ лаққида, худро Маҷнун муаррифӣ кардаам ва билохира тоқии Шоҳқурбонро аз сараш рабудаву ӯро дар хиҷолат мононда (Шоҳқурбон кал будааст!), бо тоқӣ «дойра» зада, овози чун радиои шалақ «пурдеффект»-амро пурра сар дода, ҳофизӣ кардаам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Азизи дилам, Зулайхо!*
*Ёри хушдилам, Зулайхо!*

Ман бехабар, Шоҳқурбон Зулайхо ном духтари қадрасе доштааст. Сурудхонии маро шунида, бечора духтарак аз шарм руст мешавад. Модари баду балояш аз ин ҳама ба худ «хулосаи даркорӣ» бароварда, дасту остин бар зада, корди ош дар даст «ҳӯ, шӯрапушти духтарбоз-е, ҳӯ, сакалту-е, ҳоло ту духтари маро аз роҳ баровардании? Ҳоло ту-бешарму ҳаё, рӯйрост дар хонаи худам бо духтари худам ишқварзӣ кардании? Бо баҳонаи меҳмонӣ?! Ҳозир ман ба ту «нишон медиҳам» азизи дилата! – гӯён ба ман модапаланг барин ҳуҷум мекунад.

Хайрият, шавҳараш Шоҳқурбон аз аҳли фаҳм ва марди раҳмдил будааст. Ӯ бо ҳамроҳии ҷӯраам Шоҳвалӣ пеши роҳи модари башӯромадаро мегирад. Дар ҳавлӣ шӯру ғавғо мехезад. Ҳамсояҳо, ҳангоматалабҳо гирд меоянд. Хешу табори Шоҳқурбон аз ҳодиса бохабар шуда, низ ба ман дандон тез мекунанд. Аммо ман беҳису беёд ва бепарво аз ин ҳама бо тамоми қувва «дойра» зада (тоқии Шоҳқурбонро пачақ-мачақ карда), месароидааму месароидаам:

*Азизи дилам, Зулайхо!*
*Ёри хушдилам, Зулайхо!*

Мардум ба се гурӯҳ тақсим шуда будаанд; гурӯҳе (хешу табори хонадони Шоҳқурбон ба «сарлашкарӣ»-и занаш) ба ман ҳуҷум мекардаанд, чанде (Шоҳқурбон, ҷӯраам ва якчанд савобталаб) «хайр, як маст-дия, чӣ гуфтанашро намедонад»,- гӯён маро ҳимоя менамудаанд. Гурӯҳи сеюм гурӯҳи сернуфустарини иборат аз ҳангоматалабону балегӯён будаанд. Ин «спектакл» ягон соат давом кардааст. Охири охирин ду-се тан шербачаҳои деҳа маро ҷуволи каҳ барин бардошта оварда, ба рӯи хонаам партофтаанд…

Се рӯз дастаи зани Шоҳқурбон сари номусу нанг истода, хонаи маро дар муҳосира нигоҳ доштанд. Шиорашон «Ё ҳифзи номус, ё марг!» буд. Ҳар лаҳза ҳаёти маро хатари ҷиддӣ таҳдид мекард. Хайрият, Шоҳвалӣ бо дастаи ихтиёриёнаш ҷон ба гарав истода, маро ҳимоя кард. Ман байни обу оташ монда будам. Аз як тараф тарс, аз тарафи дигар шарму ҳаё азобам медод. Ниҳоят, шӯрои фавқулоддаи дастаи ихтиёриёни муҳофизи ман ба хулосае омад, ки ман бояд фавран ба деҳаи бехавфу дурдаст – Сиёҳгулак фирор кунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Инак, чӣ хел ки гуфтам, қариб даҳ сол мешавад, ки ман сокини деҳаи Сиёҳгулак. Дилам ба ёди Сафедгулак гум мезанад, вале… илоҷ надорам.

## ЗАНБӮР

Нисфирӯзӣ. Ҳаво гарм. Ба оинаи тирезаи дарсгоҳи зоология занбӯре часпида, ғув-ғувкунон гоҳ хазидаю гоҳ қанотак зада берун баромадан мехост. Бачаҳо гӯшаи чашм ба занбӯр бо ҳарос менигаристанд. Мувофиқати аҷибро бинед, ки ин соат муаллим ҳам дар мавзӯи «Занбӯр» сухан мекарданд.

– Аҷаб ҳашаротест занбӯр, – мегуфтанд муаллим. – Буду шудаш фоида. Барои бештар фоида гирифтан онро нағз донистан лозим аст. Мутаасифона, аксари шумо аз занбӯр метарсед. «Мегазад» гуфта. Лекин то имрӯз ин ҷонварак касеро беҳуда нагазидааст. Ҳа, бачаҳои азиз, шумо аз он натарсед. Касе, ки аз занбӯр метарсад, медонед, чӣ гуна кас аст? Буздилтарин шахс аст ин гуна одам. Махсусан, шумо, ки ояндаи мо ҳастед, буздил нашавед, далеру ҷасур бошед. Дар вақташ мо аз бомбаву самолётҳои қиркунандаи душман наметарсидем, шумо бошед, аз занбӯр метарсед. Эҳ, бачаякони нодон!

Ин дам ногаҳон хонандае ҳаросон нидо кард:

– Занбӯр!! Ана-ана парид, ҷониби мо меояд! Во-о-й, мегазад!!!

Синфро воҳима фаро гирифт. Гурӯҳе дар ҷои нишаст вобаста ба самти парвози занбӯр хаму рост мешуданд, чанде сарҳояшонро зери миз кашиданд, ду-се нафар то дари синф давида, онро кушода баргаштанд, иддае аз тарс аз ҷой ҷаста безобита гаштанд. Вале ин ҳама дер давом накард. Шояд аз таъсири суханони навакак гуфтаи муаллим бошад, ки хонандагон зуд худро ба даст гирифта, ором гаштанд ва ҳама бовиқор нишастанд.

Занбӯр чун самолёти разведкавӣ ду-се маротиба фазои синфро давр заду аз дари кушода дарсгоҳро тарк гуфт.

«Хайрият-е!» – нафаси осуда кашида, аҳли синф ба шунидани идомаи дарс омода шуданд. Вале муаллим ку? Худоё, куҷоянд он кас?! Яке чашми аҳли синф ба паси мизи муаллим афтод. Диданд, ки он кас беҳушу беёд дароз хобидаанд. Хонандаи зираке зуд об оварду каме ба рӯи муаллим пошид. Муаллим андаке ба худ омаданду бо чашмони ҳаросон ба ҳар сӯи синф нигариста пурсиданд:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Рафт?
– Чӣ рафт? – нафаҳмиданд шогирдон.
– Занбӯр!

## БЕМОРИ САЙЁР

Аҷаб замонҳое шудааст. Пардаи рӯи мардум дарида. Агар ҳамин тавр намебуд, магар як коргари қаторияш ба сарвари тарабхонаи овозадори «Кайфу сафо» Шодӣ Раҳматзода рӯйрост «Як зиёфатча дорам, камтар гӯшт даркор, ҳар рӯз Шумо мебаред, як рӯз мо ҳам барем», – гуфта даҳон инҷ мекард?! Дар ҷавоб сарвари тарабхона бо асабоният ва бо тамоми қувва мушт бар миз кӯфт. Ва ҳама моҷаро аз ҳамин ҷо оғоз ёфт. Не, он коргараш ба Шодӣ Раҳматзода чизе нагуфта, гӯсфанди явош барин баромада рафт. Лекин дасти ба миз кӯфтаи Раҳматзода варам кард. Лат хӯрд аз афташ. Ба духтур муроҷиат кард ӯ. Духтур сарвари тарабхонаи овозадорро дар қабулаш дида, чун сайёди сайди кайҳо боз интизорбудаашро бадастоварда гулосо шукуфт.

– Дастатон сахт лат хӯрдааст, – воҳима кард ӯ, – ҳатман дар беморхона табобат кардан лозим.

Дар шӯъбаи захму осеб Раҳматзодаро бо камоли майл пазируфтанд. «Ба чунин шахс хизмат кардан, ба чунин шахс шиносу наздик шудан айни муддаост», – сари чунин ақида буд сардухтури шӯъбаи захму осеб.

Дигар сардухтурҳо ба ӯ рашк мебурданд. Ниҳоят, сардухтури шӯъбаи амрози дил тоқат накарда, ба назди сардухтури шӯъбаи захму осеб омад.

– Ту хушбахтӣ, ки Раҳматзода лат хӯрду бемори ту шуд, – ҳасрат кард ӯ ба ҳампешааш, – акнун дар тарабхона ҷои фахриву маишати олиҷаноб насибат. Биё, ӯро ман ҳам камтар меҳмон кунам.

– Агар тавонӣ, марҳамат, – розӣ шуд сардухтури шӯъбаи захму осеб, ки аллакай обро ба лаби ҷӯй баробар карда буд.

Ва сардухтури шӯъбаи амрози дил ба назди Шодӣ Раҳматзода омаду чун бародари ҷонӣ оғӯшаш кашид ва ӯро муоинакунон калла ҷунбонду афсӯс хӯрд:

– Осеби дастатон хеле ҷиддӣ, ба дилатон хеле таъсир гузаронидааст. Аз ин рӯ, як-ду рӯз дар шӯъбаи мо табобат гирифтанатон лозим.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дарди дасти Раҳматзода кайҳо шифо ёфта буд, вале аз воҳимаи духтури амрози дил ба ташвиш афтода, ба таклифи ӯ розӣ шуд. Худи сардухтури шӯъбаи амрози дил Раҳматзодаро ба аробачае шинонда, чун паҳлавони дар бузкашӣ ғолибомада бо ифтихор ба шӯъбааш овард ва ҳуҷраи бемории Раҳматзодаро қариб, ки «филиал» – и хонаи худ сохт.

Се рӯзи пурра нагузашта, ба ин шӯъба духтури шӯъбаи амрози асаб расида омад ва пеши ҳампешааш – сардухтури шӯъбаи амрози дил гардан кач кард.

– Мо ҳам баъзан меҳмонамон, ёру ошноҳоямонро ба тарабхона мебарем, ба мо ҳам хӯроки болаззат маъқул, табассуми пешхизматон низ, – гуфт ӯ.

Мақсадаш маълум буд: «меҳмондорӣ» – и Раҳматзода.

Сардухтури амрози дил, ки аллакай дар дафтари ошноҳои сарвари тарабхона номнавис гашта буд, лутфан розӣ шуд. Ва Раҳматзодаи сиҳату саломатро ба шӯъбаи бемориҳои асаб гузарониданд.

Сарвари тарабхона ҳарчанд даъвои саломат будан мекарду рухсати рафтан мехост, ҳеҷ қабул намекарданд. Бо ҳазору як бурҳони қотеъ собит мекарданд, ки ин узву он узваш аз латхӯрии дасташ таъсир бардоштааст. Ва ба ҳазор ҳурмату эҳтиром чун меҳмонии фахрӣ шӯъба ба шӯъба мебурданд Раҳматзодаро. Ӯ чӣ кор кардан ва чӣ тавр халос хӯрданашро намедонист аз ин бало. Ниҳоят, бо ҷонишинаш, ки ба хабаргирии ӯ омада буд, аз ин хусус маслиҳат кард. Ҷонишинаш, ки дар рамузфаҳмӣ ва айёриву макру фиреб Раҳматзодаро ба як нӯл мезад, ҳамчунин хабаргирии Раҳматзода низ ба дилаш зада буд, пас аз андаке андеша ба сарвараш маслиҳати олиҷанобе дод. Мувофиқи ин маслиҳат ӯ бо сардухтури шӯъбаи амрози чашм (Раҳматзода ҳоло ин ҷо табобате меёфт), фармони сохтаеро дар бораи аз вазифа озод шудани Раҳматзода нишон дод. Худи ҳамон лаҳза «бемори фахрӣ» – Рахматзодаро аз беморхона, гуфтан мумкин, ки ронданд. Касе гуселаш накард, касе «дигар бемор нашавед» нагуфт. Балки ҳама аз хизмату саховатмандиҳои бар ҳадар рафтаашон афсӯс хӯрданд.

Танҳо сардухтури шӯъбаи бемориҳои рӯҳӣ бепарво буд: ӯро хушбахтона, навбат нарасид, ки Шодӣ Раҳматзодаро ба «девонахона»-аш бурда, ба ин васила бо ӯ «ҷону ҷигар» шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Мудири мактабамон маро ба наздаш даъват намуда, бе шаф-шаф гуфт:

– Дарсҳоятон, муаллим, шавқовару ҳаётӣ не, якранг бе аёният. Охир, дарси адабиёт имконоти зиёд дорад-ку. Ҳар дарси адабиёт бояд лабрези навоварӣ, эҷодкорӣ бошад. Лекин дарсҳои шумо… Гап ҳамин, аз паи такмили ихтисос шавед.

Рости гап, ин ҳамаро беғаразона, бо дили соф гуфт мудир. Аслан, дили ӯ мошини «Волга»-аш барин сап-сафед. Вақтҳои охир худам ҳам ин камбудиамро рӯшан ҳис мекунам. Аз ин рӯ, хостам, дар заминаи навоварию эҷодкорӣ дастҳоямро шавқовару рангин созам. Ҳо, ба мудир нишон хоҳам дод, ки аслан ба чӣ қодираму чӣ ҳарнарҳое дорам. Бо ин ният ба нақшаи дарсҳоям нигаристам, ки дарси навбатиям – қиссаи «Марги судхӯр»-и Айнӣ. «Айни муддао», – гуфтам дар дил ва фикр карда-фикр карда, як методи зӯр ёфтам; аввал мазмуни қиссаро нақл мекунам, сипас хонандае чанд аз он саҳначаеро, аниқтараш саҳначаи «Қорӣ-Ишкамба дар сартарошхона»-ро иҷро хоҳанд кард. Мудири мактабро даъват мекунам, бигузор бубинаду қоил шавад.

Зуд се-чор хонандаи фаъолро чеғ зада, мақсадамро фаҳмонам ва якчанд маротиба саҳначаи мазкурро ҳамроҳашон машқ кардам. Ба нақши Қорӣ-Ишкамба диққати махсус додам. «Пурхӯрии ту бояд аз ҳар як ҳаракатат, ҳар як суханат рӯшан аён бошад», – гаштаю баргашта таъкид намудам хонандаеро, ки ин нақшро мебозид.

Ба дарси навбатиям мудири мактаб ҳам даромад. Дарс мевофиқи нақшаи пешакӣ ва бомуваффақият мегузашт. Дуздида-duздида ба мудир менигаристаму аз чеҳраи ӯ осори ризоиятро хонда, боз ҳам илҳом мегирифтам.

Саҳначаи «Қорӣ-Ишкамба дар сартарошхона» аҳли синфро ба шавқ овард. Хонандагон нақшҳои худро моҳирона иҷро мекарданд. Дар поёни саҳнача Қорӣ-Ишкамба мебоист аз сартарошхона (аз назди тахтаи синф) баромада равад. Яъне, як маротиба аз дари синф баромада, лаҳзаяке пас даромада, ба ҷои худ рафта шинад. Ана, дар ҳамин ҷо ҳамаи кӯшишу нақшаҳоям барбод рафтанд. Аниқтараш, хонандае, ки нақши Қорӣ-Ишкамбаро мебозид, аз дар баромаду дигар барнагашт. Ду-се дақиқа интизор шудам, бедарак. Берун ба-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

роям, нест. Кофта-кофта ӯро аз ошхонаи мактаб ёфтам. Дар пешаш ду-се хел хӯрок чун Қорӣ-Ишкамба фашшасзанон мехӯрд. То пеш-пеш карда, ба синфхона овардам, ки занги баромад шуд. Дарс нотамом монд. Мудир бо таассуф ғур-ғуркунон аз наздам гузашта рафт…

Тамоми рӯз асабӣ будам. Хайрият, ки муаллими кӯҳансол Тӯразода бо суханҳои хушу рӯҳбаландкунанда хеле таскинам доданд. Мувофиқи маслиҳати он кас аз нав пой бар рикоби аспи ғайрат гузоштам. Дарси навбатиам шеъри Мӯъмин Қаноат «Мавҷҳои бародарӣ» будааст. Ёдам омад, ки як вақтҳо ба хониши ифоданок шавқи зиёд доштаму ба ҳунарварони номии ин соҳа пайравӣ мекардам. «Пагоҳ шеъри мазкурро ончунон ҷаззобу муассир хонам, ки ҳама (мудир низ) қоил шаванд», – аз дил гузаронидам ман ва то нисфи шаб сабти хонишҳои Маҳмуди Воҳидро гаштаю баргашта гӯш кардам, аз ӯ илҳом гирифтам. Рӯзи дигар бо дили пур ҳамроҳи мудир боз чор нафар омӯзгорро ба дарсам даъват намудам. Қисми аввали дарс хуб гузашт. Дар қисми дуввуми дарс аввал мазмуни шеърро нақл карда, дар омади гап аз чанд нафар шаҳидони Ҷанги Ватанӣ аз деҳаамон ёдовар шудам. Сонӣ, як гулӯ равшан карда, бо тамоми истеъдод ба қироати ин шеъри ҳузновар, яъне «Мавҷҳои бародарӣ» оғоз намудам. Дар давоми хониш ҳис мекардам, ки таҳти таъсири қироати ман аҳли синф хеле мутаассир гаштаву ба риққат омаданд. Ин аз муваффақияти ман дарак медод. Банди охирини шеърро боз ҳам муассиртар мехондам, ки ногоҳ хонандае тамоми овозашро сар дода гиря кард. Аз таъсири ин боз ду-се хонандаи дигар худдорӣ карда натавониста, бо ӯ «ҳамовозӣ» намуданд. Чӣ шӯру мағале бархост дар синф! Хайрият, чор муаллимро давъат намуда будаам; бо ёрии онҳо ва мудири мактаб як илоҷ карда, синфро хомӯш намудем, аниқтараш тасаллӣ додем. Нав синф ором шуда буд, ки занги баромад садо доду дарс боз нотамом монд.

Тамоман рӯҳафтода шудам. Чӣ кор карданамро намедонистам, ки хайрият боз ҳамон Тӯразода ба имдодам омаданд. «Мард бояд ки ҳаросон нашавад» – гӯён аз паи дарёфти усули дигаре шудам. То мудирро қоил накунам, намемонам. Ва ба нақшаи дарсҳоям нигаристам. Мавзӯи дарси навбатиям – «Тасвири манзара». Чӣ тавр бояд бигзарам онро? Расо майна об карда, ниҳоят дарёфтам; аз усули Кашпировский эҷодкрона истифода хоҳам кард. Яъне, бо сеҳру нерӯи сухан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мавзӯи навро дар майнаи онҳо ҷой хоҳам дод. Бо ҳамин ният «Манзараи баҳорон» ном матнеро интихоб карда, то нисфи шаб гаштаю баргашта, зери лаб ғунгосзанон машқ кардам, то дараҷае ки завҷаам «Мабодо майнаатон беҷо-ку нашудааст?» – гӯён қариб ёрии таъҷилӣ даъват карда буд.

Рӯзи дигар бо дили пур ҷасурона боз мудири мактаб ва дусе муаллимро ба дарсам даъват намудам. Ин дафъа чеҳраи мудир хавотиромез менамуд, лекин аз ин парво накардам. Дарс сар шуд. Хонандагон ҳар кадоме минзараеро хаёлан тасвир мекарданд, тавсифашро ба забон меоварданд. Нақлҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, «акнун ба ман гӯш диҳед» гуфтам. Сипас, даъват намудам, ки дуруст нишинанд ва агар хоҳанд, чашмҳояшонро пӯшида ва сарашонро болои дастҳояшон гузошта, бодиққат ба суханони ман гӯш кунанд ва ҳар кӣ мегӯям, ба хаёл оваранду бо тамоми ҳастӣ ба он дода шаванд. Пас аз ин таъкидот бо тамоми ҳунар ба нақл оғоз кардам: – Фасли баҳор. Ҳама ҷо сабзу хуррам. Шумо дар болои теппае осуда, бофароғат рӯи сабзаҳои навдамида дароз кашидаед. Насими форам сару рӯятонро сила мекунад. Хониши мурғакон ба гӯшатон чун суруди ҳиндӣ ҳаловат мебахшад, тану ҷонатон роҳат мекунад…

Нақламро ба анҷом расонда, аз муваффақияти наздикомадаам дар дил шавққунон ба хонандагон «акнун ҳама ба худ оед, сарҳоятонро бардоред», – гуфта хитоб кардам. Ҳама сар бардоштанду ду хонанда не. Бинам, хобашон бурдааст. Ин дам боз овози хурроккашии чирросие диққати аҳли синфро ба худ кашид. Нигарем, мудири мактаб низ хобидаву хуррок мекашид. Ними синф механдиду нимаи дигараш дар тааҷҷуб буд…

Пас аз анҷоми басти аввал мудири мактаб маро ба идорааш даъват намуда, андешамандона бо қалами дасташ ба рӯи миз хеле тиқ-тиқ зада, пасон бо қатъият гуфт:

– Дигар аз паи такмили ихтисос, ҷустуҷӯи усулҳои наву шавқовари дарсҳо нашавед, домулло. Бо ҳамон усулҳои пештаратон дарс гузаштан гиред. Ба Шумо ҷавоб.

## ҚОНУНИ ЗАБОН

Садои занги телефон пинаки сарвари мактабро халалдор кард. Ӯ ҳаросон гӯширо бардошта, паиҳам «лаббай, лаббай»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гуфт. Мудири шӯъбаи маориф фармон медод: – Ба татбиқи Қонуни забон диққат диҳед. Ба назди дастаи махсуси вазорат аз ин ҷиҳат кори мактабҳои ноҳияамонро месанҷад. Амалро беҳтараш аз мураттабсозии нақшаи махсус оғоз намоед. Корро кашол надода дар ду-се рӯз Қонуни забонро ба амал татбиқ кунеду монед…

Сарвари мактаб гӯширо гузоштан баробар саросемавор аз ғалладони мизаш чанд варақеро гирифта, чизе навиштан хост, аммо ҳарчанд зӯр мезад, ҳеҷ илҳомаш намеомад. Котибаро фармуд, то чои талх оварад. Чой ҳам мадад накард. Бо амри ӯ котиба ҷонишинашро даъват кард. Сарвари мактаб ҷонишинашро аз воқеа огоҳ намуд ва ҳарду ба фикр ғӯтавар гаштанд. То нисфи шаб ҳамкорӣ намуда, ниҳоят нақшаи татбиқи Қонуни забонро дар мактаб мураттаб сохтанд ва як нусхаи онро худи ҳамон шаб ба девори мактаб овехта, гӯё поракӯҳи азимеро талқон карда ва ё қуллаи осмонбӯсеро фатҳ намуда бошанд, як чуқур «уф-ф-ф» гуфта, сонӣ хушҳолона ҳамдигарро сахт ба оғӯш гирифтанд бозингарони аз майдон ғолиб баромадагӣ барин. Инак, нақшаи мазкур:

**ПИЛАНИ**

*мероприятиҳо барои иҷорои Қонуни забон*

1.Бо гапи адабӣ абиспечит кардани ҳамаи маълимои мактаб.
2.Виговор додан ба онҳое, ки забони тоҷикиро бо забонҳои дигар аралаш мекунанд…
3.Гузаронидани пиразники забон ва дигар мероприятиҳо.
4.Пастаяни зӯр ва чотка гузаронидани дарсҳои забон ва адабиёт.
5.Дар теппи дари мактаб овехтани лозунги «Саломи шӯълавар ва Қонуни забони тоҷикӣ!»
6.Културни римонт кардани кабинети забон ва адабиёт.
7.Бо кино, нагладной пособия абиспечит кардани маълумоти забону адабиёт.
8.Буровардани расписани барои дарсҳои дапалнителни аз забону адабиёт.
9.Бо китобҳои тоҷикӣ пур кардани полкаҳои библиотекаи мактаб.
10.Бо учебникҳои забону адабиёт абеспечит кардани хонандагони ҳамаи классҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

11. Аз ҳисоби учаскаи таҷрибавии мактаб ҷудо кардани 50 бандӣ алаф ба говҳои маълимони забону адабиёт.
12. Буровардани газиту фотомантажҳо, уголокҳо дар таърифи забону адабиёт ва Қонуни забон.
13. Гузаронидани субботник бо мақсади думчамонӣ ба ҳарфҳои х, ч,ҷ ва к-и варақаҳои чопи мошинкаи мактаб.
14. Ҳар саҳар гузаронидани питиминутка бо маълимои забону адабиёт 15.Кантарол аз балои беашибка будани ҳамаи дакументои мактаб.

*Директори мактаб: Джамол Норкаллаюф.*

## ОДАМИ БАРФӢ

Як чиз лозим шуду (чӣ буданашро ба касе намегӯям) ба сардори идораамон Шоҳбурутзода муроҷиат кардам. Он кас гуфтанд, ки «янгет занбурӯға аз ман зиёдтар дӯст медорад, агар як халта занбурӯғ орӣ, об ба лаби ҷӯй баробар хоҳад шуд». Гӯр камбағалӣ шавад, барои аз бозор харидани занбурӯғ зӯрам нарасиду ба кӯҳ часпидам. Овораи занбурӯғчинӣ номаълум ба тангное расидаму ногоҳ аз рӯ ба рӯям одами барфие баромад. Ҳарду аз вохӯрии ногаҳонӣ лаҳзае дар баробари ҳам ҳайкал шуда мондем. Одами барфӣ ба одами ҳақиқӣ хеле шабеҳ буд. Ҷисмаш чун вазнбардорон бузург ва тани урёнаш пурмӯй. Башарааш ғазаболуда.

– Салом, – дар ҳолате ки аз тарс меларзидам, чӣ хел аз даҳанам баромадани ин калимаро нафаҳмидам.

– Ваалайкум ассалом, – маро дар ҳайрат монда ҷавоб дод одами барфӣ.

Оҳиста-оҳиста мо бо ҳам унс гирифтем, сӯҳбатамон тафсид. – Ман, – гуфт одами барфӣ, – аслан одамам. Номам Кулӯхалӣ. Сардори як идораи дакаданги сардаромад будам. Ҳар рӯз одамони зиёде ба ман корафтода мешуданд. Аввалҳо аз рӯи виҷдон кор мекардам. Оҳиста-оҳиста бо васвасаи ҳамсарам Васвасабону аз бел афтодам. Аз ҳамаи корафтодагон пора мегирифтагӣ шудам. Дере нагузашта, иштиҳои порагириям «карнай» шудан гирифт. Бовар кунед, ки аз ночизтарин либоси худаму Васвасабону то бузургтарин ашёи хонаамро тавассути пора ба даст меовардам.Ё ҳасадхӯронам зиёд шуданд, ё худ аз ҳад гузарондам, ки гурӯҳе аз корафтодагон ва порадодагон забон як карда маро ба суд доданд. Миёнама,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки маҳкам баста будам, зӯри суд нарасид. Ҷӯраву воситабозӣ ва зиёфаторои карда, аз об хушк баромадам. Аз ин муваффақият иштиҳои порагириям қозгиртар гашт. Лекин, мутаассифона, ман аз об пеш мӯза кашида будаам. Як шаби наҳс гурӯҳе порадодагон забон як карда, ба хонаам даромаданд ва ҳама афзори порадодаашонро аз хурдтарин либоси танамон то қолину ҷевонамон рабуданд. Ману Васвасабону луб-лучи модарзод мондем. Дигар афзорамон намонда буд. Охир, мо чанд сол инҷониб бо пули худ хасе ҳам нахарида будем. Аз шарм аз торикии шаб истифода карда, ба канори шаҳр баромада, дар вайронае руст шудем. Як рӯзро ин ҷо кӯр кардем. Шаби дигар ноилоҷ ба кӯҳ баромадем. Ҳамин ки касеро дучор меомадем, аз шарм зуд руст мешудем. Оҳиста-оҳиста ба зиндагии нав дар шароити кӯҳсор одат кардем. Шумо дар ин ду соли ғарибии мо дар кӯҳсор нахустин одамед, ки бо ман сӯҳбат мекунед ва аз он воқеа огоҳ гаштед. Хоҳишмандам, ба касе аз ин хусус лом нагӯед.

– Васвасабону куҷост? – пурсидам аз одами барфӣ.

– Ӯ навакак аз паси ман буд (солҳои одам буданамон пешпешам мегашт). Шуморо дида яқин руст шуд. Охир, ӯ (мебахшед) чун ман урён аст.

Ин дам чизе шароққос зада рафт. Одами барфӣ яқин аз чизе хавотир шуда, дар як мижа задан аз назар ғоиб гашт…

Ман аз кӯҳсор бо халтаи пурзанбурӯғ баргаштам, вале ба сардори идораамон як дона ҳам набурдам: мабодо сардори мӯҳтарамамон одами барфӣ шавад!

## КАШФИ АСРОР

– Ҳеҷ бовар мекунӣ, ошно, аз сардори идораи сохтмон Ҳатӯли Виқорпур оҳу намерамад. Оҳу-я. Ин ҷонварро медонӣ-ку, барге аз дарахт афтад, то мурданаша мегурезад.

– Не-е, наход оҳуи ваҳшӣ аз одам нарамад, ҳеҷ боварам намеояд.

– Ба дастурхони пурнозу неъмати собиқ СССР қасам, ки намерамад. Аниқтараш, аз ҳама чизу аз ҳама кас рамида мегурезаду аз Виқорпур не. Ман худам дидам, худам.

Ин гуна сӯҳбатҳоро байни мардуми деҳаи мо, ки канортари шаҳр воқеъ аст, вақтҳои охир зуд-зуд мешунидед. Дар ҳақиқат, ҳодисаи гӯшношунид; аз сокини деҳаи мо, сардори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

идораи сохтмон Ҳатӯли Виқорпур оҳу намерамад. Ман худ бо дурбин дидам, ки дар сари сахраҳои пуштаи назди деҳаамон Виқорпур дароз кашида, радиои дастиашро рӯи шикамаш гузошта, истироҳат мекарду дар атрофаш холабеғамҳо барин тӯдаи оҳувон гаштугузор доштанд. Ҳатто, оҳуе бо фӯкаш ӯро каме такон ҳам дод.

Ин воқеа дар як муддати кӯтоҳ хабари ҷанг барин дар тамоми мамлакат паҳн гардид. Кунҷкобон, бекорон, шубҳагарон, иғвогарон, тӯҳматгарон, дурӯғгӯён, воҳимагарон ва амсоли онҳо аввалин шуда омада, аз асли воқеа хабардор гардида, «тавба» – гӯён гиребон доштаву чашмонашонро молида-молида рафтанд. Баъд духтурон омаданд. Қабат ба қабати Виқорпурро санҷиданд чун ғӯлачӯбе ба ин сӯву он сӯ ғелонда. Рентген ҳам карданд, вале ба ҳеҷ натиҷае нарасида, лаб бурма карда рафтанд. Олимони соҳоти мухталиф омаданду бо Виқопур ҳар хел тадқиқу таҷрибаҳо, муҳоваpаҳо гузарониданд: бенатиҷа. Ҳатто, таҳқиқ карда баромаданд, ки мабодо Виқорпур аз ирқи Маҷнун набошад. Низ бенатиҷа. Рӯзноманигорон ҳам аз натиҷаи сафарашон ба деҳаи мо вобаста ба ин ҳодисаи нодир ҷуз лавҳачаҳое таҳти унвонҳои маъмули «Ҳаводиси аҷиб», «Навигариҳо», «Дар олами аҷоибот», «Хонед, аҷиб аст» чизи ҷиддие навишта натавонистанд.

Ниҳоят, аз ин ҳама бебароpиҳои аҳли илму адаб ба воҳима афтода ва дар айни замон илҳом бардошта, ташаббусро мардуми авом бо сарварии Ғуфрони нимчамулло пурра ба даст гирифтанд. Дар андак муддат байни мардум ривояту ҳикояти зиёде дар бораи Виқорпуру оҳувон паҳн гардид. Ин ҳикояту ривоятҳо мудҳишу даҳшатнок буданд. Мувофиқи онҳо бояд ҳамин шабу рӯз қиёмат қоим мешуд. Ҳодисаи Виқорпуру оҳувон як нишонаи барҷастаи охирзамон будааст…

Воҳима ва тарсу ҳарос рӯз то рӯз афзуда, тамоми диёрро фаро гирифта, думу думчаҳо ва балегӯёни зиёде пайдо карда, аз будаш садчанд зиёд шуда, ниҳоят кори худро кард. Мардум ба таҳлука афтоданд, заводу фабрикаҳо, коргоҳҳо қариб ки аз кор монданд, мамлакат нотинҷ шуд. Худо медонад, ин ҳама бо чӣ анҷом мепазируфт, агар ҳамин духтарчаи ҷингиламӯи ҳамсояи мо, хонандаи синфи даҳум Ҳилола намешуд. Ин балоча ба идораи телевизион рафта ба воситаи он чунин баромад кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Рафиқони азиз, ҳамватанони мӯҳтарам! Вазъияти муташанничи имрӯзаи ватанамон вобаста ба Виқопур ва оҳувон маро бетараф гузошта натавонист. Аз ин рӯ, бо чидду чаҳд хостам, гиреҳи ин муамморо кушоям. Аз китоби зоология хондам, ки оҳувон ҳайвони хеле ҳассосанд. Хурдтарин, ночизтарин чизро зуд дарк мекунанд. Нағз медонанд, ки чӣ ё кӣ бараяшон хавфноку чӣ ё кӣ бехавф. Ҳассосияти оҳувон ончунон баланд, ки ҳатто азму ният, нерӯву қудрат, психологияи одамонро дар лахзаяке дарк мекунанд ва мувофиқи он рафтор менамоянд. Сипас, ман аз рӯи китобҳои «Анатомияи олам»-у «Психология» ба шахсияти Виқорпур яке нигоҳе афкандам. Бо зердастонаш вохӯрдам. Маълум гардид, ки Виқорпур як сарвари хеле кашолкор, бепарво, холабеғам, хушнобиё будааст. Барои аз курсияш хестан қариб ним соат вақт сарф мекардааст, аз кашолкорияш, бепарвоияш нисбати иншоот ҳочати гап ҳам не. Маълум гардид, ки Ҳатӯли Виқорпур, ҳатто агар ба нӯги бинияш пашша шинад, хушаш намеомадааст, ки онро «киш» гӯяд. Чи хел ки дар боло гуфтам, оҳувон ҳассосияти баланд доранд ва бе шакку шубҳае аз ин хислатҳои Виқорпур огоҳ гашта, дар натича нисбат ба ӯ бепарво, аз ӯ намеҳаросидагӣ шудаанд. Ана, ҳамин аст, рафиқон, сирри аз Виқорпур нарамидани оҳувон. Ин чо дигар ҳеч сирре нест.

Ҳамаи онҳое, ки телевизор тамошо мекарданд, гӯё ки дар толоре бошанд, дурудароз кафкӯбӣ карданд. Баромади Ҳилола такрор ба такрор намоиш дода шуд…

Ҳаёти мамлакат аз нав ба эътидол омад. Заводу фабрикаҳо, тамоми коргоҳҳо бо иқтидори том ба кор даромаданд. Ҳатто, кор дар идораи сохтмон авч гирифт (зеро Виқорпурро кафш пеши по гузоштанд).

Ҳама ба Ҳилолаи чингиламӯй офарин мегуфтанд. Мишмиш ҳаст, ки барои ин кашфиёташ ӯро ба кадом як мукофоти олии мамлакат пешбарӣ кардаанд. Қандаша занад духтараки оқила!

## ЧУСТУЧӮ

Сарамро бо меҳру муҳаббати саршор молиш дода, «хезед, дадачонакаш, вақти коратон шуд» – гуфтани завчаам аз хоб бедорам кард. Хоболуд ба паҳлӯи дигар гаштанӣ будам, ки ӯ латифаи кӯтоҳакаку ачибе нақл карда, хандаамро овард ва ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ин васила хобамро парронд. Пас аз дастам хеле меҳрубонона гирифта, ба хестанам ёрӣ дод ва бо табассуми саршори муҳаббат гуфт: – Шеф, оби ширгарм, собуни атрбӯй, дастмоли патдор Шуморо интизор.

Шустушӯйиро анҷом додаму бо марҳамати завҷаам сари дастурхони таппа-тайёри пурнозу неъмат нишастам. Ман тановул мекардаму завҷаам дар барам оҳиста-оҳиста суруде дар ситоиши меҳру муҳаббат ва шавҳари меҳрубон замзама намуда, маро хушҳолу иштиҳоямро қозгир месохт. Ниҳоят, ба роҳ баромаданӣ шуда, аз либосовезак болопӯшу кулоҳамро гирифтан хостам, ки завҷаам боз ҳам чолокӣ карда, зуд онҳоро худ ба даст оварду «Маро дар хиҷолат намонед, дадаҷонаш» гуфт ва ба либоспӯшиям ёрӣ дод.

Рости гап, ба либосҳоям нигариста, ҳаваси худам меомад; тозаю озода, бо ҳавсала ва хеле устокорона дарзмолшуда, муҷалло. Дирӯз ҳангоми аз кор баргаштан чашмам ба пойафзолам бархӯрда буд, ҳоло ба он нигариста қариб нашиносам; аз чангу хоки дирӯза заррае не, баръакс басо тозаву ҷилодор. Ҳангоми аз дар баромадан аз нақшаҳои имрӯзааш пурсидам: «Имрӯз, – посух дод завҷаам ҳалимона, – дар басти дуввум ба кор меравам. То он вақт аввал хонаи кори шуморо ба тартиб меоварам, сонӣ либосҳои дирӯзаатонро тозаву дарзмол мекунам, кабкатонро (ман ҳаводори кабк ҳастам) камтар аз қафас озод намуда, обу дон медиҳам, хӯроки болаззате пухта, рафта модарҷонамро (модари ман, яъне хушдоманашро дар назар дорад) хабар мегирам. Бечора, дар беморхона, хеле зиқ шудагистанд. Илоҷаш шавад, аз духтурон ҷавоб гирифта, ба хона меорамашон. Бе он кас хонаамон биёбон. Тамоми рӯз дароз кашида афсонагӯияшонро ёд кардам. Дигар наметавонам, меорамашн. Баъд ба кор рафта, зуд бармегардам. Сари роҳ ба бозор даромада, харид ҳам мекунам. Шумо аз ин ҷиҳат бепарво бошед. Ба хона омада, яке аз хӯрокҳои дӯстоштаатонро пухта, аз паи сазовор пешвоз гирифтани Шумо мешавам.

«Нағз»-гуфта аз дар баромаданӣ шудам, ки завҷаам боз сабук аз дастам дошт ва чун суоломез сӯяш нигаристам, бо нозу адои мардкуш гуфт:

*Азизам, меравҷ бо беқарорҷ,*
*Ману то шом чашми интизоре.*

Ва илова кард: «Аз худатон эҳтиёт шавед, ҷонакам». Хостам дар ҷавобаш байти ошиқонае, муҳаббатомезе бигӯям, ва-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ле ҳарчанд кӯшидам, ғайр аз «Ман калон мешавам» дигар мисрае ба хотирам наомад. Ноилоҷ ягона сухани ҳангоми ҷӯши меҳрам мегуфтаам-«мурамаша»-ро ба забон оварда, аз дар берун рафтам…

Хӯш, нақламро бодиққат шунидед? Пас, ба чӣ хулоса омадед? «Дар ҳақиқат, завҷаи меҳрубону дилсӯз доштаӣ» мегӯед?

Не, не, шумо маро дуруст фаҳмидед. Он ҳама гуфтаҳои боло танҳо ангезаҳои хаёлоти мананд.

Рӯшантар гӯем, мани муҷаррад ончунон занеро ҷустуҷӯ дорам, ки сифаташро дар нақлам овардам. Мақсадам аз шумо, бародарон, илтимос кардан аст, ки агар ҳамин гуна зан дар тарафҳои шумо бошад, маро огоҳ намоед. Чӣ? Чӣ? «Худамон ҳам чунин занро ҷустуҷӯ дорем» – мегӯед?

Э, бало занад!

## ХОРИҶИПАРАСТ

Бало занад ҳамин зинадгиро, аҷаб ташвишҳое дорад. Намедонам, чӣ гуноҳе карда будам, ки писарам ба касалие печид бедармон.

Не, тану тӯшаш чор кас медидагӣ (чашм нарасад). Иштиҳояш, саломатиаш низ шукр, ки баҷо. Лекин… Чӣ мегӯед, ки писари ман ба дарди хориҷипарастӣ мубтало шуд. Намедонам, аз куҷо ин маразн лаънатӣ ба ӯ часпида монд. Яккаписар ки ҳаст, нозашро мебардорем. Ба маоши ночизам нигоҳ накарда, ҳар чӣ ки хост, харида додам. Дар ин дунё дороиям ҳамин як писар. Дар ягон ҷо кор намекунад. Ду сол пеш мактабро тамом карда буд. Хайр, гуфтам, камтар аз ҳисоби падараш давру даврон кунад, баъд ягон гап мешудагист. Лекин инро бинед, ки ба касалии хориҷипарастӣ дучор шуда монд, писаракам. Ва оҳиста-оҳиста аз ҷӯроби пояш то кулоҳи сар ҳама афзорашро хориҷӣ карда гирифт. Ҳамааш аз ҳамон соати лаънатӣ сар шуд. Ҳаваси ба соати хориҷӣ кард писарам. Ана баъд хешу таборҳоро ба кор даровара, бе душворӣ як соати олиҷаноб харида бошем ҳам, пайи ёфтани банди хориҷӣ ба он ду моҳ такудав кардем. Ҳамин тавр, ба сарамон бало харидем гӯед. Майда-майда писарам афзори хона ва ҷайгаҳашро низ пурра хориҷӣ карда гирифт. Сигору шаробаш низ хориҷӣ шуд. Соле пеш ду пойро ба як мӯзаи хориҷӣ тиқонда талаб кард, ки дар як гӯшаи ҳавлӣ барояш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонаи хориҷӣ созем. Илоҳо, давлати хешу таборонро зиёда гардонад, бо мадади онҳо ин илтимоси ӯро низ қонеъ кардем. Як вақт бинам, роҳгардияш ба гунае тағйир ёфтааст. Баъдтар фаҳмам, ин тарзи роҳгардии хориҷӣ будааст. Рафта-рафта хориҷипарастии писарам ба дилам зад, тоқатам тоқ шуду кисаам хароб. Бо хешу ақрабо маслиҳат карда ба хулосае омадем, ки илоҷе карда ӯро оиладор кунем. «Ташвишҳои оиладорӣ хориҷипарастиашро аз бинияш мебароранд», – гуфтанд хешовандон. Чун ба писарам аз ин ҷиҳат гап кушодам, ғайричашмдошт зуд розӣ шуд, вале таъкид кард, ки танҳо зани хориҷӣ мегирад. Бало занад, аз куҷо ёбам зани хориҷиро? Аз вафоти завҷаи ҷавонмаргам ҳафт сол гузашта бошад ҳам, барои худ як зани нимкораи таҳҷоӣ ёфта наметавонаму ба ин эркатулфор аз куҷо хориҷияшро ёбам?! Дигар-дигару ҷигар-ҷигар-дия, хешу таборон боз мушкилкушо шуданд. Бо маслиҳати онҳо як духтари сабзинарӯеро аз деҳаи ҳамсоя ёфта, ба волидайнаш вазъиятро фаҳмонда, бо илтимосу илтиҷо гапро пазондем. Ба духтар сарутани хориҷӣ пӯшондему аз як зани ҳунарманд хоҳиш кардем, ки дар банди дастони ӯ бо сӯзану ранг «Маде ин Индия» нависад. Бо илтиҷои мо духтар ҳам розӣ шуд, ки «дар айёми кӯдакӣ аз ватанаш –Ҳиндустон ӯро ба ин ҷо дуздида овардани волидайни имрӯзааш»-ро ба гардан гирад. Пас аз мулоқоти нахустини писарам бо он духтарак зуд тӯй барпо кардем. Гумон доштам, ки акнун андаке осуда мешавам, даври пирӣ меронам. Лекин аз тӯй ҳамагӣ дусе рӯз гузашта бошад ҳам, ман аллакай аз як чиз хеле дар ташвишам: Ана-мана нагуфта, писарам фарзанддор мешавад. Лекин оё ӯ кӯдакашро ба фарзандӣ мепазирад ё не! Охир, ӯ ҳаминҷоӣ хоҳад буд, на хориҷӣ!

Сарам сахту ҷонам дар азоб!

## РИСОЛАИ ПУРАРЗИШ

Инак, пас аз майнаобкуниҳои бардавом, асабониятҳо, гӯшанишиниҳои тӯлонӣ, пас аз рӯбардоркуниҳои мушкил, ниҳоят кори илмиамро ба итмом расонидам. Мушкил буд, баъзан сарам шиками мудири ферма барин варам мекард, дар рагу паям чун дар вуҷуди гӯсфандони колхоз мадор намемонд. Хайрият, ки ҳамин иқтибос будааст, набошад, Худо медонад, рисолаамро ба анҷом мерасонидам ё не. Гап байни худамон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ягон ҳафтод дар сади майдони рисоларо иқтибос иҷора гирифта. Гуфтаанд, ки писар чч гуна-падар намуна. Охир, роҳбари кори илмиям медонед кӣ? Ҳо, дуруст. Худ-ди худаш, яъне Пурдони Иқтибосӣ. Ин ҷо дигар ҳоҷати баҳсе нест. Номи рисолаам низ басо пурдабдаба ва олимона: «Зуҳури маъниҳои ҷадиди чистонҳои мардумӣ дар шароити зуҳури демократия». Зӯр-а?! Дониста монед, ки интихоби мавзӯъ-ними комёбӣ. Инак, порае аз кори номзадиямро ба диққати Шумо-ҳаводорони ман барин биёбоннавардони ҷаҳони илм ҳавола карда, бароятон сабру таҳаммул таманно мекунам:

«Классикони марксизм-ленинизм таъкид кардаанд, ки бо мурури замон баъзе ашё хусусияти тоза ба тозаи худро ошкор мекунанд, мазмуну мундариҷаи навин пайдо месозанд.

Мо инро дар мисоли чистонҳо исбот карданием. Маълум, ки ҳар як чистон ҷавоб металабад, ончунон ки хари якравкалтак. Ва ҷавоб аз мазмуни худи чистон бармеояд, ончунон ки миқдори калтак аз дараҷаи якравии хар. Ҳамин ки чистонеро гуфтем, зуд ин ё он мазмун ё ашё ба хотири кас меояд. Масалан, ҷавоби чистони зеринро ёбед:

«Ҳамаро мепӯшонад, худаш урён»

Албатта, сӯзан мегӯед. Ҳе, хобатонро ба об гӯед. Ин ҷавоб посухи солҳои даҳонбастагӣ, замони рукуд аст. Шояд бигӯед, ки дар китоб ҳамин хел навиштагӣ. Ҳе, дар китобҳо чиҳое менависанд. Масалан, ман китобе дорам, ки дар он: «Русу тоҷику қазоқу озарию арманҷ, Зери байроқи советӣ мисли як ҷону танем», – навиштаанд. Он тарафашро худатон фикр кунед. Вобаста ба зуҳури демократия чистони боло маънои тоза пайдо карда. Акнун ҷавоби он на сӯзан, балки пахтакор аст. Беғаразона камтар мағзи саратонро ковиш диҳед: кадом ҷавоб имрӯз ба ҳаёти воқеӣ наздиктар. Албатта, ҷавоби дарёфтаи мо, аниқтараш, кашфиёти мо. Солҳои сол бо чунин ҷавобҳо худро фиреб додем, таскин додем, кифоя. Акнун бояд асли ашёро дарёбем, дақиқ бошем. Боз як мисол: «Дар об тар нашавад. Дар ҷар ҷар нашавад».

Медонам, ҷавобашро соя хоҳед гуфт. Худатон соя! Лекин агар солҳои пеш ҷавоби ин чистонро соя намегуфтед, сояатонро аз девор метарошиданд. Имрӯз, марҳамат, ҷавоби аслии он: ҳизби ҳоким…

Бояд бигӯям, ки кори илмии банда аз чунин кашфиёти беғаразона лабрез аст. Оре, мо ғаразе надорем, илло ифшои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳақиқати ҳол ва кашфу дарёфти дурдонаҳо илм. Ба умеди он ки рӯзи ҳимоя шумо ҳимоятгару ҳаводори ман гашта, бо дастагулҳо сарфарозам месозед, дар поён чун муште аз хирвор боз чанде аз кашфиёти хешро ба диққататон ҳавола карда, бо ҳамин суханро кӯтоҳ мекунам.

«Сандуқчаи зулбиё, худбандаку худкушо».

(Қошу қавоқи сардор)

«Аз асп баланд, аз саг паст».

(Нарх ва сифати молҳои худӣ)

«Як суфача-панҷ бибича».

(Бисёрҳизбӣ)

«Як танӯри пуркулча, на дар дорад, на дарича».

(Коммунизм)

«Шабу рӯз роҳ мегардад, аз ҷояш намеҷунбад».

(Сусиёлизми мутараққӣ)

«Худаш намебинад, ба дигарон роҳ нишон медиҳад».

(Сардори бесавод)

«Осмони ҳафтум дар кафи дастум».

(Иқтибос аз ваъдаҳои депутатшаванда).

«Мағзак даруни чӯбак, чӯбак даруни ордак, ордак даруни пӯстак».

(Мансабдор ва хешу табораш)…

Саломат бошед!

## БОЗЁФТ

Гап байни худамон, камина дер боз орзуи сабзидан дорам. Кӯшишу гирумонам дар корхона, ба гумонам, бад нест. Бо сардор ҳам муносибатамон, чашм нарасад, хуб. Бо ҳар баҳона ба ӯ изҳори садоқат мекунам, бепарда гӯем, хушомад ҳам мезанам. Бо вуҷуди ин ҳама, аз чӣ бошад, ки корам ҳеҷ барор намегирад.

Ниҳоят, пайт поида ба як дӯсти дилсӯзам арзи дил кардам.

– Э, каллаварам, – гуфт ӯ, – о, бо ин ақлу фаҳм, албатта, намесабзӣ-дия. Охир, намедонӣ, ки ҳоло ҳама гиреҳҳоро пора, ҳо, танҳо пора мекушояд. Пора диҳӣ, ба мақсад мерасӣ.

Пас аз гусели дӯстам рӯи симкат дароз кашида, ба хаёл рафтам. Оре, орзуи боло рафтан, сабзидаи рӯз то рӯз, лаҳза ба лаҳза дар ман боло мегирад. Хайрият, ки дӯсти азизам роҳи ба ин матлаб расиданро нишон дод. Пора бошад, пора-дия!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷон набудааст-ку! Худоро шукр, мо ҳам як чиз – ним чиз дорем дар бисот. Акнун, Худо хоҳад, амал мекунам ва корда болои равған хоҳад шуд.

Банди чунин хаёлот ноаён хобам бурдааст.

Хоб дидам, ки сардори корхонаамон Шаҳбош Сарватӣ дар баландие нишаста, бо табассуми дилфиреб ба сӯям менигаранд. Тахмин кардам, ки агар чизеро зери поям монам, назди он кас баромада метавонам. Ба ин сӯ-он сӯ нигариста, чашмам ба гови зотиамон афтод. Зуд онро пеш-пеш карда оварда, ба болояш ҷаста баромадам. Бинам, то ба сардор расидан боз андаке пастӣ мекунам. Бе дудилагӣ зуд рафта калбузи фарбеҳакамонро оварда, болои гови зотиямон гузошта, ҷаҳида рӯи он баромадам. Аммо сардор боз ҳам дастнорас буданд. – Садқаи табассуматон, – гӯён давида рафта як халта чормағзи барои рӯзи мабодо эҳтиёт кардаамро ҳам оварда, боли калбуз гузоштам. Рӯи он ҷаҳида қоматамро боифтихор рост карда, хостам бо эҳтироми том дасти сардорро бибӯсам, вале… Сардор аз фақир боз ҳам андаке болотар табассум бар лаб меистоданд. Чӣ бояд кард? Яке ёдам омад, ки ба муносибати тӯи писарчаам барои падарам як баста либосҳои қиматбаҳо тайёр карда будам. Бо як чолокии ба худам ҳам ҳайратовар ҳамон бастаро оварда рӯи халтаи чормағз гузоштам. Болои он шуда, бо шавқи том дар орзуи илтифоти сардор қомат рост кардаму… Бинам, ки сардори мӯҳтарам бо ҳамон табассуми дилфиреб бароям ҳамоно дастнорасанд. Аммо ин дафъа масофа басо кӯтоҳ менамуд. Андаке, танҳо андаке, тақрибан ним қади ангушт. Ва охирин дороии худ –як даста пули чандин сол боз кам-кам захира кардаамро, ки тақрибан 700-800 сомонӣ мебаромад, аз кисабағалам гирифта, зери по гузоштам, бо умеди зиёде, ки акнун комёб мешавам. Ва.. Худоё, чӣ хушбахтӣ! Сардор, сардори азизу гаронқадрам, мӯҳтарам Шаҳбош Сарватӣ дар баробарам меистоданд. Аз хурсандӣ як лаҳза карахт шуда мондам ва надонистам, ки чӣ кор кунам. Хайрият, ки зуд худро ба даст гирифта, саросемавор салом дода, хостам дасти муборакашонро бигирам. Ҳамин лаҳза кадоме аз ашёи зери поям, яқин, аз саросемагиям беҷо шуду ман мувозинатамро гум карда, ду даст ҷониби сардор «ёрӣ диҳед!»-гуён сарозер афтодам. Чашмонам сиёҳӣ заданд, гарданам ва дасту поям қисман лат хӯрдаву қисман шикастанд. Тамоми аъзои баданам хуншор гардид. Хира-хира



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ёдам монд, ки сардор сӯям нимҳаракате ҳам накард, ҳатто ҳамон табассуми дилферебаш низ гум шудаву умуман, рӯй ба дигар тараф гардонда буд.

Аз таъсири фарёдам бедор гашта, худро саропо арақшор дарёфтам. Сари по нишаста хоби дидаамро хуб андешидаму андешидам. Ва ниҳоят, ба хулосае омадам, ки агар бо ёрии миёнраву пора «сабзиданӣ» бошам, дигар беҳтар он ки тамоман бихушкаму бисӯзам. Зеро дарёфтам, ки поёни ин ҷода куҷост.

Зиҳӣ бозёфт!

## МАЪРӮЗАИ СОЛИНАВӢ

Аз боло супориш шуд, ки Бобои Барфӣ дар ҷамъомади солинавӣ ба тариқи орзуҳои солинавӣ маърӯза кунад. Мувофиқи таомул Бобои Барфӣ матни маърӯзаашро рӯзе чанд пеш аз ҷамъомади солинавӣ ба «калони калон» пешниҳод намуд.

– Умуман, маърӯза бад нест, орзуҳои хуб, – гуфт «калони калон» пас ах хондани матн, – лекин ҳамин ҷумлаи «Орзумандам, ки дар Соли Нав роҳбарӣ ба ноҳия ҷиддиву самарманд гардад» чӣ лозим? Майлаш, нияти нек – ними давлат. Лекин ба иззати нафси ҳар кас расидан хуб не-дия. Ғунда барин захр дорад ин орзуятон. Монед ҳамин гапҳоро. Ақаллан дар арафаи иду айём чорта дами беғам занем.

Бобои барфӣ эҳтиромонаву итоаткорона ҷумлаи мазкурро хат зад. Акнун мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоӣ бо матни маърӯза бояд шинос мешуд.

– Ачаб маърӯзаи хуб мешавад, – аз болои варақҳо сар набардошта гуфт мудири шӯъба. – Лекин «Эй кош, Соли Нав ниҳоят таъминоти иҷтимоии мардум беҳтар гардад» гуфтан зарур магар?! Ба қитиқи кас мерасад ин гап. Бе ҳамин ҷумла ҳам мешудагист…

Қалами Бобои Барфӣ беихтиёр рӯи ҷумлаи танқидшуда хати сурх кашид. Сипас, матни маърӯза ба диққати мудири шӯъбаи фарҳанг ҳавола шуд.

– Маърӯзаи басо олиҷаноб нигоштаед, – адабгуфторӣ кард мудир, – аммо ба фикри камина, мана ҳамин ҷояш, яъне «Орзу дорам, ки дар Соли Нав роҳбарони соҳаи фарҳанг бахри баланд бардоштани сатҳи маънавиёти мардум ҷидду ҷаҳд на-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

моянд» гуфтанатон анча дағал баромадааст. «Дар либоси дӯстдорӣ кори душман мекунӣ» гуфтагӣ барин зери ибораи «орзуҳои солинавӣ» моро шарманда карданӣ Шумо. Не, ин «нумур» – атон намегузарад, ошно.

Бобои Барфӣ филфавр аз баҳри ин орзуяш низ баромад.

Мудири шӯъбаи маориф бо мутолиаи ҷумлаи «Бигзор дар Соли Нав ниҳоят таълиму тарбия ба сатҳи дилхоҳ барояд, рӯзгори омӯзгорон беҳ гардад» дурудароз ба сукут рафт, то ҳадде ки Бобои Барфӣ ба шубҳа афтод: мабодо хоби мудир бурда бошад. Ниҳоят, як сар бардошта теғ кашида нигоҳ кардани ӯ кофӣ буд, ки Бобои барфӣ ҷумлаи мазкурро оқ кунад. Охир, се фарзандаш дар мактаб мехонанд.

Ба мудири шӯъбаи манзил бошад, ҷумлаи «Бигзор дар Соли Нав мардуми солҳои сол дар навбат буда ниҳоят соҳиби манзил гарданд» нафорид.

– Хунук, ки ҳастед, то як гапи хунук нагӯед, илматон қарор намегирад, рафиқ Бобои Барфӣ, – шӯрида рафт ӯ. –Гум кунед ин ҷумлаатонро, ки навбати хонагириатон се сол қафо партофта хоҳад шуд.

Бечора Бобои Барфӣ бо суръати кайҳонӣ ин ҷумларо низ аз маърӯза хат зад.

Ҳамин тавр, ӯ мувофиқи рӯйхат боз чанд шӯъбаи дигарро «зиёрат» намуд ва мувофиқан чандин ҷумлаи дигарро қурбони сари мубораки сарварон кард. Ниҳоят, матни маърӯза омода гашт, аниқтараш, барои аз минбари солинавӣ садо додан иҷозат гирифт. Лекин акнун он танҳо аз як ҷумлаяки беозоракаки зерин иборат буду халос: «Соли Наватон муборак, рафиқони азиз!» Дар ҷамъомади солинавӣ ҳозирон – сарварони соҳаҳои мухталиф «маърӯза» – и Бобои Барфиро бо майли том шунида, ҳатто дар хотимааш боҳавсала аз ҷой хеста, дурудароз кафкӯбӣ карданд.

## ДАРАНДА

Маҳбону ғарқи хаёлоти ширин (ба наздикӣ ба шавҳар меравад) вориди боғашон гашт, то дастае сабзӣ чинад. Ба миёнҷои боғ расиду «воҳ»! гуфта дар ҷояш шах шуд. Дуртар аз ӯ як пайкари бузурги пурпашме лунда шуда порае кӯҳ барин мехобид. Маҳбону бо тамоми овоз чиррос зада ба қафо тохт. Мардуми ҳангоматалаб гӯё дар камингоҳе истода ҳамин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«тревога»-и Маҳбонуро интизор буданд, ки дар он тарафи боғро иҳота карда «чӣ гап, чӣ гап» мегуфтанд. Чун Маҳбонуи заюлнаш гирифта сӯи кӯҳпораҳайвони пурпашм ишора кард, ҳама аз ҳарос беихтиёр чун низомиён ду-се қадам қафо партофтанд:

– Хирс! – нидо кард яке.

– Албастӣ! – хулоса кард дигарӣ.

– На ину на он, – гуфт сардори деҳа, – ин ягон ҳайвони даррандаи ниҳоят хавфнок. Бинед, аз шӯру ғавғои мо заррае парво накарда, чун сангпушт Сар ба дарун кашида хобидааст. Ягон чораи таъҷилӣ ҷустан лозим. – Милисаро фарёд кардан даркор, – нидо кард кадоме бо овози ларзон.

Соате нагузашта дастаи мусаллаҳи милиса боғро иҳота карда гирифт.

– Аз афташ, ин ҳайвони анча-мунча не. Даргумон аст, ки танҳо мо аз ӯҳдаи муҳориба бо он бароем. Қувваи илова даъват бояд кард, – гуфт сарвари милиса дар ҳолате ки гоҳ ба он кӯҳпораву гоҳ ба силоҳи дасташ назар меафканд.

Машварат карда дастаи сӯҳторхомӯшсоз даъват намуданд. Вале аз онҳо низ дилпур нашуда ба Ҳукумати қаламрав муроҷиат намуданд. Бо қарори фаврии Ҳукумати қаламрав ба деҳа ҳайати маҳдуди Артиши Миллӣ даровaрда шуд. Мили даҳҳо автомат ва танку БТР сӯи ҳайвони фавқултабиӣ рост гашт. Меганҳои моҳири деҳа низ андаке ба худ омада бо милитиқҳои шикорӣ дар хонаҳояшон шинак гирифтанд. Кампиру мӯйсафедон ба таҳхонаи селитранигаҳдории колхоз «эвакуатсия» карда шуданд. Мӯйсафеди Ғафур аз куҷое ҷавшани зангзадаеро ёфта ба тан кашид. Кампираш Мафтунабону корди он ба даст дар паси ӯ руст шуд. Бачаҳои чобук ба баландтарини шоххои дарахтон баромаданд. Дар деҳа вазъияти фавқулодда ва вақти комендантӣ ҷорӣ карда шуд.

Ин дам ҳодисаи гӯшношуниду чашмнодиде рух дод. Холаи Васвасабону чашмонашро молида-модила яқин, таъин дар хоб будааст) калтаке ба даст аз ҳавлияш ба кӯча баромаду як ба одамони ошуфтаю мусаллаҳ ҳайрон-ҳайрон гираститу сонӣ далерона сӯи дарандаи ваҳиманок қадам зада фарёд кард:

Ҳой Кулӯхалии арақзада, боз ҷои дирӯзаатро иҷора гирифтай-ку. Шавҳар нашуда мур! Канӣ, хез мегӯям. Ина бинед-а, боз пӯстаки пӯстихирсии аз модаркалонам змерос мондаро ёфта ба пушт кашидааст-е.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Э, арвоҳи модаркалонам занадата, гурсӯхта! Хез мегӯм, хез!

Ногаҳон пӯстаки азим чун харсанге ба ҷунбиш омада, яктарафа чаппа шуд ва аз зери он Кулӯхалии-пиён баромада калавида-калавида пеш-пеши Васвасабону ба роҳ даромад…

## РУХСАТӢ

Ношукрӣ нашавад, ҷои корам табъи дил бошад ҳам, соли аввал-дия, каме кор кардаму аллакай ҳавою ҳаваси рухсатии меҳнатӣ ҳеҷ оромам намегузорад. Гумон доштам, ки ба рухсатӣ баромадан муддате дар биҳишт иҷора нишастан бошад. Ва беқарорӣ мекардам, ки ҳар чӣ зудтар вақту соаташ расаду ба рухсатӣ баромада, хуб истироҳат кунам ва агар имконият шавад, ба соҳили Баҳри Сиёҳ рафта…

Нияти нек-ними давлат, гуфтаанд. Ана, ба сад умеду орзу ба ҳамин рӯз ҳам расидам ва инак, банда дар рухсатӣ! Аввал гумон доштам, ки акнун худам шоҳу табъам вазир, хушбахттар аз ман касе нест, вале чун ба хона омадам, дидам, ки завҷаам аз ман дучанд хурсандтар. Инро ҳеҷ интизор набудам. Охир, ман одат кардаам, ки чеҳраи хандони ӯро чун офтоби зимистон гоҳ-гоҳ бинам. Субҳи аввали рухсатӣ пас аз наҳорӣ оҳиста ба завҷаам рози дил кушодам:

– Меҳрубонакам, ман ният дорам, ки ду-се ҳафта барои истироҳат ба соҳили Баҳри Сиёҳ равам.

Ӯ чизе нагуфта ба берун баромаду пас аз чанде маро он ҷо фарёд кард. Зуд баромада бинам, ки тағораи пурлибос дар даст истодааст.

– Ма, ба соҳили Баҳри Сиёҳ неву аввал, ба соҳили ҷӯйча рав ва ин либосҳоро рӯйоб карда биё. Ман саҳар онҳоро собуншӯй карда будам.

Илоҷе надоштам, ҷуз тағораи пурлибосро бардошта, ба соҳили Баҳри Сиёҳ, э, мебахшед, ба соҳили ҷӯйча рафтан (Бояд бигӯям, ки завҷаи ман хоҳари сардорамон аст, ба ибораи дигар, сояи сардорамон дар паҳлӯи банда).

Бо сад азобе либосҳоро рӯйоб карда (дар корхона ҳатто чанги рӯи китобамро пок намекардам), аз дари ҳавлӣ даромадаму завҷаам ба сарам дод зад:

– О, ту ба соҳили ҷӯйча агар ин ин қадар бедарак шуда равӣ, аз соҳили Баҳри Сиёҳ умуман барнамегардӣ-ку! Канӣ, зудтар бош, то хамир шӯридани ман ҳавлию ҳарамро ҳалол кун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас аз ҷустуҷӯйҳои зиёде аз паси дар ҷорӯбро ёфта хонаю ҳавлиро рӯфтам (дар корхона ҳатто қоғазпораро аз рӯи фарш намебардоштам) ва хостам, ки дар хараки саҳни ҳавлӣ нишаста, каме нафас рост кунам, вале ҳамон замон завҷаам ба барам ҳозир шуд. Ба ӯ нигариста, як қад паридам ва ҷаста аз ҷой хестам, чунки ӯ дар даст…ресмон дошт. «Наход, аз дасти як муштипар кушта шавам», – филҳол аз дил гузаронидам ман.

– Аз боғча як дарза ҳезум оварда, ба танӯр алов мон,-ресмонро сӯям партофта гуфт завҷаам.

«Худоро шукр»,-пичиррос задам ман ва зуд аз паи иҷрои амр шудам. Чанд ҷои дастамро харошида ҳезум овардаму зери обу арақ монда, танӯрро тафсондам. Баъд бо фармонҳои минбаъдаи маликаам то пухтани нон ду сатил об овардаву ошхонаро ба тартиб даровардам (Дар корхона ҳатто афзори рӯи мизамро ҳавсалаи ба тартиб овардан надоштам). Нон ҳам пухту сари по рост истода, бо завҷаам нимтагӣ нони гармро ба оби хунук тар карда хӯрдем.(Нисфирӯзиҳо дар ошхонаи корхона рӯи курсии нарм нишаста, хӯроки гарм мехӯрдам).

– Акнун камтар дам гиред, бихобед, азизакам, – меҳрубонӣ кардам ба завҷаам бо умеди соате аз фармонҳои ӯ фориғ будан (Дар корхона пас аз хӯроки нисфирӯзӣ дар курсии роҳат хеле пинак мерафтам).

– Акнун ба бозорча раву камтар пиёзу кабудӣ биёр, баъд хокистари оташдонро гирифта парто, сонӣ ҳарду аз паи тайёр кардани хӯроки шом мешавем, – ба меҳрубониҳои ман эътиборе надода, луччаку пӯстканда барномаи минбаъдаи фаъолияти маро шарҳ дод завҷаам…

Хӯроки шомро хӯрдаму ба ҳамсарам duздида-дуздида нигариста (боз ягон супориши дигар надиҳад), ба хонаи хоб гузаштам.

Ҳанӯз ба ҷойгоҳам надаромада, овози завҷаам шунида шуд:

– Ин китобро дурустакак мутолиа кунед,-амр кард ӯ ва худ дароз кашид.

Дар муқоваи китоб «Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ» навишта шуда буд. Мақсади завҷаамро фаҳмидам ва лоқайдона саҳифаи аввали китобро боз кардам…

Ҳамин минвол, ҳар як рӯзи рухсатиям бо ҳазору як ташвиш (ва бо ёдҳои ширине аз ҳаёти корхонагиям) мегузашту нафаҳмида мондам, ки вақти ба кор баромадан ҳам расидааст. Ана ҳамин тавр, рухсатиям анҷом ёфт, лекин дар ин муд-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дат як нуктаи хеле муҳимро фаҳмидам: кори хона осон набудааст. Бечора завҷаам ҳамарӯза ин қадар корҳоро сомон медодаасту ман бошам, каллаи субҳ ба коргоҳ рафта, пас аз шом баргаштанамро мисол оварда, вале он ҷо ба чӣ кор машғул буданамро пинҳон дошта, ӯро бекорхӯҷа меномидаам. Ва аҷибаш ин, ки дар рӯйхати ҳукумат низ завҷаам дар қатори бекорхӯҷаҳо медарояд.

Вақте ки рӯзи аввали кор ба дӯстам Сафоҷон аз саргузашти давраи рухсатиям қисса кардам, табассумкунон гуфт:

– Барои он ки ба рухсатӣ баромада, ба маънои томаш истироҳат кунӣ, бояд ҳамарӯза пеш аз кору пас аз кор ва рӯзҳои истироҳат дар корҳои хона ба янга каму беш ёрӣ диҳӣ, ҷӯраҷон.

Гапи ҷӯраам сад дар сад рост. Насиб бошад, рухсатии ояндаам тамоман дигар хел хоҳад гузашт.

## ШӮРБОҶОН

Ошхонаи «Брежнев»-ро ба ман хеле таъриф карданд. «Ин ҷо агар чаққонӣ кунед, шири мурғу пои морро ҳам меёбед», – воҳима мекаданд ҳолдонҳо. Мани булҳавас зуд ғоибона шефтаи ин ошхона шуда, роҳ сӯи он пеш гирифтам. Азбаски бештар шӯрбои ошхонаи «Брежнев»-ро таъриф карда буданд, аз ошпаз як коса шӯрбо хостам. Ҳанӯз даст ба кисаам нахаста, як коса шӯрбо таққӣ наздам гузошта шуд. «Э, варзишгар шаведу равед», – гуфтам ба ошпази хомфарбеҳ ва ба яке аз курсиҳо нишаста чумча ба шӯрбо задам. «Худоё, магар ин шӯрбост? Охир, дар дохилаш ғайр аз як-ду картошкаи олучамонанд ва алмоси риштарошӣ барин сабзиву ангуштарини занам барин пиёзи гирда дигар чизе нест-ку? Чӣ маъние доштанд он ҳама таърифҳо? Ё ҳама киноя буданд?» Ҳайратзада ба косаи пеши марди дуртар аз ман нишаста нигаристам. Ӯ ё интизори нигоҳи ман буд ё маро масхара кардан мехост, ки баробари ба сӯяш нигаристанам аз косаи шӯрбояш паи ҳам ду тухмро ба даҳон зад ва аз нигоҳи ҳайратзадаи ман маънӣ гирифта, бо сараш ишора ба сӯе кард. Нигарам, зане гарми тухмфурӯшист. Ба марди косааш тухмдор бо ишораи сар миннатдорӣ карда, чобукона аз он зан ду тухм харидаму пӯст канда чун ба кӯлмаке ба косаи шӯрбоям андохтам. «Ана, обод шуд» – мамнунона аз дил гузаронидам ва қаноатмандона ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

марди косааш тухмдор нигоҳе афкандам. Ӯ ин дафъа нигоҳи маро бо ба даҳон бурдани пораи гӯшт пешвоз гирифт.

– Шӯрбои шумо гӯшт ҳам доштааст-ку, – чӣ хел аз даҳонам баромадани ин гапро нафаҳмида мондам.

Ӯ ба маънои «як дақиқа» ба ман ишорае карду сонӣ даҳонашро аз гӯшт як дараҷа сабукбор намуда гуфт:

– Бародар, дар ин ошхона ҳама чиз ҳаст, фақат ба атрофатон баҳузуртар нигоҳ кунед.

Дар ҳақиқат, ман саросема шуда ба кунҷу канор, гирду атрофи ошхона дуруст диққат накардаам. Охир, ин ҷо ҳама чиз ҳаст-ку! Ана, қанду қандалот, ширу ҷурғот, чою набот, тухм, торт, нахӯду лӯбиёи пухта… ҳама чиз! «Ҷони нодон дар азоб» – гӯён зуд ду пора гӯшту як пиёлача нахӯд харида, косаи шӯрбоямро хӯрданбоб кардам. Бо чумча косаи лабрезгаштаи шӯрбоямро ду-се ковиш дода, «як мазаашро чашем, канӣ» – гӯён андаке ба даҳон бурдам. «Фач, балки бенамак». Аз ошпаз намак хостам. «Ба он сӯ муроҷиат кунед» – бо лабханд ҷавобам дод ӯ. Дар «он сӯ» чумчабайъ намак мефурӯхтаанд. Ноилоҷ як чумча намак харида, шӯрбоямро аз ному нанги «фач»-ӣ раҳоӣ бахшидам. Марди шӯрбояш тухму гӯштдор ин ҳама «амалиёт»-и маро мушоҳида мекардааст, аз афташ, ки лаб лесида гуфт: – Акнун шӯрбоятон шӯрбо не!

– Набошад чӣ? – ҳайрон шудам ман.

– Шӯрбоҷон! – ҷавоб дод ӯ.

Табассуми қаноатмандона дар лаб чумча ба даст порае нон ба даҳон бурдам.

– Ваҳ, тароша барин сахт ин нон!

Хайр, чӣ илоҷ, нон ҳам мефурӯшанд-ку ин ҷо, ҳазору як хелаш. Аз дигар нонфурӯшон сарфи назар карда, «шӯрбои гарм насибам нагашт, ақалан нони гарм хӯрам» – гӯён андаке навбат истода аз нонвойхона нони сӯзонакак харида омадам, вале…

– Аҷабо, шӯрбоям, аниқтараш, шӯрбоҷонам ғайб задааст!

Ба ошпаз арз кардам. Гуфт, ки аз мурданам хабар дораму аз косаи шӯрбои шумо на.

Бо дарду ҳасрат ба атроф нигаристам; ҳама саргарми кори худ. Чӣ бояд кард?! Ба кӣ додамро гӯям?!

Аз ошхонаи овозадор ва дар ҳақиқат пуранвои «Брежнев» чун варзишгаре, ки бозиро бохта майдонро хастаҳолу рӯҳафтода тарк мегӯяд, ҷисми худро берун кашидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шӯрбоҷон ёдам меомад, пеши назарам меомад лаҳза ба лаҳза. Аз радиои ошхона овози мутрибе ба гӯш мерасид, ки гӯё бо дарди дили ман ҷӯр мешуд:

*Ҳар куҷое ҳам ки бошӣ, дур аз ман нестӣ,*
*Бо алам, бо доғи дил, бо дард ёдат мекунам.*

## МАРҲАБО, БАҲОР!

*Нақиза*

– Баҳор, боз омадӣ?

Биё!

Марҳабо!

Биё, ки ман дигар ҳаргиз туро озор нахоҳам дод. Дигар сипосгузору ҳамнавои ту хоҳам буд.

«Баҳор, маро бубахш!»

Ту, албатта, фаромӯш накардаӣ, ки айёми наврасӣ бар асари тангназариву гаправӣ бо рафторҳои аз нигоҳи имрӯз булъаҷабу хирасарона озорат медодам, сахт озорат медодам, меранҷондамат. Оҳ, чӣ қадар сангдил будаам он замон, ки сабзаҳои махмалину нозанини навдамидаатро бо белу каланд қитъа-қитъа канда, дар танаи назарнамои теппаву пуштаҳои атрофи деҳа бо онҳо ҳарфҳо месохтам ва чунин ҷумлаҳо меоростам: «Слава КПСС», «Партия –ақл, шараф ва виҷдони замон мост», «Шараф ба СССР»… Гулҳои навруставу тару тозаатро даста-даста чида, назди муҷассамаҳои шукӯҳманди аҷнабиён мегузоштам ва фахр мекардаму сазовори таҳсин мегаштам аз ин ҳама амалам. Дареғо, бехабар аз он будам, ки ту аз чунин муносибати ваҳшиёнаи ман сахт озор меёбӣ, меранҷӣ, ҷароҳатманд мешавӣ. Узр мехоҳам, вале ту ҳам маро дуруст бифаҳм, Баҳори нозанин! Маро аз кӯдакӣ чунин сиришта буданд ва чунин талқин мекарданд, устодонам чунин ҳидоят менамуданд. Ва ҳамаи мо – наврасону ҷавононро таъкид мекарданд, ки барои Ленину Партия, барои Ватани ҷоноҷонамон – СССР ба ҳама кор қодир ва ҷонфидо бояд бошем. Вақте ки мо шохаҳои пургули дарахтони сарсабзатро бераҳмона шикаста, ба истиқболи котиби райком парчамосо алвонҷ медодем, дар лаб суруди «Ватанам СССР»-у «Ленин – бародар, раҳнамо»-ро доштем. Боз ҳам бо дастури устодонамон шохаҳои пургул ва низ дастагулҳоро зери қадами котиби райком нисор мекардем. Чӣ қадар бо ғурур ва мутакаббирона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қадам мениҳод ӯ «гулқолин»-и зери пояшро лоуболона пахш карда! Имрӯз аз ёдоварди он лаҳзаҳо ба даҳшат меоям ва тамоми ҳастиям такон мехӯрад, Баҳор!

Бо фаророасии ту сарварон аз дафтари корашон берун мешуданду ба назди кишоварзон, э, мебахшӣ, ба назди бригадирҳо меомаданд. «Калонтарҳо»-яшонро низ бо худ меоварданд. Ва бригадирҳо чанд корманди худро бо «тревога» ба по хезонда, дар зебоманзартарин ҷойгоҳи ту – рӯи гулу сабзаҳои пуштаи канори деҳа ҷой ороставу асбоби тараб омода мекарданд. Ва тамоми рӯз сарварони ноҳия бо меҳмонони воломақомашон рӯи сабзаву гулҳои хушнакҳату навдамидаат ғел зада, хуб айшу ишрат, рақсу бозӣ мекарданд, поймолат менамуданд. Ҳо, ҳусну латофат, лутфу марҳамати туро ҳамин тавр мепазируфтанд ин зотҳо. Гузашта аз он, атрофи ишратгоҳи худро пур аз шишаи холиву устухонпораву партовҳои дигар менамуданду нақши манҳусе аз ин нишасти баҳории худ мегузоштанд.

Ҳусни беназири туро, ҷисми латифи туро доғдор мекардад ин бебасарон, Баҳор!

Ту, яқин, ёд дорӣ, эй Баҳори ҳусноро, ки яке аз ин зотҳо бо бародари ман чӣ кор кард. Вақте ки бародарам аз ҳусну таровату малоҳату нафосати ту ба ваҷд омада, бо камоли эҳтиёту эҳтиром бо маҳбубааш дар мазраи пургули ту қадам зада, як гул, оре, танҳо як гулатро чида ба дилдодааш тақдим намуд, он зоти мағрур ӯро қариб ба маҳкама кашида буд. Вай ба сари онҳо кафи даҳон паронда, дод мезад: «Замини колхозро поймол кардед!», «Моликияти ҷамъиятиро тороҷ намудед!», «Партия ин гуноҳи шуморо намебахшад!» Чӣ вазъи даҳшатафзое буд, Баҳор! Хайрият, ки ту бо шамоли ногаҳоният кулоҳи пуршукӯҳашро аз сараш рабудию ӯ (бо чанд чоплусони атрофаш) аз паси кулоҳаш шуда, бародараму маҳбубаашро фаромӯш кард. Вагарна... Офарин, Баҳор! Ту бо ин ҳама зебоият оқил ҳам будаӣ!

Мегӯянд, ки замоне фаророасии туву Наврӯзро бо шодию фараҳ, суруду тарона ва ҷашну тантана пешвоз мегирифтаанд. Лекин то ҳамин қарибиҳо, аниқтараш, то расидани Истиқлол аҷаб пешвозгириҳое мекарданд туро! Бо расидани ту, Баҳори беозор, аз бригадири колхоз то котиби райком ба аспи сиёсат савор мешуданд, ҳавои ту кушоду дилнавоз буд, вале аз қошу қавоқи онҳо барфу борон мерехт. Ва мардумро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷамъ оварда, табрик… мебахшӣ, таъкид мекананд: – План! Ӯҳдадорӣ! Партияи ҷоноҷон даъват мекунад!..

Бо «илтифот»-и онҳо дари масҷидҳо боз мешуданду кишоварзон аз он ҷо халта-халта селитраю фосфорро ба харҳо бор карда, рӯй ба дашту саҳро меоварданд. Чӣ булъаҷаб ҳолате буд, ин Худоё!

Азизам, Баҳор, Баҳори фариштахӯ! Ту гунаҳгор нестӣ. Медонам, ки ҳамеша бо азму нияти нек, поксириштү покдоман меомадӣ, табиатан чунин будию ҳастӣ. Вале меранҷидӣ, месӯхтиву мегиристӣ ва чӣ қадар ҳаводиси мағшушу нохушоянде, ки аз сар мегузарондӣ!

Он зотҳо, ки гуфтам, мехостанд ҳама мутеашон бошад. Ғаразашон аз ту низ ин буд. Табиати озодихоҳонаву мардумпарастонаи ту, ҷилову тобиши ҷаҳонорои ту ба табъашон намефорид. Аз тавоноии ҳайратовари ту дар ҳарос буданд. «Дар ҷаҳон ҳама гуна нерӯеро, ки тавонотар аз партия бошад, маҳв бояд кард», – мегуфтанд. Маро чунин менамуд, ки онҳо, ҳатто, аз шунидани номи ту ба ҳарос меафтоданд. Роҳ намедоданд, ки одамон ба фарзандашон Баҳор ё Наврӯз ном ниҳанд. Ғалати сиёсӣ, кӯҳнапарастӣ, хилофи дастурҳои партия медонистанд ин амалро.

Оре, азизам Баҳор, туро аз ҳар ҷиҳат озор медоданду таҳқир мекарданд, вале хушо, ки ту ҳамоно устувору бовиқор мемондӣ.

Ёд дорӣ, ки боре як шоири миллат дар шеъраш ҳусну зебу зинати туро тоҷикона гуфта, ба чӣ балоҳое гирифтор шуда буд?! Миллатгаро, қафомонда, унсури зиёовари ҷомеа хонда буданд ӯро ва бо дастури «боло» аз сафи Иттиҳоди адибон ронда буданд ӯро. Ва эълон карданд, ки Баҳор сар то по интернатсионалистона аст, ҳар як гулу сабзааш, сурату сират, накҳату малоҳаташ интернатсионалистона аст. Тоҷикона гуфтани Баҳор ғалат аст, ҷиноят аст! Гуфтанд, ки «Баҳор бо амри партияи муқтадир ва шикастнопазир ба мулки мо мерасад, насими баҳорӣ ба ҷумҳурии мо аз ҷониби Маскави азиз мевазад!», «Баҳори Советӣ бояд гуфт!», – мушт ба рӯи мизаш зада дод мегуфт ҳар як корманди райком.

Эҳ, Баҳори нозанин, Баҳори нозанин! Кадом яктояшро бигӯям!? Намехоҳам, ки захмҳои кӯҳнаатро канда, боз ҳам озорат бидиҳам. Маро бубахш!..

Инак, боз омадӣ, Баҳор!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вале ман дигар он бандаи деринаву мутеъ нестам. Дигар як фарди озоду ворастаи мамлакати соҳибистиқлолам! Дар дилам сурури зиндагӣ, дар лабам суруди озодист. Ман акнун бебокона ва самимона Баҳори тоҷикон мегӯям, таронаи «Тоҷикистон – ватани Наврӯз аст»-ро месароям. Хушо, ки дигар сарварони кишвар низ ҳама туро мепарастанду ситоишат мекунанд…

Баҳор, азизам Баҳор! Баҳори поку нозанин! Хуш омадӣ! Марҳабо, ба кишвари соҳибистиқлоли тоҷикон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



# АЗ ТАҚДИРАМ ГАРДАМ!

*(нақизаҳо)*

## ТОЛЕЪНОМАИ МИЛИСАИ РАҲБОН

### 1.Ҳамал

Дар оғози ҳафта Шуморо ноомади кор интизор аст, зеро роҳҳои асосӣ бинобар ташрифи меҳмонони олиқадр зуд-зуд баста мешаванд ва табиист, ки фаъолияти Шумо маҳдуд мегардаду кисаатон «хароб». Вале аз ин ҳаргиз рӯҳафтода нашавед, зеро дар охири ҳафта Шуморо омади кор интизор аст. Танзимгари идораатон аз сари лутф Шуморо дар чорраҳаи сермошине навбатдор мемонад ва Шумо қомататонро хеле рост мекунеду кисаатонро «фарбеҳ».

### 2.Савр

Ба санҷиш (аттестатсия) омода бошед. Рақамҳои тамоми мошинҳои сарварон ва пайвандони онҳоро азёд кунед чун ҷадвали зарби ададҳо.

Ин ба Шумо суоли асосӣ мешавад.

Рӯзи панҷшанбе бо ҳилабозе (фокусник) баҳс хоҳед кард. Чун Шумо ба ӯ тарзҳои аз байни ҳуҷҷатҳо, аз қабади панҷаҳо ва аз дохили ҳар гуна ашё гирифта ноаён ба киса хастани пулро нишон медиҳед, моту мабҳут мешавад ва ба Шумо тан медиҳад. Зинда бошед, Шумо шоҳи ҳилабозҳоед!

### 3. Ҷавзо

Ин ҳафта хобҳои зиёд хоҳед дид. Дар хоб пайваста дар осмони пурситора шино мекунед. Яқин, Шуморо афзудани ситораҳои сари китф интизор аст, яъне рутбаатон баландтар мешавад. Охир, се сол боз Шумо аз ҳисоби «левак»-ҳоятон нақшаи «доля»-и сарваронро барзиёд ва пеш аз мӯҳлат иҷро мекунед ва инак, подоши садоқатмандиятон.

Аз харҷи беҳуда даст кашед, зеро моҳи рамазон наздик меояду якбора коҳиши ёфтани сафи ронандагони масту беҳудагард аз эҳтимол дур нест. Ва албатта, аз ин ҳолат Шумо зарари ҷиддии молиявӣ хоҳед дид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 4.Саратон

Аз рӯзи ҷумъа эҳтиёт бошед. Боре сардоратонро дар ғайбаш «ту» гуфта будеду инро хушомадгӯе ба ӯ хабар расондааст. Аз ин рӯ, инак, сардор бо мақсади қасд гирифтан Шуморо дар роҳи басо каммошину муқаррарӣ навбатдор мемонад. Дар натиҷа Шумо ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ гирифтор мешавед. Бегоҳ ба хона бо ду-се борхалтаи пуртӯша не (чун ҳаррӯза), балки танҳо бо як борхалта бармегардед, ба ҷои 3-4 кило гӯшт, ки ҳамарӯза мехаридед, имрӯз ҳамагӣ 1,5 кило гӯшт мехаред. Албатта, хӯроки Шумо ин бегоҳ гӯштбирён не, балки танҳо шӯрбо хоҳад буду халос. Дилатон ганда мешавад аз ин, вале бисёр худро накоҳонед… мегузарад.

## 5.Асад

Ин ҳафта аз ҳарвақта бештар эҳтиёт бошед. Миёнаҳои ҳафта ҳангоми навбатдорӣ чашматон яке ба духтари таннози канори роҳ меафтаду обу адо мешавед, оламу одамро (аниқтараш, роҳу мошинро) фаромӯш мекунед. Дар натиҷа аз роҳ бо мошин гузаштани як «калони калон»-ро намебинед ва саломи расмӣ намедиҳед. Албатта, барои ин беҳурматии гӯшношунид ҷазо хоҳед дид. Аниқтараш, ҳам аз лаззати он духтари танноз бенасиб мемонеду ҳам як бандча пулатонро аз даст медиҳед.

## 6.Сумбула

Рӯзҳои пурғурուратон фаро мерасанд. Дар мактабе бо Шумо вохӯрӣ баргузор менамоянд. «Шпаргалка» омода созед, ки хонандагон ба Шумо суолҳои зиёде оид ба қоидаҳои пиёдагардию мошинсаворӣ хоҳанд дод. Онҳо аз куҷо донанд, ки Шумо бо қоида не, бо кисаи ронанда сарукор доред. Дар ин вохӯрӣ бо худ гирифтани аёният-ишорачӯб, суръатсанҷ ва ба вижа, ҳуштакро фаромӯш накунед. Ҳамин, ки суолу кунҷкобӣ зиёд шуд, як ҳуштак мекашед, ҷонатон халос!

## 7.Мизон

Ҷустуҷӯҳои пайвастаатон ниҳоят бор меоваранд. Дар бағоҷи мошини марди бечорааҳволе чанд бонка асал ёфта гулосо мешукуфед. Бечора, ронанда ба истинтоқи шадиди Шумо ва «тафсир»-ҳоятон тоб наоварда бонкаҳои пурасалро ба Шумо ҳадя мекунад. Онҳоро ба хона меореду моҳи асали Шумоюн янга оғоз меёбад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар охири ҳафта ба косаи асали Шумо «пашша» шудани як ҳамкори гурусначашму аз ҳар хирс як мӯй интизоратон аз эҳтимол дур нест.

## 8.Ақраб

Дар аввали ҳафта коратон пешрав намешавад, зеро ронандагон забон як кардагӣ барин қоидаҳоро як сари мӯй вайрон намекунанд. Ҳуҷҷатҳо низ комилу бенуқс. Асабӣ мешавед аз ин ҳолат. Бар асари ин ҳолат ба ронандае барои ба эҳтироми Шумо аз мошин берун нашуданаш хӯрдагирӣ мекунед ва ба бало мемонед. Охир, Шумо аз куҷо медонистед, ки ин шахси дар тан либоси дуруст надоштаву мошинаш як «Запарож»-и шалақ рӯзноманигори варзида аст ва ҳуқуқҳои худро хуб медонад.

## 9.Қавс

Коратон барор мегирад: дар қитъаи роҳи зери назорати Шумо садамаи мошин рух медиҳад. Акнун аз «луқмаи майдачуйда»-и ҳамарӯза якбора ба луқмаи калон хоҳед расид. Далер бошеду аз сардии ҳаво наҳаросед. Дар гардише «шинак» гиреду тавассути «варам»-и киссаатон ба ҷону тани ғанимататон гармӣ эҳдо намоед.

Ишваю табассуми занони дар паси чанбари мошин нишастаро беҷавоб намонед. Худро ба даст гиред ва бо ишорачӯбатон онҳоро ба сӯи Варзоб даъват намоед.

## 10.Ҷаддӣ

Ронандаи ҷавонеро барои дағалона вайрон кардани қоидаи роҳ бозмедоред. Саросема мешавед дар ин ҳолат. Ҳатто, эътибор намедиҳед, ки мошини ӯ навтарин тамғаи мошинҳои хориҷисту рақами бахтовар (счастливый) дорад. Ва ин ҷавон писари вазир асту тағобачаи сарвари кулли коргоҳи бузурге. Ин маврид «қоидаи маъмултарин»-ро Шумо хеле дағалона вайрон мекунед.

Дар натиҷаи ин бефаросатӣ ду-се моҳ чорроҳа, хамгашт, пастхамӣ, гардиш ва назди бозорҳои бузургро дар хоби шабатон хоҳед дид.

## 11.Давл

Ҳафтаи маъруфгардии Шумост. Обрӯятон якбора хеле меафзояд. Ронандаҳои зиёде (пиёдагардон низ) Шуморо паси мизи навбатдориятон дар канори роҳ чанд муддат (лаҳзаҳое,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки ҳамкоратон рост меистод) машғули варақзании китобе мебинанд (ҳамон китобе, ки аз бағоҷи мошине ноилоҷ рабуда будед, чун дигар чизе наёфтед) ва қоил мешаванд: милисаи соҳибфарҳанг!

Рӯзномаҳои зиёде расматонро чоп мекунанд бо зернавиштҳои: «Милиса ҳам китоб мехонад»!, «Милисаи маърифатманд», «Аз милиса ибрат гиред, муаллимон!..»

### 12.Ҳут

Вохӯрии гуворое дар ин ҳафта Шуморо интизор аст. Бо як дӯсти деринаатон дучор меоед ва хотираҳоятон тагорӯ мешаванд. Замоне ки Шумо самбӯсафурӯш будед, ин дӯстатон назди танӯри Шумо нишаста донабайъ сигор мефурӯхт. Баъд Шумо бо мадади пора ва «тағо»-ҳоятон милиса шудеду ӯ низ бо ҳамин васила дар Вазорати мудофиа ба кор пардохт. Охири ҳафта ба сафари хидматӣ ба роҳи дур хоҳед рафт. Аз садама эҳтиёт шавед. Охир, гуноҳҳои Шумо хеле зиёданд ва ҳар лаҳза ба подоши амал расиданатон аз эҳтимол дур нест.

## ТОЛЕЪНОМАИ ДОНИШҶӮ

### Ҳамал

Яке аз устодони сахтгири факулта китоби навашро байни донишҷӯён ба фурӯш хоҳад баровард. Ба забони муғулу пурғалат ва мӯҳтавои номафҳумаш эътибор надода аз он дуто харед. Баъд аз ин аз имтиҳони «устоди сахтгир» бепарво бошед: ӯ аз Шумо (бо вуҷуди он ки лақабатонро «дундук» мондааст) як «3» қарздор.

Субҳи рӯзи чоршанбе аз хоб барвақттар хезед, ки рафиқи ҳамхонаатон дар хобгоҳ пештар аз Шумо хеста, куртаи наватонро пӯшида рафтанаш мумкин.

### Савр

Дар оғози ҳафта декани факулта рӯйхати донишҷӯёни сустхонро тартиб медиҳад, то аз ҳисоби онҳо барои таъмири хонааш «дастаи ҷаримавӣ» тартиб диҳад. Дар ин рӯйхат Шумо «мавқеи сазовор» хоҳед ёфт. Бепарво бошед; ҳарчанд 10-15 рӯз жӯлида ба хоку лой мегардед, аз чанд имтиҳон соҳиби баҳои муфт мешавед. Танҳо аз устоди фанни таърих эҳтиёт бошед, ки муносибаташ бо декан чандон хуб нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Ҷавзо**

Ин ҳафта ба шикасти ҷубронnопазире дучор хоҳед омад. Дафтари «мӯъҷизанок»-атонро, ки дар он аз чапу рост, аввалу охир фишурда (конспект)-и ҳамаи фанҳоро ҷой додаед, дар мусофиркаше фаромӯш мекунед. Пас аз моҳе чанд сафҳаи «пурмазмун»-и онро дар дасти носфурӯше дучор хоҳед омад.

Аз бепулӣ азоб хоҳед кашид ва ночор ба падаратон SMS-и кӯтоҳ хоҳед фиристод: «Дада, салом, пул тамом».

**Саратон**

Ишқатон ба як донишҷӯдухтари фаттон якбора хурӯҷ мекунад. Дигар домани сабр аз даст дода ӯро барои мулоқот ба хараки назди хобгоҳ даъват мекунед (барои ба қаҳвахона, кинотеатр ё фароғатгоҳе даъват карданаш пул надоред).

Аз фанни забони англисӣ баҳои ду мегиред, лекин аз ин рӯҳафтода нашавед. Дили устоди забони англисиро ёбед, зеро «ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст».

**Асад**

Рӯзи шанбе бароятон рӯзи бобарорест. Як устоди «зӯр»-и факулта дар харидани мизу курсӣ (солҳо боз ин ашёро надошт) оҷизӣ кашида, аз Шумо қарз мегирад. Зинҳор қарзро бе фоиз диҳед. Бо ин амалатон 1) ҳурмати устодро ба ҷо меоред, 2) сафи «пушту паноҳон»-атонро дар факулта афзун месозед.

Ситораҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки рӯзи якшанбеи ин ҳафта пурфалокат аст. Аз ин рӯ, ин рӯз суръати анъанавии мошини «Мерседес»-атонро (130 км/соат) андаке пасттар кунед.

**Сунбула**

Давраи имтиҳонот, ки маъруф ба айёми ҳосилғундории устодон» аст, наздик меояд. Аз ҳисоби камтар хӯрдану пӯшидан ва киною консерт рафтан ва ба вижа, аз ҳисоби камтар кардани саховатмандӣ ба духтарон аз ҳоло пул захира кунед, то дар рӯзи имтиҳонот қабади дафтарчаи имтиҳониятон холӣ намонад. Таъкиди сарвари гурӯҳатонро ҳамеша дар хотир дошта бошед: «Дафтарчаи холӣ даҳшатноктар аз каллаи холист».

**Мизон**

Ин ҳафта чанд рӯз нафаси озод мекашед, зеро устоди фан-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ни фалсафа, ки нисбат ба Шумо хеле «инчиқ» аст, бинобар хунукии хонааш (аз бебарқӣ) ба бемории зуком гирифтор гашта , ба машғулиятҳояш ҳозир шуда наметавонад.

Рӯзи ҷумъа пулчинаки тролейбусро фиреб дода, бе додани роҳкиро ба донишгоҳ мерасед ва 30 дираматонро захира мекунед. Рӯзи бобарор!

### Акраб

Эҳтиёт бошед, Шуморо шикаст андар шикаст интизор аст. Нахуст, «таго»-ятон, ҳамоне ки аз падаратон пора гирифта, Шуморо ба мактаби олӣ дохил кунонида буд, ба даст меафтад ва ин боиси «хам» гаштани қомататон мешавад. Дуюм, ҳамкурси вазирзодаатон, ки гоҳ-гоҳ дар сояи ҳиммати ӯ шикам сер мекардед, ҳангоми бо мошин ба дарс омадан ба садама дучор меояд. Худро ба даст гиред, зеро «ҳар чӣ ояд бар сари донишҷӯён, бигзарад».

### Қавс

Аз телефони мобилиятон (ки ба донишгоҳ овардан мамнӯъ аст) эҳтиёт шавед. Ҳангоми дарс аз мизи охир ба модари маҳбубатон SMS фиристоданӣ мешавед ва дар ин ҳолат ба даст афтоданатон аз эҳтимол дур нест. Устод ҳатто матни SMS-ро ошкор мекунад: «Духтаратро мехӯрам» (донишҷӯ ҳамеша дар фикри хӯрдан аст).

Охири ҳафта идрорпулӣ (стипендия) мегиред ва хурсандӣ мекунед: бо ин пул ду рӯз «зинда мондан» мумкин!

### Ҷаддӣ

Ҳангоми дарс ба як устодатон саволи илова дода ӯро дар хиҷолат мемонеду худро ба бало гирифтор мекунед. Айби Шумо нест, зеро намедонистед, ки ин устодатон ҳамагӣ як сол пеш мактаби олиро базӯр ҳатм кардаасту саводаш аз саводи Шумо беш нест.

Ва боз: номатон ба «дафтарчаи сиёҳ»-и мудири кафедра ворид мешавад, чунки Шумо то ҳол феҳристи асарҳои ӯро ҳамагӣ 95% азёд карда, бо ҳамин нисбат ба ин «алломаи айём» сахт беҳурматӣ зоҳир намудаед.

Рӯзи ҷумъа дар факулта дарс намешавад, зеро аз «боло» занг мезананд, ки дар маҷлиси бонуфузе ними толор холӣ мондаасту таъҷилан онро пур бояд кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Давл**

Ин ҳафта ҷаҳон бароятон рӯшан мешавад. Бар асари армони вазири маориф маҳбубаатон ҳиҷоб аз рӯй меафканад ва либоси донишгоҳӣ (ки боби дили Шумост) ба тан мекашад. Муборак шавад! Дуои ҷони вазирро кунед.

Тиҷорататон дар кӯчаю бозор ва вокзал барор мегирад. Маблағе, ки аз ин ҳисоб гирд меоваред, ҳам барои «ҷуброн»-и як моҳ аз дарсҳо қафо монданатон ва ҳам барои «чойпулӣ»-и худатону роҳбари (куратори) гурӯҳатон кифоя аст.

Охири ҳафта хабари шуме чун боди сард факултаро фаро мегирад: боз як устод китоби навашро ба нашр расондааст. Барои харидани он омода бояд шуд!

**Ҳут**

Ҳафтаи барорҳо. Ба лутфи тасодуф дар зиёфате ширкат меварзед ва дар идомаи он яке барқ хомӯш мешаваду Шумо аз фурсат истифода бурда, киссаҳоятонро пур аз нуқлу наво мекунед.

Ниҳоят, зери фишори бевоситаи ректору вазири маориф Шумо пеш аз имтиҳони хатми донишгоҳ равон хондану камғалат навиштанро меомӯзед ва ҷадвали зарбиададҳоро то «панҷкарат» азёд мекунед.

Ҳамчунин, дар куҷо воқеъ будани киобхонаи Фирдавсиро ёд мегиред.

Қанд занед, аллома шудед, аллома!

## ТОЛЕЪНОМАИ АДИБ

1.**Ҳамал** (21.03. – 20-04)

Ин ҳафта эҳсосатон ба ҷӯш меояд ва ба ҳолати ҷунун гирифтор шуданатон аз эҳтимош дур нест. Барои пешгирии ин ҳолат пайваста ашъори ошиқона нависед; гармиро гармӣ мебурад. Ҳеҷ гап нест, агар ин гуна ашъоратон низ чун навиштаҳои дигаратон ба хонандагон маъқул наояд, муҳим он ки шумо аз ҷунун мераҳед.

Мобайни ҳафта шуморо шодкомие интизор аст; дар радио шоҳбайти шоири машҳуреро иштибоҳан ба шумо нисбат медиҳанд ва аз ин обрӯятон якбора «якчанд зарра» меафзояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

2. **Савр** (21.04.22.05)

Вазъи молиявиатон пайваста коҳиш меёбад. Ҳар чӣ барвақттар ба жанрҳои хурд гузаред, то зудтар навиштаатон ба чоп расаду ҳақи қалам гиред.

Аз мунаққид Н. эҳтиёт шавед, баҳудаю беҳуда ба чашмаш нанамоед, ки ба шумо дандон тез кардааст. Бе ҳамин ҳам дар асарҳоятон аз «хоидан»-и мунаққидҳо як ҷои обод намондааст.

Охири ҳафта дар рӯзномае сурататон чоп мешавад. Аз ин аввал хеле хурсанд мешавед, вале чун зерматни суратро мехонед, дуд аз димоғатон мебарояд.

3.**Ҷавзо** (23.05 – 21.06)

Азбаски дар дигар навъҳои эҷод якатон ду нашуд, ба лирика рӯй оред. Барои таъмини парвози баланди мурғи илҳоматон ба кӯча бароед. Куртачаҳои доманкӯтоҳ, нофҳои урён, шимҳои кафам-кафам ва чеҳраҳои «пуробуранг»-и духтарон сарчашмаи илҳоматон мешаванд (ана, лирика!).

Шеърҳои пурсӯзи ошиқонаатон ба соҳибҷамоле корагар мешавад ва ӯ ба суроғи шумо меояд. Аз занатон эҳтиёт шавад; ӯ аз «лирика»-и шумо зӯртар аст!

4.**Саратон** (22.06 – 22.07)

Муддатест, ки кайфатон паридаву маҳзунед. Осуда бошед, охир, ин ҳолат барои навиштани марсия ва сӯгнома айни муддаост. Бинависед, ки акнун марсияатон хеше муассиру табиӣ мебарояд, дигар даврai навиштани марсияҳои хандаоваратон гузашт.

Аввали ҳафта тасодуфан аз назди фурӯшгоҳи китоб даргузар мешаведу ҳамхӯрдаи китобхона китобҳои кайҳо боз чанг зада хобидаатонро дида, чанд муддат бо илҳом «хайрухӯш» карданатон мумкин.

5. **Асад** (23.07-22.08)

Рӯзи чоршанберо хуш истиқбол гиред. Дар ин рӯз як мансабдори калон ба шумо барои дар борааш асар навиштан «заказ» медиҳад ва чун пешпардохт пули зиёде тақдиматон мекунад. Обро лой кунеду моҳӣ гиред! Инак, кордатон болои рӯған!

Муносибати яке аз сарварони Иттифоқи нависандагон бо шумо торафт сардтар мегардад. Барои пешгирии ҳодисаи нохушоянде дар бораи ӯ як мадҳия нависед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

6.**Сунбула** (23.08 – 22.09)

Ин ҳафта дар жанрҳои калонҳаҷм нанависед, ки тез-тез хомӯш шудани қувваи барқ дар назар аст. Андак-андак шароб нӯшиданатон аз манфиат орӣ нест: ҷуръататонро меафзояд, зеро аз дасти мунаққидон дар ҳастиятон аз ҷуръат қариб ки осоре намонда.

Охири ҳафта пас аз интизориҳои тӯлонӣ ниҳоят як шеъратон ба чоп мерасад ҳамчун иқтибос дар дохили мақолаи танқидии мунаққиде.

7. **Мизон** (23.09 – 22.10)

Бо калонсолон оши шумо напухт. Барои хурдсолон нависед, ақаллан дар шахси фарзандону наберагони худ хонанда меёбед. Асал, набот, нишолло ва умуман, шириниро бештар истеъмол намоед, зеро ашъори бачагона бояд забони ширин дошта бошад.

Кӯдаконатон аз варақаҳое, ки дар онҳо шеър навишта барояшон тақдим мекунед, кабӯтараку киштича сохта, бозӣ мекунанд ва чун барои сохтани бозичаҳои дигар варақ намеёбанд, аз шумо боз шеър талаб мекунанд. Қадре қоғаз захира намоед, ки ба наздикӣ қимати он боз ҳам меафзояд.

8.**Ақраб** (23.10-22.11)

Вақтҳои охир ба тасвири дақиқ андармон мешавед. Масалан, либоси таҳпӯшаки бонуеро ончунон дақиқу амиқ ба риштаи тасвир мекашед, ки ягон ҷузъаш намемонад. Ин боиси шубҳаву бадгумониҳои занатон мешавад ва ӯ як даста дастнависҳоятонро таҳдаргирон мекунад.

Чун кайҳо боз як асари шоиста нанавиштаед, шуморо дар Иттифоқи нависандагон кайҳо фаромӯш кардаанд. Ақалан дар маҷлисҳои Иттифоқ гоҳ-гоҳ сурфида, як-ду луқма партоед, то донанд, ки шумо ҳастед. Охир, мавсими мукофотсупорӣ ба аъзои Иттифоқ наздик омада.

9.**Қавс** (21.11. – 22.12)

Дар оғози ҳафта хисороте шуморо интизор аст; ба вазни дастнависҳои дар чандин нашрия рад шуда, ғарам гаштаатон тоб наёварда, мизи хатнависиятон мешиканад. Ба болои ин мушҳо ҳодисаи мазкурро ҳадя дар соли худ пиндошта, то



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

саҳар қисми зиёди дастнависҳоро мехонанд, мебахшед, мехоянд. Хабари журналистон аз ин ҳодиса дар матбуоти кишвар шуморо хеле таскин мебахшад, то ба ҳадде ки аз рух додани ҳодисаи мазкур шукргузорӣ мекунад. Журналистон онро як навъ сӯиқасди нависандаҳои ношуд ба адиби варзида ва силсилаи асарҳои тозаи ӯ арзёбӣ мекунанд.

10. **Ҷаддӣ** (22.12 – 21.01)

Рӯзи ҷумъа бароятон фаромӯшнопазир хоҳад шуд, зеро маҳз дар ҳамин рӯз ниҳоят дарк мекунад, ки аслан дар пайравӣ ба дигарон зӯр зада роман навиштанатон шарт нест; зӯри беҳуда қалам мешиканад. Ва он чӣ ки навиштаниед, аслан метавонед як ҳикояи хурд бошад. Зиҳӣ бозёфт! Ин ҳафта аз чанд дӯстатон даст хоҳед кашид, зеро онҳо ба зери мақолае, ки худатон дар ситоиши худатон нависед, имзо намегузоранд.

11.**Давл** (21.01-20-02)

Ситораҳо шаҳодат медиҳанд, ки ин ҳафта шуморо пирӯзиҳо ёр хоҳанд гашт. Танҳо андаке кӯшишатон лозим аст. Аз деҳа гурӯҳи калони хешу таборонатон ба аёдататон меоянд. Аз ин истифода бурда, ҳамчунин донишҷӯёни ҳамшаҳратонро истифода карда, дар толори хурд ҳам бошад, шаби эҷодиятонро баргузор намоед. Дар бораи сарвари донишгоҳе шеър ё ҳикоя нависед, дар ҷавоб ӯ вохӯрии донишҷӯёни донишгоҳашро бо шумо ташкил хоҳад кард.

Барои он ки аз дигар нависандаҳо қафо намонед, ба варзиш машғул шавед.

12. **Ҳут** (21.02 – 20.03)

Шабонаҳо дар саҳни ҳавлӣ рӯ ба осмон хобед, аз чашмакзаниҳои ситораҳо илҳом хоҳед гирифт. Дигар ин қадар дар бораи шамъу парвона шеър нанависед, ки ба иззатип нафси чароғи барқӣ мерасед ва аз рӯшноӣ маҳрум мешавед.

Аз ҳаққи қаламатон ба завҷаатон ҳатман ягон тӯҳфаи шоиста харед. Ӯ аз бедорхобию бетаваҷҷӯҳии шумо сахт ба ҷаҳл омадаву пуфак барин дамидааст ва ҳамин шабу рӯз «кафиданаш» мумкин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТОЛЕЪНОМАИ ОМӮЗГОР

### 1.Ҳамал (21.03 – 20.04)

Ҳатман конспект нависед, мудири қисми таълим аз паи ба даст афтондани Шумост. Лаҳзаи баёни мавзӯи нави дарсатон пирӯзӣ пайдо нахоҳад кард, аз ин рӯ, лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагиро кашол диҳед.

Муносибати коҳидаатон бо директор рӯ ба беҳбуд хоҳад овард, зеро як тӯҳфаи ба ӯ пешниҳодкардаатон мақбулаш афтода.

### 2.Савр (21.04 – 22.05)

Зинҳор ҳушёр бошед: ба мактаб комиссия меояд. Як узви он ба Шумо чаққа мешавад. Махсусан, ба аёниятҳоятон диққати бештар медиҳад. Бинобар ин, зудтар аз мактабҳои дуру наздик, аз омӯзгорони шинос ба орият аёният ҷамъ оваред.

Ин ҳафта хурсандие низ шуморо интизор аст; аз заҳмати ду соат дарс муфтакак халос мехӯред. Ба муносибати омадани комиссия бачаҳоро аз ҳисоби дарсҳои шумо ба рӯбучини атроф сафарбар менамоянд.

### 3.Ҷавзо (23.05 – 21.06)

Муносибати ҳамкоронатон нисбат ба шумо тағйир меёбад, зеро Шумо паиҳам якчанд дарси илова гузаронда, «суп-сурх коммунист» шудед. Эътидолро риоя намоед, ки аз сафи ҳамкорон набароед.

Мобайни ҳафта аз падари бизнесмени як шогирдатон барои он ки фарзандашро ду маротиба пинҳонӣ аз роҳбари синфаш ба бозор ҷавоб додед, мукофотеро интизор бошед.

### 4.Саратон (22.06 – 22.07)

Аз қисми мустаҳкамкунии мавзӯи нави дарсатон эҳтиёт шавед. Хонандае ба Шумо саволи «нобоб» медиҳад. Бо худ гирифтани валидолро фаромӯш накунед. Ин ҳафта, беҳтараш, ба чашми роҳбарони мактаб камтар намоед, чанд бор бе нақшаи ҳафтаина ба даст афтоданатон шуморо пеши онҳо хунукрӯ карда. Беҳтараш, фориғ аз дарс дар давоми ҳафта дар қаровулхонаи мактаб паноҳ оваред.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

### 5.Асад (23.07 – 22.08)

Ниҳоят, Шумо соҳиби ручкаи сурхи баҳогузорӣ мешавед. Як ҳамкоратон аз Русия – аз мардикорӣ баргашта, онро бароятон ҳадя хоҳад овард. Вале долларҳои ин ҳамкоратон маоши ночизатонро ба хотиратон оварда, табъатонро хира месозад.

Поёни ҳафта аз ҳаёти оилавиатон эҳтиёт бошед; занатон боз якчанд саҳифаи плани календариатонро дарронда пешдаргирон карданаш мумкин.

### 6.Сунбула (23.08 – 22.09)

Аз касрати маоши ночиз ва батаъхир дастрас шудани он дерест, ки табъи дил ширинӣ нахӯрдаед. Аз ин рӯ, бо номи «Қандалот ва кулчақандҳои дӯстоштаи мо» бо хонандагон ба тариқи мусобиқа намоиш – чорабинии беруназсинфӣ гузаронед. Шаҳдком хоҳед шуд. Танҳо аз ин шириниҳо каме ба директору завуч низ пешниҳод карданро фаромӯш накунед, дар акси ҳол «гӯсола чаппа хоҳад омад».

### 7.Мизон (23.09 – 22.10)

Аз рӯзи сешанбе эҳтиёт бошед. Директор бо ду омӯзгор ба таҳлили дарсҳоятон майл хоҳад кард. Тадбир он аст, ки мавзӯи ҳамаи дарсҳои рӯзи сешанбеятон як бошад: диктанти санҷишӣ!

Барои таҷрибаивазкунӣ ба дарси муаллимае иштирок карданатон аз эҳтимол дур нест, вале дар натиҷаи ин муносибататон бо завҷааатон тезутунд хоҳад шуд.

### 8.Ақраб (23.10 – 22.11)

Шумо хеле хаста шудаед, дастболокуниҳои шогирдонатон ҳангоми ҷамъбасти мавзӯи нави дасрҳо ва нигоҳҳои норозиёнаи ташкилотчии мактаб ба ин мусоидат карда. Илоҷе карда варақаи корношоямӣ дастрас намоед. Ин як тиру ду нишон мешавад, зеро ин ҳафта ба мактаб аз шӯъбаи маориф омадани гурӯҳи нозирон аз эҳтимол дур нест.

Ва боз: Як шогирди мансабдоратон 29-солагиашро пуршукӯҳ таҷлил мекунад ва шумо чун устод соҳиби кастуми нав мешаведу ниҳоят, аз кастуми бетугмаи сердарбеҳатон бомуваффақият халос мехӯред.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

### 9.Қавс (21.11 – 22.12)

Ин ҳафта аз шогирдон ҷамъ кардани пул бо мақсади харидани боз як ҷорӯб, пардаи нав, боз як бори дигар ранг кардани тахтаи синф, баровардани рӯзномаи деворӣ ва гӯшаи синфӣ ва амсоли инҳо айни муддаост, зеро кай боз маошатонро медиҳанд, ки худ на беш аз пардапулиест, аниқ нест.

Охири ҳафта муваффқияти барҷастае насибатон мегардад: хонандаеро ҳангоми рӯбардоркунии иҷрои масъала аз ҳампартааш ба даст хоҳед афтонд!

### 10.Ҷаддӣ (22.12 – 21.01)

Ба корҳои шиносоӣ бо шароити дасттайёркунии шогирдон дар хона ва сӯҳбат бо волидайни онҳо аҳамияти махсус диҳед. Шуморо зиёфатҳои пурдабдаба интизоранд. Ин ҳафта соатҳои дарсиатон боз ҳам хоҳад афзуд, чунки омӯзгори кимиё низ ба мардикорӣ хоҳад рафт.

### 11.Давл (21.01 – 20.02)

Бароятон ҳафтаи пирӯзиҳост. Ҳамкорон якдилона шуморо ба дарёфти нишони «Аълочии маориф» пешбарӣ мекунанд, зеро чандест ки зиёфат нахӯрдаанд ва ҳам Шумо нисбатан сарватмандед, чунки фориғ аз дарсҳо жевачкафурӯшӣ мекунед.

Муваффақияти дигари Шумо охири ҳафта зуҳур мекунад: яке аз наздиконатон мудири шӯъбаи маориф мешавад.

### 12. Ҳут (21.02 – 20.03)

Як илоҷ карда, ҳатман ду-се дарсатонро мувофиқи плани календарӣ гузаред, зеро хонандагон аз саргузаштгӯиҳои мунтазами Шумо дилгир шудаанду хавфи ба директор шикоят карданашон вуҷуд дорад.

Охири ҳафта ниҳоят маош мегиред, вале моҷарое бо касе хоҳед кард. Яқин, бо мудири хоҷагии мактаб, ки аз нӯги маоши бе ин ҳам ночизи Шумо беинсофона «мепучад».

## ТОЛЕЪНОМАИ ЖУРНАЛИСТ

### Ҳамал (21.03 – 20.04)

Ин ҳафта барои Шумо ҳафтаи калавишҳост. Хавфи аз Иттифоқи журналистон ба вуҷуд меояд, зеро ба яке аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қаҳрамонони мақолаи навбатиятон – раққосе ошиқ шуда, тарки нигориши хабар мекунед ва рӯй ба эҷоди шеъру таронаҳои лирикӣ меоваред. Дар ду-се рӯз соҳибдевон мегардед ва ончунон обу адо мешавед, ки ба қавле, ниматон намемонад. Ин аҳволи Шуморо дида Меҳмон Бахтию Акбари Саттор таъҷилан бо ҳам вомехӯранд ва танҳо пас аз гуфтугӯи тӯлонии онҳо (дар 3 раунд) Шумо ба Иттифоқи журналистон баргардонида мешавед, вале чанд муддат аз хабаратон бӯи шеъру достонатон бӯи мақола меояд.

## Савр (21.04 – 22.05)

Якбора ба шӯр омадану фаъол гардидани занатон дар назар аст. Ӯ пайваста ба ҳафт пушти оне, ки қаламро офаридааст, дашномҳои «дастабиринҷӣ» мефиристад, зеро Шумо дер боз ҳақи қалам нагирифтаеду дар хонадонатон бӯҳрони иқтисодӣ реша медавонад. Ягона илоҷ: сармуҳаррири «аҳли фаҳм»-атонро «розӣ» кунеду ба сафари хидматӣ равед ба ягон ноҳияи қафомонда. Ҳам чанд рӯз аз теғи нигоҳи таънабори занатон, ки аз теғи қаламатон гиронтар аст, мераҳеду ҳам ба хона «як чиз – ним чиз» ҷамъ карда меоред.

## Ҷавзо (23.05 – 21.06)

Ин ҳафта бештар истироҳат кунед, чунки аз бебарориҳои коратон ва танқидшунавӣ дар чапираҳои рӯзнома хеле хаста шудаед. Бештар хоб равед: ин ҳафта ҳафтаи хобҳои хуш аст. Аз ҷумла, хоб хоҳед дид, ки сармуҳаррир шудаеду дар як он ба номатон вожаҳои ғурурафзову гӯшнавози мӯҳтарам, устод ва шеф илова шудааст ва дигар навиштаҳоятон дар чапираҳо ҳама чун шоҳасару мӯъҷизаи қалам тафсир мешаванд.

Миёнаҳои ҳафта қаҳрамони яке аз мақолаҳои таърифиятон ба аёдати Шумо омада, ба як пиёла чой даъват мекунад. Аз ин фурсати муносиб истифода бурда бештар мурғкабоб хуред. Ин ҳам ҷон гирифтани мурғи илҳоматон мадад мерасонаду ҳам шикаматон баҳазур сер шуда, нерӯи қаламкашиатон меафзояд.

## Саратон (22.06 – 22.07)

Ба мавзӯи маориф рӯй оваред, ин мавзӯъ ҳоло бозоргир аст. Ба ин васила бо як тир чанд нишон мезанед: ҳам обрӯй пайдо мекунед, ҳам ба сафи қаламкашони ҳамқадами замон ворид мегардед ва ҳам дар мактаб омӯзгорон дар муносибат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо фарзандонатон эҳтиёткор мешаванд. Ҳатто, бо фармони вазири маориф фарзандони мактабхони Шумо аз пардохти сатилпулию пардапулию боз чандин … пули дигар озод мешаванд.

Мақолаатон дар бораи фориғболиҳои сарвари идораи обу корез, ӯро сахт ба ғазаб овардааст. Эҳтиёт шавед, боз ба саратон об нарезад!

**Асад (23.07 – 22. 08)**

Ситораҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин ҳафта яке аз мухолифони эҷодиёти Шумо ба садамаи нақлиётӣ гирифтор гашта меафтад. Навиштани таъзияномаи муфассалро дар рӯзнома ба шумо бовар мекунанд. Чунон пуртаъсир ва дилсӯзона менависед, ки бар асари он сармуҳаррир рӯзи дароз фиқ-фиқ гиря карда мегадад. Ба ин васила Шумо ниҳоят ҳам жанри худро меёбеду ҳам истеъдодатон эътироф мешавад ва ҳам чун устоди таъзиянависӣ маъруф мегардед.

Фаромӯш накунед, ки зодрӯзатон наздик меояд. Майдачуйдаҳоро як сӯ гузореду дар бораи як-ду «фигураи иқтисодӣ» мақолаи таърифӣ нависед: зодрӯзатон хотирмон хоҳад гузашт.

**Сунбула (23.08 – 22.09)**

Ин ҳафта муваффақ мешавед, ки чор маротиба садди чин (манъи котиба) – ро рахна зада. Ба назди сармуҳаррир дароед. Вобаста ба ин маҳорати хушомадгӯиятон хеле рушд меёбад.

Як донишҷӯи коромӯз (практикант) – ро ба Шумо вобаста мекунанд. Муборак бошад: аз ташвиши оббиёриву чоймонӣ ва овардани нони гарм муваққатан ҳам бошад, раҳидед.

Рӯзҳои истироҳат ба ғазаби хушдоманатон гирифтор шуда, қаламро бо ҷорӯб иваз карданатон аз эҳтимол дур нест.

**Мизон (23.09 – 22.10)**

Китоби дӯстдоштаатон «Таомҳои болаззат» – ро як сӯ гузошта, таъҷилан фарҳангу луғатномаҳоро варақгардон кунед. Ҳоло ба Шумо вожаву иборaҳои ситоишии иғроқвору болохонадор чун обу ҳаво заруранд, зеро сармуҳаррир ба анъанаи дерини худ содиқ монда. Боз як мақолаи фачу пурғалат навиштааст. Дар таърифи он Шумо бояд бо истифодаи вожаву иборaҳои навёфтаатон аз дигарон гӯйи сабқат бубаред.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар охири ҳафта ба шикасте мувоҷеҳ хоҳед гашт: мушҳо нонпораҳои қоқи ғалладони мизатонро ба яғмо мебаранд.

**Акраб (23.10 – 22.11)**

Ба бахти Шумо, сармуҳаррир мизу курсии дафтари корашро иваз мекунад ва ба шарофати ин Шумо соҳиби мизу курсии «нав» (собиқ мизу курсии сармуҳаррир) мешавед ва ниҳоят, аз ғиҷир – ғиҷири асабхарошу илҳомкуши мизу курсии шалақатон халос мехуред. Сармуҳаррир, ҳатто , илтифоти фавқуллода намуда, қаламмонаки кӯҳнаашро низ ба Шумо эҳдо мекунад. Акнун ҳама гумон мекунанд, ки Шумо одами наздики ӯ мебошед.

Дар миёнаҳои ҳафта дар ҳаёти оилавӣ ба «садама» дучор меоед. Бинобар шабҳои дароз дар паси миз нишастану ба нависонавис машғул шуданатон занатон масъаларо кӯндаланг мегузорад: Ё ман ё қаламу қоғаз!

**Қавс (21.11 – 22.12)**

Оғози ҳафта бароятон бебарор аст. Ранги қаламатон, коғазатон, захираи мавзӯятон ва ниҳоят, пулатон тамом мешавад. Вале дар охири ҳафта навгоние дар идораи рӯзнома наҷотбахшатон хоҳад шуд: шуморо хазинадор (кассир) таъйин мекунанд. Акнун «қатраҳо» (тангаҳои маоши ҳамкорон ва боз саховатмандии бархе аз онҳо ҳангоми маошгирӣ) Шуморо дастгир хоҳанд шуд. Чун рамзи сипос ба ин ҳодисаи гуворо дар рӯзнома рубрикаи наве бо номи «Қатраҳо» таъсис хоҳед дод. Бағайрату чобук бошед, ки ба рубрикаи «Дарё» хеле наздик омадед.

Танҳо ин раванд – «Дарё» гаштани «Қатраҳо»-ро тезонед, ки анқариб зодрӯзи сармуҳаррир фаро мерасад.

**Ҷаддӣ (22.12 – 21.01)**

Оғози ҳафта бароятон хотирмон хоҳад буд. Дар хонаатон барқ хомӯш мешаваду Шумо дар хирарӯшании шамъ аз хунукӣ дарақ-дарақ ларзида, бо дастони ларзон варақ-варақ мақола менависед. Вобаста ба ин ҳолат ҳусни хататон тағйир меёбад ва мудири шӯъба ба моли Шумо будани ин дастнависҳо шубҳа мекунад.

Дар поёни ҳафта доираи мавзӯъҳоятон фарохтар мешавад:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ба масоили вобаста ба сӯзишворӣ даст мезанед, чунки бар асари маоши ночизатон «Запарож» – атон бе бензин мемонад.

**Давл (22.01 – 20.02)**

Шуморо тадриҷан бемории бузургманишӣ (шизоферинея) ба қабзаи худ мегирад. Хабари одиятонро шоҳкорию мақолаи нимкораатонро шоҳасар муаррифӣ мекунед. Ҳатто, ба саломи баъзе «мухбирча»-ҳо ҷавоб ҳам намегӯед. Шуморо ҳамчун масхара баррои навиштани мақолае ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ хоҳанд фиристод. Ғайричашмдошт Шумо аз ин ҷо мақолае менависед, ки воқеан ҳам, дар сатҳи баланд аст. Ин мақолаатонро зери рубрикаи «Забони мурғонро мурғон медонанд» чоп мекунанд.

Охири ҳафта дарк мекунед, ки навиштаҳоятон «андаке» фачанд. Аз ин рӯ, рӯзҳои истироҳатро бо хӯрдани қанду асал, шакалод ва шириниҳои дигар мегузаронед.

**Ҳут (21.02 – 20.03)**

Бештар ба варзиш машғул шавед, зеро ситораҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки кадоме аз рӯзҳои ҳафта ҳангоми бозгашт ба хонаатон чанд авбошон бо нидои «Сарашба зан!» ба Шумо ҳамлавар хоҳанд шуд. Инҳо зархаридони ҳамон роҳбари воломақомеанд, ки Шумо зимни мақолае танқидаш карда будед. Машғули бо варзиш барои ҳимояи худ ба Шумо мадад хоҳад кард, вале ба ҳар ҳол то паст шудани алангаи оташи ҷаҳли саратон, ки василаи асосии самармандии қаламатон ва дарёфти як бурда нонатон аст, кулаҳхӯд (каска) пӯшида гардед.

Сари Шумо саломат бошад, сардор маҳв хоҳад шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



# АҶАБ ГАПУ САВДОЕ

*(Резаҳикоёти ҳаҷвӣ)*

**Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ**

Ба занам ҷӯроби нав харидам. Аз шодӣ шаб аз пояш накашида хоб кард. Ман, ки нияти рӯзи дигар барояш мӯза харидан доштам, аз раъям баргаштам.

**Ният**

Устод Исомиддини Салоҳиддин ба ман арз карданд:

– Вақтҳои охир худро хеле бад ҳис мекунам, саломатиям хуб нест. Бо ин ҳама, ният дорам, ки қайдҳоямро дар бораи устод Рӯдакӣ ба ҳам оварда асаре иншо кунам.

– Устод, умр ғанимат аст, истироҳат кунед. Мебинам, ки саломатиятон дар ҳақиқат хуб нест. Чӣ лозим ба Шумо дар ин ҳолат чунин ташвишҳо? – меҳрубонӣ кардам ман.

– Дуруст мегӯӣ, шогирд, – гуфтанд устод, – вале ман намехоҳам ба назди Рӯдакӣ дасти холӣ равам.

**Мувофиқат**

21 аризаву шикоят навишта, 15 касро миёнарав карда, расо 33 рӯз даводав намуда, ниҳоят соҳиби телефон шудам. Аз қаҳру ғазаб меларзидам. Вале рақами телефонро дида, хандаам омад: 21-15-33.

**Айни муддао**

Дар имтиҳонгоҳ шиоре овехтанд: Ба хомӯшӣ риоя намоед! Ба ҷону дил пазируфтанд ин даъватро донишҷӯёни чаласавод.

**Аҷиб**

Дар рӯзномае хондам: Ӯ дар назди ҳозирин ғайричашмдошт бод шикаст.

Аҷабо, магар ин ҳолатро чашмдошт ҳам шудан мумкин?!

**Ай-йа-йа**

Як ошноям ба ман нақл кард:

– Писарчаамонро, ҳар гоҳ ки аз миён поёнаш урён мешуд, «ай-йа-йа» мегуфтем. Рӯзе ӯро ба кӯдакистон мебурдам. Дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

роҳ чашмаш ба зане бархӯрд, ки домани хеле кӯтоҳ ва поҳои урён дошт:

– Дадаҷон, дадаҷон, ин холаам «ай-йа-йа» шудааст, – беихтиёр нидо кард писарчаам.

**Ченак**

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» мақолае супоридам. Хеле кӯтоҳ карда чоп намуданд. Ба дил аҳд кардам, ки агар онҳо низ ба ҳафтаномаи мо ягон мақола диҳанд, айнан ба миқдоре, ки мақолаи маро карданд, кӯтоҳ карда чоп мекунам.

Дере нагузашта, дар ҳақиқат, онҳо ба мо мақолае фиристоданд.

Вале ман ба азми худ устувор будам ва айнан ба андозае ки мақолаи маро кӯтоҳ карда буданд, мақолаашонро кӯтоҳ кардам. Дар натиҷа аз он чизе намонд, ба ҷуз аслу насаби муаллиф.

**Тақриз**

«Шутур» ном ҳикояатонро хондам. Хуб, вале баъзе ҷойҳояш ноҳамвор. Масалан, дар он ҷое, ки сухан дар бораи кӯҳони шутур меравад.

**Дуо**

Аз кӯрпафурӯше чанд кӯрпа харидам. Ба аҳли қалам эҳтироми баланд доштааст, ки аз нарх андаке гузашт карду хоҳиш намуд:

– Устод, як дуои нек диҳед.

Ман даст ба дуо бардоштам:

– Илоҳо, беҳтарин, ширинтарин, гуворотарин ҳодисаҳо ҳар чи бештар дар зери кӯрпаҳои Шумо ба вуқӯъ бипайванданд.

**Ҳақпараст**

Ҳамдеҳаи мо бобои Хуррам марди бисёр ҷиддиву ҳақпараст аст: на мемонад, ки ҳақашро касе хӯраду на ҳақи касеро мехӯрад.

Боре ӯ аз шаҳр ба деҳа баргаштанӣ мешавад. Роҳкиро аз шаҳр то деҳаи мо 1,5 сомонист. Бобои Хуррам ба ронанда ду яксомонӣ дароз мекунад. Ронанда 50 дирам бақия намеёбад, ки намеёбад. Аз ноилоҷӣ бобои Хуррам аз деҳаамон ду деҳаи дигар дуртар рафта (то он деҳа роҳкиро ду сомонӣ), аз мусофиркаш мефарояд ва пиёда ба деҳа бармегардад.

Ҳамин гуна ҳақпараст аст бобои Хуррам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Беандеша

Як дӯстам меҳмони ман шуд. Бо шир зиёфат додам. Баъд сӯҳбат оростем. Чӣ шуду гапамон гурехт ва ӯ сари ҷаҳл маро «гов» гуфт:

Ман, албатта ранҷидам: – Маро «гов» гуфтӣ-а?! Ақаллан аз ширам андеша накардӣ!

## Аҳли фаҳм

Мо – як гурӯҳ рӯзноманигоронро ба иҷлосияи Маҷлиси намояндагон даъват карданд. Иҷлосия оғоз ёфт. Ба мо яктоӣ аз лоиҳаи рӯзномаи он доданд. Ман хеле дар ташвиш будам, зеро якуним соат пас бояд ба мулоқоти гуворое ҳозир мешудам. Аз ин рӯ, бар асари бетоқатӣ дар гӯшаи нусхаи лоиҳаи рӯзномаи иҷлосия, ки зери даст доштам, чунин навиштам: «Ба рафиқ С. Хайруллоев! Хоҳишмандам, иҷло-сияро дар якуним соат ба анҷом расонед!»

Бо ҳамин гӯё худро хеле таскин бахшидам, вале аҷобат он буд, ки иҷлосия расо якуним соат пас ба анҷом расид.

## Силоҳҷанг

Сӯи бевазани ҳамсоя камони абрӯ парондам. Ӯ тири нигоҳ ба ман бияфканд. Занам огаҳӣ ёфта, дастонашро ханҷар кард.

Ҷанг сар шуд.

## Бузургдошти забон

– Дар мо бузургдошти забони модарӣ дар сатҳи олист, – иддао мекард сарвари милиса дар анҷумане. – Масалан, пештар милисаҳои мо ба ҷинояткор чунин мурочиат мекарданд: «Шӯрапушти лаънатӣ, кани пушти хонаатро гардон, як калтаккӯб кунем».

## Таассуф

Орзу кардам, ки чун дар қиссаи «1001 шаб» ба маҳбубаам 1001 шаб афсона гуфта, дилашро ба даст орам. Ва 1001 афсона омӯхтам. Вале чун ба маҳбубаам шабе як афсона гуфтам, ӯ худро ба оғӯшам партофт. Ҳайфи заҳматҳои афсонаомӯзиям!

## Шутурмурғ

Ду нафар ба маслиҳат шутурмурғеро duздиданду ба даст афтоданд. Ба қозӣ яке пора доду дигаре не. Ба порадода чун мурғдузд ҷазое кӯчак доданду ба дигарӣ чун шутурдузд ҷазое бузург таъйин намуданд.

Чунин фарҷом ёфт қиссаи шутурмурғдуздӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

## Атрдузд

Соддамарде аз китобе ин мақолро хонд: «Ҳар чизи duzdiro бӯяш барояд». Боре, чун дар кӯча аз паҳлӯи зане мегузашт, бӯи атр бар машомаш расид. Дарзамон ёд аз он мақол карда ба дил овард, ин зани бадкирдор яқин аз куҷое атр дуздӣ карда.

## Таъзиянома

Гурӯҳе аз кормандони бетарафи фермаи бӯрдоқипарварӣ ба сарвари корхона Қӯтосбеки Зотизода бинобар аз курсии мансаб дур андохта шуданаш изҳори ҳамдардии чуқури чуқур намуда, ба ҳамаи хушомадгӯён ва косалесонаш сабри ҷамил таманно мекунанд.

## Дарбон

Забоншиносе ба нафақа баромаду дар коргоҳе дарбон шуд. Баъзе коргарони қаллоб рӯйрост маҳсулоти коргоҳро аз дар бароварда мебурданду ӯро парвое набуд. Чун роҳбарони коргоҳ ба ин рафтори забоншиноси дарбон эътироз гирифтанд, гуфт:

– Вазифаи ман, чунонки аз номаш – дарбон бармеояд, дарро бонӣ кардан аст, ба дигараш корам не. Дарро набаранд, шуд.

## Баъзе норасоиҳо

Мунаққиде ба маъракаи дӯсташ рафт. Ба ӯ «мувофиқи расму оин» гӯён калӯшу куртаю эзор доданд. Аз ин илҳом гирифта, бо номи «Расми хуби тоҷиконро гум макун» мақолае навишт, ки анҷом бо ҷумлаи зер дошт:

Мутаассифона, дар расму оини тоҷикон баъзе норасоиҳо мавҷуд аст. Чунончи, дар маъракаҳои алоҳида ба ашхоси мӯътабар «мувофиқи расму оин» гуфта, калушу куртаю эзор медиҳанд, вале додани тоқиро фаромӯш мекунанд.

## «Шукрона»

Кӯҳҳои осмонбӯс дорем, хирманҳои осмонбӯс дорем, қуллаҳои осмонбӯс дорем, ваъдаву нақшаҳои осмонбӯс дорем ва инак, шукр, ки соҳиби нархҳои осмонбӯс низ гаштем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## Ишора

Дар бораи муносибати бисёр ҳам хуби арӯсу хушдомане ҳикоя навишта ба рӯзномае супоридам. Зуд ва бетаҳрир чоп шуд, танҳо зери унвонаш ишорае овардаанд: ҳикояи фантастикӣ.

## Чойи хунук

Писарчаам аз ман 20 дирам талаб кард, то яхмос бихарад. Гуфтам, ки пули майда надорам. Вале ӯ талабашро такрор кард. Чун ташна будаму машғули кор, шарт гузоштам, ки агар аз ошхона бароям, як пиёла чои хунук орад, 20 дирам хоҳам дод. Ӯ дарзамон шартро иҷро карду соҳиби яхмоспулӣ шуд.

Рӯзи дигар низ чун машғули кор будам, писарчаам боз яхмоспулӣ талаб кард. Қотеъона гуфтам, ки пули майда надорам. Писарчаам малӯл гашта, ниҳоят умедворона гуфт:

– Дадаҷон, аз ошхона бароятон як пиёла чои хунук орам?

## Ватандӯстӣ

Се тан дар тарабхона менишастем. Сухан аз фидокорию ватандӯстӣ буд. Яке дар фарҷоми нӯшбодаш, чун аз санг доштани гурдаи ман огаҳӣ дошт, лутф кард:

– Барои он менӯшем, ки Муродӣ сиҳату саломат аз гурдаҳояш сангҳоро дур созад.

Ман бар асари мавзӯи асосии сӯҳбатамон дарзамон посух гуфтам:

– Дӯстам, ман нахуст гурдаҳоямро аз ташхиси дақиқ мегузаронам. Агар маълум шавад, ки сангҳои он аз соҳилҳои дарёҳои мамолики дигар, ки замоне мусофират доштам, ҷой дар гурдаҳои ман пайдо кардаанд, аз онҳо ҳатман халосӣ хоҳам ҷуст. Вале чун муайян шавад, ки ин сангҳо ба Тоҷикистон азиз мутааллиқанд, ҳаргиз онҳоро аз ҷои гармашон беҷо нахоҳам кард. Бигзор бимирам, вале санги Ватан бо ман бошад!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



# МАНУ ЗАНАМ

***(Қиссаи ҳаҷвӣ)***

**Оғоз**

Ҳанӯз хеле хурдсол будам, ки рӯзе ба кадом як ҳофизи кӯчагӣ тақлидкунон сумаки додарчаамро чун баландгӯяк пеши даҳон оварда, дар рӯи ҳавлиямон «консерт» барпо кардам:

*Во алами зангирӣ,*
*Зан нагирӣ, мемирӣ...*

Модарам аз тамошои ин қиликҳои ман ба ваҷд омада ва ба фаҳми худ чӣ хулосае бароварда, хитоб кард:

– Писараки ашӯлахонакам, Худо хоҳад, ман барои ту як арӯс ёфта медиҳам, ки очеш мучӣ накарда бошад.

Аз ин ваъдаи модарам як меҳрубонии самимие эҳсос карда, бо рӯҳбаландӣ якбора ва суруди дигар гузаштам:

*Ёри ҷонам, биё!*
*Меҳрубонам, биё!*

Ин дам шояд аз ҷозибаи суруди ман бошад, ки табассум бар лаб Суғдия ба ҳавлиямон даромад. Ӯ ҳамсоядухтари мо буд ва дар синфи даҳум мехонд, хеле санъандӯст буд, овози дилнавоз дошту сурудҳои ошиқона. Модарам ҳар вақт ҳамин Суғдияро дар назар дошта мегуфт:

«Бисёр ошиқонаву бадард мехонад, гӯрсӯхта. Аниқ, ягон балоя медонад». Хулоса, Суғдия омаду сумакро аз дасти ман гирифт (ин «микрафон» ба ӯ дарзамон маъқул шуд ва ҳарчанд мувофиқашро, ки дар гаҳвораи хоҳарчаам буд, пешниҳод кардам, напазируфт) ва гӯё дар ҷавоби ман суруд хонд:

*Ман омадаам, вой-вой, ман омадаам,*
*Зи ишқ фарёд кунам.*
*Ман омадаам, ки ноз бунёд кунам,*
*Ман омадаам, во-о-о-ой ! ! !*

Ман ба ваҷд омада, Суғдияи нозанинро чун апаам бӯса кардам (ман аз хурдӣ бӯса кардани занонро дӯст медоштам). Бӯса кардаму яке ба хотирам суханони чанде қабл гуфтаи модарҷонам омад: Барои ту як арӯсе ёфта медиҳам, ки очеш мучӣ накарда бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Андешидам, ки чунин арӯс чӣ гуна бошад. Аз Суғдия пурсидам:

– Апаҷон, арӯси очеш мучӣ накарда чӣ хел арӯс аст?

– Арӯси очеш мучӣ накардагӣ арӯсест, ки ӯро ғайр аз очеш дигар ҳама мучӣ кардагӣ, – ҷавоб дод ӯ.

Бинам, чеҳрааш ҷиддӣ. Тарбуз аз бағалам афтод. Ҳиссиёти ногуворе тамоми вуҷудамро фаро гирифт. Худро таҳқиршуда дарёфтам. Суғдия ин ҳолати маро мушоҳида карда, даст ба сарам гузошт.

– Азизакам, ба ту чӣ шуд?

Суханаш омехтаи меҳру дилсӯзӣ буд. Илова бар ин, дастони мулоимаку форами ӯ сахт хушам омад. Табиатам чунин аст, ки ин гуна муносибат маро сахт мефорад ва далеру рӯҳбаланд месозад. Аз ин ҷост, ки зуд яхам об кушод ва ҷасурона аз Суғдия пурсидам:

– Апаҷон, Шуморо ягон кас мучӣ кардагӣ?

– О, ҳозиракак худат мучӣ кардӣ-ку, балоча!-қаҳ-қаҳ хандида посух дод Суғдия.

Ҳис кардам: ки суолам ба ӯ форид. Аз ин сабаб далертар шуда, боз гуфтам.

– Не, апаҷон, ман мучии дигар хела дар назар дорам. Масалан, мучие, ки ҳамсол ё каси калонсолтар карда бошад.

Ин дафъа Суғдия баландтар хандид. Чашмонаш ҳам механдиданд. Абрӯвонаш ҳаракатҳои аҷоиб мекарданд. Дар рухсораҳои гулгунаш нӯги бинии лӯхтаки хоҳарчаам барин чуқурчаҳои зебо пайдо шуданд. Кокулонаш алвонҷ хӯрданд. Аз зарби хандаи мастонааш тамоми пайкари зебояш меларзид. Махсусан, ларзиши ду барҷастагии сари синааш ҷолибу диққатрабо буд ва ҳуши маро рабуд. Дар дилам хоҳише сахт пайдо шуд, ки хандаи ин парипайкар бардавом бошад, то ки ман аз тамошояш сер шавам. Ба бахти ман, хандаи Суғдия авҷ мегирифт. Ларзиши сари синааш ҳам бештар мешуд, ба дараҷае ки ман хавотир шудам; мабодо ин ду тӯбчаи сари синааш канда шуда афтад! Бо ҳамин андешаи кӯдакона даст ёзида, аз рӯи ғамхориву эҳтиёт ҳарду «тӯбча»-и Суғдияро маҳкам доштам. Ӯ зуд ором шуду дастони маро пӯчида аз худ дур кард ва гуфт:

– Ӯ, балоча-е! Барвақт калон шудаӣ-ку! Боз ин чӣ қилиқ?! Ман хиҷолат кашидам ва узр пеш овардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Апаҷон, ман тарсидам, ки мабодо осебе аз зарби ханда ба шумо расад. Охир, ончунон хандидед, ки…

– Ҳа, ана, гап дар куҷо будааст, – андаке нарм шуда, бо нимтабассум гуфт Суғдия ва яке андешамандона ба кадом нуқтае нигариста афзуд: – кошкӣ, Исфандиёр низ чун ту «тарсончак» мешуд…

Аз ин суханони ӯ чизе нафаҳмидам, танҳо бо дили кӯчаки худ андаке дарк кардам, ки чӣ рози ҷиддие дорад ин олиҳаи ҳусн…

Чунин муносибатам бо Суғдия дар хотирам як нақли модарамро зинда кард. Ӯ боре ҳикоят кард, ки падарам ба муносибати чорсолагиям бароям тӯбчаи майдаяки пурнақше тӯҳфа кардааст. Ман онро хеле дӯст медоштаам ва ҳар куҷо, ки равам, бо худ мебурдаам. Як рӯз модарам ба хонаи холаи Гулистон меравад ва маро низ бо худ мебарад. Ман, албатта, тӯбчаро бо худ гирифтаам. Дар хонаи холаи Гулистон тӯбчаам гум мешавад. Ҳама ҷоро мекобанд, намеёбанд. Доду фарёди ман ба фалак дакка мезанад. Яке чашмам ба сари синаи барҷастаи холаи Гулистон афтода, даъво мекунам, ки он кас тӯбчаро дуздида, ана дар сари синаашон пинҳон кардаанд.

Ҳарчанд ба ман мефаҳмонанд, ки ин тур нест, бовар намекунам. Ниҳоят, холаи Гулистон «ин бачаат тоза якрав будааст-ку» гӯён куртаашонро кашида, синабандакашонро кушода, маро бовар мекунонанд, ки он ҷо на тӯбчаи ман, балки чизи дигар пинҳон аст…

Бармегардем ба назди Суғдия. Ӯ азми рафтан кард. Афсӯс дар дил хӯрдам, ки сӯҳбатамон фарҷоми нек пайдо накард ва ҳам суолам бепосух монд. Духтарак ин андешаи маро пай бурдагӣ барин гуфт:

– Бозорбой, агар бисёр майли донистан дошта бошӣ, бидон, ки маро як-ду кас мучӣ кардагӣ. Ҳамон хел мучиҳои ту мегуфтагӣ. Лекин модарам мучӣ кардагӣ ё не, намедонам. Ҳа, воқеан, балоча, ҳамон мучиҳои ту мегуфтагиро бӯса мегӯянд. Як маротиба маро ҳамсинфам Фарзон бӯса кард. Ҳодиса ногаҳон ба вуқӯъ пайваст. Фарзон аълохонтарин ҳамсинфи мо, сардори синф буд. Боре масъалаеро аз риёзиёт ҳал карда натавониста, назди ҳамсинфон меравад, вале боз ҳам роҳи ҳалли масъаларо намеёбад. Ниҳоят, назди ман ҳам омад. Рӯи катчаи назди ҳавлиамон китоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хондам. Фарзон бо узр арзи матлаб кард. Роҳи ҳалли масъаларо ба ӯ фаҳмондам. Аз шодӣ шояд беихтиёр маро бӯса карда, «Ура» гуфт. Аз садои «Ура»-и ӯ падарам аз ҳуҷраашон берун баромаданд. Хайрият, Фарзон аввал бӯсида, баъд «Ура» гуфт. Дар акси ҳол падарам ба мо «Ура!»-и худро мегуфтанд. Дафъаи дигар рухсораҳои маро лаби Шодон зиёрат кард. Ӯ соли гузашта мактабро хатм намуд бо баҳои аъло, вале волидайнаш пул наёфтанд, ки идомаи таҳсилашро таъмин созанд. Озими Русия шуда, гуфт, ки ҳам бо мардикорӣ пул меёбаду ҳам он ҷо таҳсил мекунад. Пеш аз рафтан бо ҳама хайрихуш кард. Маро ба танҳоӣ хоста, чизе гуфтанӣ шуд. Натавонист. Ниҳоят, бо як ҳаракати босуръату ногаҳонӣ аз ду рухсораам бӯсиду зуд нопадид шуд. Ана, ҳамин тавр, Бозорбой, ҳамаашро ошкоро гуфтам. Акнун дилакат ором шуд?

– Апаҷон, яъне ки Шумо ҳам арӯси очеш мӯчӣ накардагӣ мешавед-а? – боз пурсидам ман.

– Аз афташ, ҳамин хел, – хандида ҷавоб дод Суғдия ва сӯи ман чашмак зада, «то консерти оянда» гуфта, ҳавлиямонро тарк кард. Ман хурсанд шудам, ки хайрият сӯҳбатамон бо хандаи дилрабои Суғдиябону анҷом ёфт. Илова бар ин, ман бисёр маълумоти ҳаётан муҳим ба даст овардам, ки ҳатто баъзан ба разведкачиёни барҷаста низ даст намедиҳад. Лекин…. Хандаи Суғдия! Эҳ, Суғдия! Аз шакалод ҳам ширинтар аст хандаи ту!

… Ва ман сумаки додарчаамро ба даҳон наздиктар оварда, «консерт»-амро анҷом додам:

Хандиданош, хандиданоша бинед,
Нозиданош, нозиданоша бинед.

Ин дам боз модарам назди ман пайдо шуд, табассуми малеҳ ба лаб дошт. Ман ба ӯ нигариста, хеле ҷиддӣ ба қатъӣ гуфтам:

– Модарҷон, кӯшиши Шумо беҳуда, ман ҳаргиз духтари очеш мучӣ накардаро ба занӣ нахоҳам гирифт!

* * *

Нахустсӯҳбати ҷиддиям бо Суғдия маро якбора якчанд сол калон кард. Баъдтар боз чандин маротиба бо Суғдия сӯҳбатҳои хоса оростам, ба бисёр суолҳои махсусам ҷавобҳои саҳеҳ гирифтам. Суғдия бисёр чизҳоро ба ман «нишон дод», ки то ин дам бо ду чашми кушода намедидам. Ман



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекӯшидам, ки ягон хушгӯиe карда ё соддалавҳие содир намуда, Суғдияро хандонаму тамошояш кунам. Гоҳ ҳис мекардам, ки ин шайтондухтараки нозанин (ибораи модарам) маро лӯхтаквор бозӣ медоронад. «Бигзор чунин бошад, – мегуфтам ба худ, – чизе ки бошам, дар дасти Суғдия бошам». Афсӯс, ки бахт аз ман рӯй тофт, волидони Суғдия ба шаҳри ҳамсоя кӯчида рафтанд. Суғдиябону низ маро тарк гуфт. Ҳамин тавр, қиссаи ману Суғдия ба анҷом расид.

Гуфта ояд, ки ин қисса ба мавзӯи қиссае, ки дар ибтидо омада, чӣ иртиботе дорад? Рости гап, агар ҳамин тавр намекардам, кӯрнамакӣ мешуд, зеро нахустконсултатсияро дар мавзӯи ҳаёти оилавӣ, муносибати зану шавҳар, дунёи муҳаббат, ишқу ошиқӣ ман маҳз аз Суғдия гирифтаам ва чӣ қадар консултатсияҳои шавқовару пурмазун, меҳрубонона, самимӣ… Агар бархе аз омӯзгорони имрӯза мебуданд, бешак, барои ҳар як чунин консултатсия аз ман на камтар аз 10-15 сомонӣ дармехостанд. Хулоса, тавассути Суғдия ман баробари хатми мактаб ба ҳаёти оилавӣ таппа-тайёр будам. Аз тарафи дигар, хизматҳои Суғдия барои ман ройгон нарафтанд, зеро пас аз ду соли мактабро хатм карданам модарам ба нею нестонам нигоҳ накарда («дар лабакат не-не-не, дар дилакат ҳа-ҳа-ҳа» гӯён), аз шаҳри ҳамсоя барои ман, ба қавли худаш, як арӯси очаш мучӣ накардаро овард. Шаби тӯй дурусттар ба рӯи арӯс нигарам… Худоё, Суғдия! Не, аниқтараш нусхаи бекамукости Суғдия. Дурусттар сӯҳбат карда, фаҳмидам, ки арӯси ман хоҳари Суғдия – Сулҳия будааст. Ӯ-ӯ, Суғдияи шайтон-е, ана барои кӣ тайёр мекардааст маро!

Дар тамоми ҳаёти оилавиям ман аз «дастурхон»-и Суғдия, ҳозирҷавобиҳову тадбирсозиҳои суғдияворона васеъ истифода бурдам ва месазад, ки номи ӯ дар сароғози қиссаҳои ману занам бошад. Ман ҳар воқеаи майда-чуйда ё камҳамиятро аз ҳаёти оилавиям нақл намекунам; қиммати вақти шуморо бояд донист, хонандагони азиз! Танҳо лаҳзаҳоеро фишурда нақл мекунам, ки ба хаёлам, ханда бар лабони шумо эҳдо мекунанд, зеро ман ошиқи хандаам, хоса хандае чун хандаи Суғдия…

Инак, қиссаҳои ману занам.

* * *

Ончунон ки аз оғози қисса дарёфтед, номи ман Бозорбой. Ин аз он сабаб, ки рӯзи бозор таваллуд шудаам. Аслан, бояд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯзи дигар таваллуд мешудам, вале азбаски сардори корхонаи модарам шахси хеле сахтгиру бӯингап будаасту ҳатто варақаи бемориро чун сабаб қабул намекардааст, ӯ (яъне модарам, на сардори корхонаи ӯ) маҷбур шудааст, ки маро рӯзи ғайрикорӣ, яъне рӯзи бозор таваллуд кунад. Вале ин ҷо аввали гап аз дигар боб аст.

Дирӯз якшанбе буд. Ману завҷаам бозор рафтем. Зан дар бозор чун чуғз дар вайрона будааст, сари ҳар кулӯхе чағ-чағ мекунад. Қисса аз ҳасиб оғоз ёфт. Дар даромадгоҳи бозор ҳасиб мефурӯхтанд. Занам майли ҳасибхӯрӣ кард. Ҳуш аз сарам парид. Охир, нархи ҳасибро худатон медонед-ку. Чӣ кор карданамро надониста, ноилоҷ ягона ҳунарам – қофияпардозиву суханбозиро истифода бурдам ва ба бозоргардиямон чунин ҳусни оғоз бахшидам:

*Дафъаи дигар агар маош гирам, ё насиб,*
*Мехарам бегуфтугӯ баҳри ту як метир ҳасиб.*

Занам лабханде карду лабонашро, гӯё аз ҳасиби бисёр хӯрдан рӯғанолуд шуда бошанд, лесид. Баъд гузори мо ба растаи меваҷот рост омад. Зани ман мурдаи рӯи мева. Пешаш ягон меваро ном гирӣ, рӯирост худро ба бало гирифтор мекунӣ. Моҳе пеш меҳрам тофту дар борааш «ду рӯякат – ду анор» гуфта шеър хондаму дар бало мондам, «мемуреду бароям анор ёфта меоред» гуфт. Боз дар нимашабӣ.

Хайрият, ҳамсояамон анорфурӯш. «Занам бемор таб карду анор мехоҳад», – гӯён ду дона анор гирифтаму ба худ андешидам, ки ҳоло ҳам шукр, ки «пеши барат ду банан» нагуфтам. Набошад, ман куҷову Ҳиндустон куҷо… Аз қисса дур наравем. Ману занам дар растаи меваҷот. Занам хоҳиш кард, ки як-ду кило мева харам. Дар чилаи зимистон нархи мева ба куҷоҳо дакка мезанад, ба ҳама маълум. Аз ин рӯ, ба деги илҳомам кафгир задам. Ин сатрҳо рӯ заданд:

*Занак гар меҳр мемонад ба мева,*
*Шавад охири кор, албатта, бева.*

«Аз шумо гап мегирӣ», – гуфт бо ишва занам ва гӯё пӯсти мевае ба гулӯяш дар монда бошад, ду-се маротиба чуқур-чуқур гулӯ афшонд…

Ана, мо дар растаи латтафурӯшон. Кора бало зад, меҳри зани ман ба латта аз мева кам не. Ҳатто, баъзан ман рашк мекардам ба латта. «Зани латтапараст миёни марда шикаст», – гуфтаанд дар урфият. Аслан, сабаби имрӯз бозор омадани мо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳам каму беш ба латта алоқаманд буд, яъне «як лату лути бозора хабар гирифта оем», – гуфтани занам. Ҳарчанд дар киссаам пули кироие набуд, розӣ шудам. Охир ман мард-ку!

– Мардак, ин матоъа, бинед, лоиқи тани ман, – гуфтани занам риштаи хаёлоти маро шартӣ канд. Як лаҳза лол мондам. Хайрият, боз мурғи илҳомам ба парвоз омад ва гуфтам:

*Эй занакҷон, аз паи латта мадав,*
*Ман бароят мехарам оши палав.*

– Оши палаватон даркор не, беҳтараш ана ин поҷомаро бароям харида диҳед, – ба эзори занонае ишора кард завҷаам.

«Булбулак»-и ман ночор боз ба хониш омад:

*Агар гап дар сари эзор бошад,*
*Ягон хилватгаҳе даркор бошад.*

– Муред Шумо, бешарм, – гуфт занам, – аз даҳонатон чӣ мебароянд, намедонед. Рафтем аз ин ҷо меравем. Набинаму насӯзам.

Тифоқо, гузорамон ба растаи хӯрокфурӯшон рост омад. Занам назди самбӯсафурӯше таққӣ истод мошини бензинаш тамом шудагӣ барин. «Самбӯса мехоҳад, аз афташ, о, дар хона ҳаст-ку, харҷи беҳуда чӣ лозим» аз дил гузаронидам ман ва бо мақсади пешгирии «фалокат» чунин шарт гузоштам ба занам:

*Насозӣ гар зи бӯса карданам шарм,*
*Бароят мехарам самбӯсаи гарм.*

Занам гӯё самбӯса хӯрдабошад, лабонашро бо кафи даст пок кард...

Хумори нос тоқатамро тоқ карда буду носкадуи холиаамро пайваста мепалмосидам. Ба носфурӯш пулу носкадуямро дароз карда, ба гӯши занам пичиррос задам:

*Фарогатбахши одам нос бошад,*
*Барои шермардон хос бошад.*

Занам ба ғазаб омад. Пичирросзанон ду-се сухани талху пичингомез гуфт ба ман. Ҷавобаш додам, ки: – Эй занак, огоҳ бош, ки бузургон таъкид намудаанд:

*Занат гар талхгуфтору чатоқ аст,*
*Бидон, ин зол муштоқи талоқ аст.*

Занам ба қафо, сӯи баромадгоҳи бозор баргашт, яъне қаҳр кард. Ман аз пасаш шудам, ӯро расонида, бозорро, қаллобони бозорро, ашёи бозорро расо танқид кардам. Гуфтам, ки ин бозор лоиқи хариду тамошо нест ва суханонамро чунин хотима бахшидам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Баъд аз ин дониста бошӣ, эй занам,*
*Беҳтарин бозор баҳри ту манам.*

Ана, дар ҳамин вақт занам маро бо «силоҳ»-и худам боб кард. Ӯ яке ба сӯям теғ кашида нигаристу шоирона гуфт:

*Ту дар бозор бас додиям озор,*
*Кунун безор ман аз* ***ҳар ду*** *бозор.*

Хонандагони азиз аз аввали қисса огоҳ шуда буданд, ки номи ман Бозорбой аст ва аз ин рӯ, шоҳбайти занам кори маро кард. Мурғи илҳомаш хӯрус будааст ин муштипара. Хомӯш мондам, ки боз аз ин бадтар накунад. Аз баҳри қофиябозӣ ҳам баромадам. Эҳ, кошкӣ сардори коргоҳи модарам сахтгиру сахтгап намебуду модарам маро на дар рӯзи бозор, балки дар ягон рӯзи дигар таваллуд мекард!

* * *

– Аз ҷабри ту ман худро ба дарё мепартоям, – огоҳ кард маро занам.

– Майлаш, – розӣ шудам ман, – вале дониста мон, ки ман шино карда наметавонам.

– Ноӯҳдабаро, – таъна кард маро занам ва аз раъйаш баргашт.

* * *

Ҳар саҳар ҳини ба кор рафтанам занам хоҳиш мекунад, ки дар бозгашт аз бозор ин ё он чиз биёрам. Он қадар ба дилам задааст хоҳишҳои ӯ! Хушбахтона, боре ҳангоми корравиям аз пасам баромаду чизе таъйин накард. Аз ин ҳодисаи нодир илҳом гирифта, барояш бо меҳру муҳаббат байти зеринро бадоҳатан гуфтам:

*Хоҳаме монанди ҷоруб бо ҳавас,*
*Аз қадамгоҳат бирӯбам хору хас.*

Занам яке такон хӯрдагӣ барин шуда гуфт:

– Ҳа, гуфтагӣ барин, ҷорубамон мушт барин шуда мондааст. Ҳини бозгашт аз кор аз бозор як ҷоруб харида оред.

* * *

Баъзан аҷаб содагиҳое дорад зани ман. Боре нияти гов харидан кардем. Бегоҳии дигар бинам, ресмонро ба танаи дарахте мебандаду мекушояд, мебандаду мекушояд. «-Ҳа, чӣ гап?», – гӯям, «бастану кушодани говро машқ мекунам», – гуфт.

– Ин тавр бошад, – гуфтам бо зарда, – биё, хорумол карданӣ говро дар тахтапушти ман машқ кун!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Меҳрам тофту ба занам атр харидам.

– О, дар ҷавониям боре ҳам як қатра атр нахарида будед, чӣ шуд, ки дар пириям илтифот кардед, – изҳори таҳайюр кард занам.

– Дар ҷавоният бӯингап набудӣ-дия! –ҷавоб додам ман.

* * *

Хоб дидам, ки ниҳоят орзуи деринаам амалӣ гаштаасту зани нав гирифтаам. Ва сари пуштаи пургуле бо ӯ дастобагардан менишастам, ки ногоҳ аз куҷое дуогӯён чун раъд ғуррида зани аввалам пайдо шуда, ба ман сахт часпид. Ҳарду зан барои ман хуб талош карданд. Яке аз дасти ростам дошта ба ҷониби хеш мекашиду дигаре аз дасти чапам. Хуб дод гуфтам, вале онҳо ба кори худ овора буданду савори аспи ҷаҳл. Яке ҳарду дастам канда шуда, дар дасти занҳоям монданд, худам ба даҳшат афтода, гурехтам. Вале занҳоям дастҳоямро партофта, ҳамдигарро тела дода, тела дода аз паси ман шуданд ва зуд расида гирифтанду боз талош карданд маро. Дод гуфтам, аммо бефоида. Зани аввалам сарамро дудаста ба тарафи худ мекашиду зани дуюм суст наомада, як қабза мӯи сарамро ба даст печонида, маро аз худ карданӣ мешуд. Худоё, ногаҳ сарам канда шуду дар дасти занҳоям монд. Вале аҷибаш ин, ки ман намурдам, балки бо ду пои саломатам тани бесарамро гирифта гурехтам. Занҳои беинсофу номуросоям бошанд, каллаамро кадувор сӯе ғелонда, боз аз паси ман шуданду дастгирам карданд. Боз часпу талош барои ба даст овардани ман сар шуд. Ин дафъа онҳо ба пойҳоям часпиданд; ҳар яке аз як поям дошта, ҷониби худ мекашид. Аз дарди ҷонкоҳ фарёд мезадаму баробари он ҳайрон будам, ки чӣ хел бедаҳон овоз мебарорам, чӣ гуна бечашм мебинам. Ногоҳ пойҳоям низ аз танам канда шуданду тани бедасту сару по луб-лунда шудамондаам аз пушта ғелида-ғелида, ба сангу хори зиёде бархӯрда, ниҳоят дар ҳамворие ба кундаи дарахте дакка хӯрда қарор гирифт.

– Хайрият, – аз дил гузаронидам ман, – ба ҳар ҳол, акнун аз ин рӯзи сиёҳ халос хӯрдаму аз дасти ин ду бало растам. Лекин… ҳайҳот, лаҳзаяке нагузашта, ҳар ду занам боз ба сарам аниқтараш, ба барам ҳозир шуданду бидуни таваққуфе ба танам часпиданд. Боз ҳам ба доду фарёдам эътибор надода, ар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ра барин ин сӯ-он сӯ кашидандам. Ва ниҳоят, аз афташ, хаста шуда, ба рӯи ҳам пурнафрату пурғазаб нигариста, қарор гирифтанд. «Акнун шояд ором гузорандам», – як дараҷа осуда шудам ман бехабар аз он, ки даҳшати дигаре интизорам будааст. Ногаҳон яке аз занҳоям аз куҷое табаре пайдо карду ба зани дигарам бо зарда чизе гуфта, дами табарро ба миёнаҷои танам рост кард. Яқинам шуд, ки занҳоям ниҳоят муросо карданду акнун мехоҳанд, ҳамин боқимондаи ман – танамро байни ҳам ду тақсим кунанд. Ва аз ин даҳшат ба ҳарос афтода, бо тамоми қувва додгӯён… бедор шудам. Завҷаам, ки дар паҳлӯям хоб буд, низ аз фарёди ман тарсида, «дадеш, чӣ гап шуд, чӣ гап шуд», – гӯён ҷаста хест.

Каме ба худ омада, «хайрият, хайрият», – гӯён араќи сару рӯямро пок кардам ва завҷаамро сабук ба оғӯш гирифта, «азизакам, ҷонакам, ту як умр ягонаи ман хоҳӣ буд, ягона»-гуфтам.

Бечора занам чизе нафаҳмида, ҳайрон-ҳайрон ба рӯям менигарист.

* * *

Соли 1991 буд ё 1992, ки маро аҳли коргоҳам номзад ба депутатӣ баргузиданд. Аз занам шодиёна гирифтанӣ шудам:

– Занак, маро ба депутатӣ пешбарӣ карданд.

– Чаро розӣ шудед, – ғуррид занам, – ба ман як ҷуфт калуш ёфта дода наметавонеду ба ин қадар интихобкунандагон аз куҷо пайдо мекунед, мардаки беандеша?

* * *

Субҳи 23 феврал буд.

– Мардак, – гуфт занам табассуми нодирашро арзонӣ дошта, – имрӯз иди Шумо, бароятон чӣ тӯҳфа кунам?

– Ҳеҷ чиз даркор не, занак. Танҳо мон, ки бо ҷӯраҳоям нӯшонӯшӣ кунем, фақат ғур-ғурат ба мо «закуска» нашавад, шуд.

Занам лутфан розӣ шуд. Ва он рӯз ману рафиқонам ҳай нӯшидему нӯшидем.

Ҳа нагуфта, 8-март низ фаро расид.

– Занак, – гуфтам ман лаб инҷ карда субҳи он рӯз, – имрӯз иди ту, бароят чӣ тӯҳфа кунам?

– Ҳеҷ чиз даркор нест, мардак, танҳо монед, бо дугонаҳоям



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

камтар чақ-чақ кунам, фақат даробарою сулфаҳои сохтаи Шумо барои мо «намёк» нашавад, шуд. Ман ҳам розӣ шудам ва он рӯз занак бо дугонаҳояш ҳай лаққиду лаққид, ки мондан гиред.

Минбаъд такрор ёфтани ин ду воқеа дар ин ду рӯзи муборак дар зиндагии мо ба ҳукми анъана даромад.

* * *

Доду фарёди занам маро субҳ аз хоб бедор кард.

– Чӣ гап, чӣ гап? – ҷаста аз ҷой хестам ман.

– Охир, ина бинед, ин кори ҷин бошад ё аҷина?

Бинам, ҳар ҷо – ҳар ҷои куртаи шабпӯши занам порча-порча канда гирифта шуда. Аввал ҳайрон шудам, вале баъд... хандаам омад. Охир, ман шабона хоб дида будам, ки оши туппа мехӯрам.

* * *

Ба муносибати зодрӯзаш хостам, занамро аз пухтупази бегоҳӣ озод кунам.

– Чӣ пазам, очеш? – пурсидам аз ӯ.

– Мошкичирӣ, – хӯроки маъқулашро ном гирифт занам. Дасту остин барзадам, вале ба як нукта вомондам; ба мошкичирӣ сабзӣ лозим ё не. Барои ҳамин чизи оддиро аз ӯ пурсидан гарданам ёрӣ надод.

– Занак, ба ёдат ҳаст, ки соли гузашта дар зодрӯзат палав мепазам гуфта, ҳини сабзирезакунӣ ангуштамро бурида будам? – ба умед гапро аз сабзӣ сар кардам ман.

– Ҳа, дар ёдам ҳаст мардак,-ҷавоб дод ӯ, – барои ҳамин имсол мошкичирӣ пазед гуфтам-дия. Охир, чи хеле ки медонед, ба мошкичирӣ сабзӣ намеандозанд-ку.

– Ташаккур барои ду меҳрубоният, – духӯра карда гуфтам шодона.

* * *

Маро ба сафари хидматӣ фиристониданд. Баробари ба манзил расидан ба занам мактуб навиштам:

Салом, занак! Ман ба ҷои таъйиншуда расида омадам. Ин ҷо, аз афташ, як ду ҳафта мемонам. Таҷрибаи пешқадами ин корхонаро омӯхтан лозим будааст. Аҷабо, аз таҷрибаи корхонаи ман пешқадамтараш ҳам мешудааст-дия. Ҳе, «гунҷишкбача ба очааш ҷив-ҷив ёд доданӣ шудааст» гуфтагӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

барин ин савдои мо. Хайр, ин гапҳо ба ту дахл надоранд. Муроди шавҳарат аз ин мактуб дигар. Сабил монад, вақти омадан бар асари саросемагӣ боз чанд гапи ба ту мегуфтагиям ногуфта мондааст. Занак, гӯш кун, ҳозир замонаҳо ганда. Ҳушёр бош! Ман дар хона чизи даркориро барои се-чор ҳафта захира карда омадаму лекин зиндагӣ-дия, боз ягон чиз хеле ва хеле лозим шуда монад, ба кӯча бо либоси кабуд набаро, ҳозир кӯчаҳо пур аз ҷавонони бекору гандагашт. Ягонтоаш «Либосаш каб-кабуд, мумкин шавҳараш мурда бошад», – гуфта аз пасат кашола нашавад. Дар истгоҳ ягонтоаш «Киро интизоред, хонум?» гуфта пурсад, «шавҳарам» – ро гӯй, «ҳозиракак омада мемонанд» – гӯй. Ягон кас маро пурсида ба хона ояд, «навакак баромада буданд, кай омаданашонро намедонам» – гӯй. Нагӯй, ки «ба командировка рафтагӣ».

То бозгашти ман китобҳои ошиқӣ нахон. Одама вайрон мекунанд ин хел китобҳо. Бисёр шавқ дошта бошӣ, ман равам баъд якҷоя мехонем, ҳатто агар хоҳӣ, аз онҳо саҳначаҳо ҳам иҷро мекунем ҳар ду. Не, агар сахт майли чизе хондан пайдо кунӣ, танҳо журнали «Хорпуштак» ё «Ҳаёти деҳот»-ро мутолиа намо. Боз як таъкиди дигар: «Тани гарм бе дард намешавад», – мегӯянд. Мабодо касал шуда монӣ, тоқат кун, зуд духтур чеғ мазан. Ҳозир қариб ҳамаи духтурҳо мард. Ҳатто, духтури занона ҳам мард-е! Ҳамаи ин бебало не. Хайр, агар бисёр касали вазнин шавӣ (Худо нигаҳ дорад), майлаш, ҷеғ зан, лекин укол карданӣ намон. Агар ягон хел доруи молиданӣ тавсия кунад, зинҳор намон, ки худаш молад. Гирифта ба ягон ҷой мон, ман худам, ки рафтам, хӯшрӯякак мемолам. Танҳо бо ҳаб қаноат кун.

Ҳа, қариб фаромӯш кунам, дар ошхона ҳӯ-ӯ дар пушти ғарами шишаҳои холӣ як лавҳачаи «Эҳтиёт шавед, саги бадгир!» навишташудае ҳаст. Кадом вақт барои рӯзи мабодо харида будам. Ҳамонро ёбу дар паси дарамон овехта мон, муваққатан, то рафтани ман.

Хулоса, худатро барои ман эҳтиёт кун, занак. Худо хоҳад, таҷрибаомӯзиро кӯтоҳ карда, зуд ба канорат ҳозир мешавам ва дигар агар бо оҳанрасан кашола кунанд ҳам, аз шаҳрамон як қадам берун нахоҳам рафт. Ҳа, гуфтагӣ барин, ман пеш аз омаданам ба назди Муллохокироҳ рафта, туро кӯрхат карда будам. Аз ин рӯ, аслан ба ин ҳама таъкидот эҳтиёҷ ҳам набуд, лекин ба ҳар ҳол...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хайр, саломат бош. Ягон гапи дигарам фаромӯш шуда бошад, баъдтар таъҷилан мактуб ё барқия мефиристам.

Бо пазмонӣ: Шавҳарат (Бозорбой).

* * *

Ба полизамон об мондаму рӯи айвон дастурхон густурда, чой дам кардам. Яке ба полиз нигаристам, ки аллакай поёноб кардааст. Фикр кардам, ки аввал обро бандаму пас баҳузур нишаста, чою нон хӯрам, лекин ба нони суп-сурху косаи қаймоқ нигариста, аз райъам гаштам ва сари дастурхон нишастаму ба тановул пардохтам.

– Ҳой, мардак, – овози занам баланд шуд чанде нагузашта, – намебинед-чӣ, ки полезро об зер карда, ҷӯякҳоро шустааст. О, фикр накардед, ки аввал обро бандеду пас сари дастурхон нишинед?!

– Фикр кардам, занак,-иқрор шудам ман, – вале сабил монад, бо шикамам фикр кардам, бо шикамам.

* * *

Боре ману занам ба кино рафтем. Филм маъқулам нашуд, дилгир буд. Хобам бурдааст. Чун занам маро бедор кард, дар толори кино касе намонда буд.

– О, барвақттар бедор кунӣ, намешавад, қатори мардум баромада равем, – эътироз кардам ба завҷаам.

– Худи маро фарроши толор бедор кард, – иқрор шуд занам.

* * *

Аз кучое занам рӯзе як рассом ёфта овард, то хонаи хобамонро зеб бахшад. Рассом нархи сабзию пиёзро напурсида, дар девори хона расми дарахти азиме ва дар зери он расми паланги бадхашмеро кашид. Ва ҳамааш аз ҳамин сар шуд. Акнун ман шабҳо фарёдкунон «Наҷот диҳед!» гӯён аз хоб ҷаста мехестам ва аз тарс ба занам сахт мечаспидам. Сабаб он буд, ки ҳамин паланги бадхашм шабонаҳо ба хобам даромада, ба ман дармеафтод. Занам ҳарчанд мекӯшид, то маро ором созад, намешуд. Қариб ҳар нисфишабӣ фарёди ман баланд мегашт. Ниҳоят, рӯзе занам боз ҳамон рассомро пешандоз карда овард. Ман гумон кардам, ки вай манзараи дигареро ба девор мекашад. Не, рассом танҳо гирди гардани палангро занҷири ғафсе кашиду онро ба дарахт маҳкам «баст».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман акнун шабонаҳо ором мехуфтам, зеро дилам пур буд, ки паланг занҷирбанд аст.

Ба ақлу фаросатат ман қоил, занакҷон!

* * *

– Занак, пагоҳ ба шалғамчинӣ меравем.

– Монед, ҳамин шалғам-палғаматона. Дастонам кафидаву тароша барин мешаванд.

– Он ҷо дар ҳавои тоза истироҳат ҳам мекунем.

– Безорам аз ин хел ҳавои тоза. Саҳро ки шуд, чангу хокаш аниқ.

– Дар наҳрчаи тозаоб оббозӣ ҳам карданамон мумкин.

– Беҳуда таърифу тавсиф накунед. Намеравам. Намехоҳам.

– Ҳа, гуфтагӣ барин, ҳангоми бозгашт аз мағозаи канори шаҳр бароят куртаи навбаромад ҳам хоҳем харид.

– Биёед, мардакҷон, барвақтар хоб кунем, боз саҳар хобамон бурда, аз шалғамчинӣ дер намонем.

* * *

Шумо ба зан бовар доред? «Бале» мегӯед? Наход? Мана, масалан ман ҳеҷ бовар надорам ба ҷинси зан. «Чаро» мегӯед?

Барои он ки худ бисёр санҷидаам онҳоро. Биеёд, бе шаф-шаф ҳодисаи шудагиро луччаку пӯстканда нақл кунаму монам.

Боре як гурӯҳ занҳо байни худ маслиҳат карда, ба назди мани аробакаш омаданд, ки онҳоро ба зиёрати мазори бузургворе барам. Розӣ шудам. Рӯзи дигар расо вақти ваъдагӣ занҳо гирд омаданд. Онҳоро ба ароба шинондаму ҳанӯз аз деҳа набаромада, бозистодам ва гуфтам:

– Хонумҳои мӯҳтарам! Ибтидои сафаратон муборак шавад. Мо ба зиёрати мазори шахсияти бисёр бузургвору муқаддас меравем. Он мазори пок ба ашхоси нопок зиён дорад. Ҳушёр ва огоҳ бошед: агар дар байни шумо касе андаке олудагӣ бо мардҳои бегона дошта бошад, беҳтараш аз зиёрат даст кашад, як дардашро сад дард накунад.

Занҳо кунду карахт шуда монданд, чашмони баъзеашон алақ – палақ шуд, вале ҳеҷ кадомашон аз ҷой наҷунбиданд.

– Агар ҳама пок бошед, олиҷаноб, ҳозир ман як ба паси девор рафта оям, ба роҳ мебароем, – гуфтам ман ва аз назари занҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дур рафтам. Чун баргаштам, нисфи занҳо рафта буданд. Худро ба нодонӣ зада, аробаро ба ҳаракат овардам. Ягон сӣ-чил қадам рафта будам, ки ду-се зани дигар хоҳиши об хӯрдан карданд.

Рафтанд ба «обхӯрӣ», ним соат интизор шудам, барнагаштанд. Худам ҳам медонистам, ки барнамегарданд. Боз ба ҳаракат даромадем. Занҳо ҳамоно байни ҳам пичир-пичир мекарданд, лаб мегазиданд, калла меҷунбонданд, каҷ-каҷ ба ман менигаристанд. Сад қадами дигар нарафта, яке бо баҳона фаромӯш кардани пулаш, дигаре бо баҳонаи беҳузур шудани дилаш, сеюмӣ бо баҳонаи бо худ гирифтани кӯдакаш аробаро тарк гуфт. Оҳиста-оҳиста дар ароба танҳо як зан монд; зани худам. Худоро шукр гуфтам, ки зани худам покдоман будааст. Беҳуда раҳматии модарам «Ба ту як арӯси очеш мучӣ накардагӣ ёфтам» нагуфта будаанд.

– Дидӣ, занак, дунёи бӯқаламуна, – гуфтам ба занам, – тоби як шӯхӣ наоварданд, дугонаҳоят. Эҳ, ин занҳо. Беҳуда шоир:

Зану аждаҳо ҳар ду дар хок беҳ,
Ҷаҳон пок аз ин ду нопок беҳ –
нагуфтааст.

Ҳамин хел, анча ҳасрат кардам бо занам. Лекин аз ӯ садое намебаромад. Яке аз болои зин баргашта ба қафо нигарам, дар ароба касе нест; занам ҳам кайҳо аробаро номаълум тарк карда будааст. О, гурсӯхта-е, аз рафташ кадом вақт…

Ана, акнун фаҳмидед, ки чаро ман ба зан мардум бовар надорам? Лекин як чиза гӯям, ки ҳамин мардҳо низ он қадар моҳи беайб не. Агар ба ҷои занҳо дар ароба мардҳо мебуданду ман ҳамин шӯхии худро мекардам, бовар дорам, ки ҳамчунон оҳиста-оҳиста ароба холӣ мешуд. Гап байни худамон, ҳатто аниқ беаробакаш мемонд.

Пас айб дар ош ё дар мош? Масъалаи душвор.

* * *

Занам ваъда дод, ки 23 феврал, яъне рӯзи иди мардҳо бароям ду хӯроки олиҷаноб мепазад. Ниҳоят он рӯз расид. Занам як табақ манту оварду гуфт:

– Аввал то нимсер шуданатон мантуро кушода бе картошка (манту картошкагӣ буд) хӯред. Ин мешавад туппа, яъне хӯроки якум. Баъд картошкаҳоро алоҳида хӯред, ки хӯроки дуюм хоҳад буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман итоаткорона чунин кардам.

Бо гузашти замон ҷашни 8-уми март фаро расид. Ман ҳам назди занам як табақ туппа ва як табақ картошкақимаи ҷӯшонда гузоштам.

– Марҳамат, – гуфтам ба занам, – аввал туппаро то нимсер шуданатон хӯред, ки ин мешавад хӯроки якум, баъд туппаҳои боқимондаро ба картошкақима печонда хӯред, ин мешавад хӯроки дуюм.

* * *

Ман андаруни хона китоб мехонам. Завҷаам дар рӯи ҳавлӣ ба рӯбучин овора. Садои ҷорубзанияш ба гӯши ман намефорад.

– Занак, ҳой занак, – нидо мекунам ман, – як-ду соат дар кӯчаҳо гаштугузор кадан мехоҳӣ?

– Кошкӣ, мардакҷон, кошкӣ, – шодикаф мешавад занам ва яқин аз дил мегузаронад, ки ниҳоят, шӯи ман ҳам шӯи дигарон барин шудаасту бо занаш дастобадаст, паҳлӯ ба паҳлӯ қадамзанон истироҳат кардан мехоҳад.

– Ин тавр бошад, – садо медиҳам боз, – зуд ба ман як чойи талх дам куну бирав, хуб истироҳат карда биё.

* * *

Боре завҷаам дар як лаҳзаи басо нозук ноз кард, ки Шумо шоир шуда, ҳатто дар васфи сагчаи бевазани ҳамсояамон достон навиштеду дар васфи ман, ки мудом дар хизмататон мебошам, як мисраи каҷаларо ҳам раво надидед. Оби дари хона хира-дия.

Ман дар ҷавоб «Нозатон болои чашм» гуфта, дар ҳамон нимишабӣ зуд дасту остин барзада, ба васфи «оби дари хонаам», яъне завҷаам қитъаи зеринро сурудам:

*Шомгоҳон сӯи ту огӯши бозам, завҷаам,*
*Ақлакат кӯтоҳу лекин мударозам, завҷаам*
*Мисли хушдоман саропо қаҳру нозам, завҷаам*
*Мантуи камгӯштаки пур аз пиёзам, завҷаам.*

* * *

Дар ҳаёти оилавӣ чӣ корҳое, ки мешаванд! Боре ба кадом муносибате гапам бо завҷаам гурехту ҳар ду қаҳрӣ шудем. Айни ҷӯши корҳои саҳро буд. Бегоҳ дер ба хона омадам ва боз субҳи барвақт ба кор бояд мерафтам. «Боз саҳар дар хоб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намонам»,-гӯён дар коғази рӯи миз навиштам: «Занак, маро соати 6 бедор кун». Субҳ базӯр чашм кушода бинам, соат 8. Сахт асабӣ шудам. Хостам занамро ҷазо диҳам ва бигӯям: Қаҳрӣ бошӣ ҳам, кӯр будӣ магар, ки ин хатчаро надидӣ?!

Бо ин мақсад коғазчаро ба даст гирифтам ва яке ҳис кардам, ки дар он навиштае илова шуда. Дурусттар нигарам, занам навиштааст: «Мардак, хезед, соат 6 шуд».

* * *

Дӯстон, пеши ман варақча нагӯед, ки тоқати шуниданашро надорам. Ба ин янгаатон сабабгор. Ӯ ҳар саҳар маро то дами дар мегуселонаду ҳангоми хайрбод варақчаеро ба кисаам меандозад. Ин дам тамоми баданам ларзида меравад барқ зиндагӣ барин. Дар ин варақчаи собилмонда рӯйхати чизҳое оварда шудааст, ки ман бояд ҳини бозгашт аз кор сари қадам ба бозор даромада бихарам. Ҳар рӯз аҳвол ҳамин, як рӯз як «пункт»-и варақача иҷро нашавад, то саҳар «атмосфера»-и хонаамон вайрон мешавад, ҳатто дафтарчаи ақди никоҳи ману янгетон аз дами оташдон базӯр халосӣ меёбад.

Дар бозор ҳам аксари савдогарон маро мешиносанд ва ҳамин ки вориди бозор шудам, гунҷишкакони носерами як каф арзан дидагӣ барин ғуррӣ ба ман мечаспанд ва машқ кардагӣ барин бо як овоз «варақчая бароред, раис, мо ба хизмат тайёр» мегӯянд. Ва ман варақчаро аз киса бароварда мехонам:

10 кг картошка, 2 кг мош, 2 калла собун, 5 кг сабзии сурхи калон – калон, 3 банди эзорворӣ резинка, 1 ҷуфт ҷияки нақшаш халқа-халқа, ҳасиб, чакка, ойнача (пушташ расми индийский дошта бошад)...

Савдогарон дар як он «Мана зӯраш, худи янгем гуфтагияш» гӯён тамоми ашёи номбаршударо пешкаш мекунанд. Ва ҳар рӯз аҳвол ҳамин. Такрор мекунам: дод аз дасти занак! Лекин...

Дирӯз 23 феврал буд. Субҳ озими кор шуда аз дил гузаронидам, ки шояд дар ҳамин рӯз, ки чун Иди мардон маъруф аст, занак маро аз ташвиши варақча озод кунад. Ҳо, хок бар сари табрику тӯҳфааш, варақча надиҳад, шуд. Ҳамин худ барои ман ҳам тӯҳфаю ҳам табрик. Не, янгаатон боз вазифаи ифтихории ҳаррӯзаашонро бекамукост ва бомуваффақият



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

иҷро карданд: боз ҳам ба кисаам оҳистаяк варақчае фурӯ рафт, боз ҳам ҷисми лоғарам такон хӯрд.

Баъди кор ба бозор омадам. Боз ҳам савдогарон «Омад-омадат гардам» гӯён маро ба миён гирифтанд ва тӯтивор такрор карданд: «Варақчая бардоред, муаллим, варақчая.» Вале ин дафъа чун варақчаро рӯи даст овардам, онҳо пеш аз ман сар ба варақча хам карда, бо хондани он «ӣ-ӣ-ӣ» – гӯён ва аз чизе ношод шудагӣ барин зуд парешон шуда рафтанд. Ҳайрон мондам ва чашм ба варақча дӯхтам. Дар он ҷои рӯйхати ҳаррӯзаи амвол чунин навишта шуда буд:

«Мардакҷон, идатон муборак!»

Лабонам пуртабассум гашт. Дилам лабрези эҳсосоти гувороее шуд. Бори аввал варақчаро бо эҳтиром ба чашм молидам. Ба зери лаб пичиррос задам: Қурбонат шавам, занакҷон!

* * *

Рӯзи дароз занам ҳам лаққиду радиои хонаамон низ. Гӯё ҳар ду мусобиқа доштанд. Охири охирон занам ғолиб баромад: радио соати 24-00 гуфторҳояшро хотима доду ҷоғи занам расо якуним соат пас ором гашт. Лекин аслан на ин ғолиб буду на он. Ғолиби асосӣ ман будам, зеро занам ҳамон вақт ором гашт, ки ман лабонамро бар лабонаш пахш кардам.

* * *

Зани шаттоҳу пуркинаам бо нозу карашма арз кард, ки «Шумо нисбати ман бепарвоед». Чизе нагуфтам дар ҷавоб.

– Ман худамро меовезам,-фарёд кард ӯ аз ин бепарвоии ман ранҷида.

– Ихтиёратон,-гуфтам дар дар ҷавоб ба умеде, ки ниҳоят аз ӯ халос мешавам.

Ва ӯ худро овехт! Бар гардани ман.

* * *

Занам ба ман арзи садоқат кард:

– Тайёрам бо Шумо ҳатто ба он дунё равам.

– Бовар мекунам, – посух додам ман, – лекин ту ба он ҷо алҳол бе ман рафта исто, ман баъдтар меравам.

* * *

Ману занам дар хона менишастем. Кӯдакамон паҳлӯи мо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ғелида мехобид. Ногоҳ ӯ гиря кард. Ман зуд гаҳвораро ҷунбонидам. Завҷаам тааҷҷубзада гуфт:

– Мардак, кӯдак ин ҷо гиря дорад, чаро гаҳвораро меҷунбонед?

– О, худат дирӯз «Агар кӯдак гиря кунад, гаҳвораро ҷунбонед» гуфта будӣ-ку!-ҷавоб додам ман.

**Анҷом**

Шуд. Бо ҳамин ба қиссаҳои худаму занам нуқта мемонам.

Аниқтараш сенуқта… Зеро, аз афташ, бо ин занак ҳоло маро бисёр «маймунбозиҳо» дар пеш аст. Яқин, боз қиликҳои зиёде байни мо ба вуқӯъ хоҳанд пайваст. Шояд баъзеҳо хӯрдагирӣ кунанд, ки ин қисса номукаммал, образҳо хира, хати сюжет ноқис…

Нахуст ин ки то занаму ман дар ҳаётем, қиссаамон номукаммал хоҳад буд, дигар ин ки адабиёт оинаи воқеият аст ва зани ман, ки худ хира мебошад, образаш низ хоҳу ноҳоҳ хира мебарояд. Образи ман дар сояи образи занам мондааст ва аз ин рӯ, ҳамчунин хира менамояд. Ниҳоят, боиси ноқисии хати сюжет ноҳамвориҳои ҳаёти оилавии мост.

Насиб бошад, бо қиссаҳои тоза вомехӯрем, алҳол, чунон ки боре дар фароварди як сӯҳбатамон Суғдияи нозанин гуфта буд, «хандаро лаҷом кардем, қиссаро тамом кардем».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



# АНОРИ ДОНА-ДОНА

***(нуктаҳо)***

Дузана, то ки ба ҳар ду занаш маъқул шавад, дурӯя ҳам шуд.

* * *

Ниҳоят мурғи илҳомаш ба парвоз омад, вале онро зуд паронданд.

* * *

Дар бораи Темури Ланг он қадар асар офарид, ки бар асари онҳо худаш ҳам кам-кам мелангидагӣ шуд.

* * *

Касе ба дили ӯ роҳ ёфта натавонист, зеро дилаш сип-сиёҳ торик буд.

* * *

Бисёр шодӣ намекард аз омади кораш. Метарсид, ки аз шодии зиёд ба куртааш нагунҷида, онро бидарронад.

* * *

Корд ба устухон расид, вале устухон ҳис накард.

* * *

Марде худро кар муаррифӣ кард. Дашномаш доданд. Гуфт, ки агар мешунидам, ҷазоятонро медодам. Сад алам, ки карам.

* * *

Хар ҳафтае ҳангас назаду лагадпартоӣ накард, лекин ҳамоно хараш меномиданд.

* * *

Ба болои ҳафт қабат кӯрпача мурооташ карданд. Баромада натавонист.

* * *

Гӯшту рӯғани гӯсфандҳои колхоз ҳама нобуд гашта, дар бадани мудири ферма ва атрофиёни ӯ рӯ заданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зани ман низ чароғи хонадон аст, лекин хирасӯз.

* * *

Дилашро хостанд ба кор гарм кунанд, вале якбора оташ гирифт.

* * *

«Бе қафомондагон кор мекунем», – гуфта, ҳайкалро низ ҳар рӯз ду-се қадам пештар мегеҷонданд.

* * *

Нависанда деҳқонест, ки дар панҷ-шаш моҳ ҳосил мерасонад. Мунаққид комбайнест, ки дар ду-се соат онро даравида мепартояд.

* * *

Олимшавандае мунаққидро ҳам ба гурӯҳи хояндагон дохил кардааст.

* * *

Ҳоло ҳаҷми асари адиброна илҳом, балки эҳтиёҷи иқтисодияш муайян мекунад.

* * *

Курра шукр мегуфт, ки ба ҳар ҳол то хар шуданаш хеле вақт ҳаст.

* * *

Меҳмон ба хон «ҳуҷум» кард, мизбон дасту по гум кард.

* * *

Шайтонро фирефта, ба дасти занаш афтод.

* * *

Азбаски шамъу парвонагӯӣ дар адабиёт аз ҳадди эътидол гузашт, чароғи барқиро офариданд.

* * *

Кордаш ҳамеша болои рӯған қарор дошт, вале кунд ки буд, онро бурида наметавонист.

* * *

Беобрӯе номи тифли навзодашро абрӯй ниҳоду даъво кард, ки «акнун мо ҳам обрӯй дорем».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Намаки хӯрокро фаҳмиданӣ шуда, шикамашро сер кард.

* * *

Қалами аризабоз шикаст. «Эй кош, гарданам мешикаст», – ҳасрат кард ӯ.

* * *

Ҳар гоҳ ки чашмаш ба гове бармехӯрд, Худоро шукр мегуфт, ки хайрият занаш шох надорад, вагарна кайҳо шикамашро зада сӯрох мекард.

* * *

Шунидани на ҳама калимаҳое, ки дар таркибашон «хуш» (чун хушбахт, хушҳол, хушдил...) доранд, гуворост. Масалан: хушдоман.

* * *

Аз худ рафт ва дере нагузашта аз Худо низ рафт.

* * *

Обро лой карда моҳӣ доштанро дӯст намедошт, вале чун дигарон обро лой карданд, зуд ба моҳидорӣ мепардохт.

* * *

Бинои тозабунёди заводи хишт фурӯ рафт. Муҳандисро аз кор хориҷ карданд, ки дидаю дониста биноро аз хишти истеҳсоли худӣ сохтааст.

* * *

Насими фораме мӯи сари сардорро маҳин-маҳин ва хеле гуворо навозиш мекарду ӯ аз ин ҳаловат мебурд. Хушомадгӯй инро дида аз рашк дарун-дарун месӯхт.

* * *

**Аз дуоҳои навбаромад**: Илоҳо, ҳеҷ гоҳ аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳо наёбӣ.

* * *

**Аз дуоҳои навпадид:** Илоҳо, хешу таборат чун Иттиҳоди Шӯравӣ пароканда шаванд.

* * *

Дигарон забон раҳо карданду даст боздоштанд, ӯ даст раҳо карду забон боздошт.

* * *

Ронандаи экскаватор ҷавонмарде муҷаррад ҳасрат мекард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Эҳ, агар чун Фарҳод Ширине медоштам, дар андак муддат то ба хонааш бо тракторам ҷӯйборе канда, ба никоҳам медаровардамаш.

* * *

Баробари кушода шудани даҳони сароянда даҳони кисаи тамошогарон низ кушода шуд.

* * *

Дар бозор маҳсулотро аз рӯи рангашон растабандӣ карданд. Нос дар растаи сабзавот ҷой гирифт.

* * *

Азбаски нархи ҳама чиз боло рафт, ноилоҷ нархи харро ҳам афзуданд.

* * *

«Ҳаққи худро аз даҳони шер мебояд гирифт», – гӯён барҷасту тӯъмаи шер шуд.

* * *

Фарбеҳиро на танҳо гӯсфанд, балки раиси колхози мо ҳам мебардорад.

* * *

Даҳонаш пур аз дандони тилло шуд, аммо суханаш тиллоӣ нагашт.

* * *

Бобои Барфӣ мафтуни нозу карашмаи Салтанатбону гашта, беихтиёр ӯро ба оғӯш кашид. Дар натиҷа аз ҳарорати бадани Салтанатбону об шуд.

* * *

Бозоргонеро Бобои Барфӣ баргузиданд. Ӯ бо баҳонаи қазои ҳоҷат аз давра берун рафт ва бархе аз тӯҳфаҳои солинавиро бо баҳои даҳчанд ба савдо зад.

* * *

**Аз орзуҳои солинавии порсола:**

– Соли Нав, бахти сафед орӣ ба мо!

**Аз орзуҳои солинавии имсола:**

– Соли Нав, қанди сафед орӣ ба мо!

* * *

Лаққӣ ҳатто ба онҳое ҳасад мебарад, ки шабона дар хоб гап мезананд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Барои чоплусу косалесон аз мансаб рафтани сардор ба раҳматӣ шуданаш баробар аст.

* * *

Пеши ин сардор гардан кач кард, пеши он сардор гардан кач кард, саранҷом гарданаш кач шуд.

* * *

Аз шодӣ тоқияшро ба осмон партофтанӣ шуд, вале сари калаш ба ёдаш омада, худдорӣ кард.

* * *

Мушҳо бо ифтихор мегуфтанд, ки агар мо вуҷуд намедоштем, инсон мушқапакро ихтироъ карда наметавонист.

* * *

Дили ошиқ дар дили маъшуқа шӯъба кушод, вале барои ифтитоҳи ҳамин гуна шӯъба баҳри маъшуқа дар дили худ пулаш нарасид.

* * *

Ончунон нутқи оташин эрод намуд, ки аз даму нафасаш анқариб минбар сӯхта буд.

* * *

Ӯро чун тӯби футбол ба ин сӯ заданд, ба он сӯ заданд, лек афсӯс ба ҳеч дарвоза ворид нашуд.

* * *

Шоире дар бораи демократия манзумаи сусту тӯлоние эҷод намуд. Ихтисоран чоп карданд. «Дар кишвари мо ҳанӯз ҳам демократияро буғӣ мекунанд», – хулоса баровард шоир.

* * *

Бахти аризабоз омад кард: дар мағозаҳо нархи қаламу коғазро чанд фоиз арзон карданд.

* * *

Якравро гург намехӯрад: метарсад, ки дар шикамаш якравӣ карда ҳеч ҳазм намешавад.

* * *

Аз дашном танҳо як кас намеранҷад: кар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Аз зарби гурзи мунаққид асари адиби ҷавон пора-пора шуда, ҳарфҳо чун шарораҳо ба чор тараф пош хӯрданд ва аниқ кардан душвор гардид, ки он асар чӣ ҳаҷм дошту дар кадом жанр иншо шуда буд.

* * *

**Аз баёноти мӯрча:** «Ман бо он мӯрчамиёнҳое, ки бо мухолифин пайвастанд, ҳеҷ пайванде надорам».

* * *

– Хирагии чашм дарди сари мо шуд, – миннат карданд гӯшу бинӣ, ки айнакро нигоҳ медоштанд.

* * *

Пои чап бо пои рост хархаша карда, сари ҷаҳл онро пешпо дод. Саранҷом одам ба ҷарӣ афтиду фавтид.

* * *

Шоир аз паи ташбеҳи тоза шуда лабони сурхимолидаи маъшуқаро ба лабони гурги хуношомида монанд кард.

* * *

Аз тарси қарзхоҳон ҳамеша куртаи бегиребон мепӯшад.

* * *

Ба нияти оштӣ рақибашро танг ба оғӯш кашид. Дар натиҷа санги бағали рақиб чанд устухонашро шикаст.

* * *

**Иқтибос аз тавсияномае:** «Баъзан хоксорона ба одамони қаторӣ низ салом медод».

* * *

Ба фона фишор оварданд. Вай кундаро пора-пора кард.

* * *

Дӯғ зад, ки бо як зарба санги сари роҳашро зада талқон мекунад, вале ба бардоштани гурз зӯраш нарасид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

«Дарё чуқур будагист» гуфту аз худро ба он партофта нобуд кардан даст кашид.

* * *

**Аз варақаи ташхиси беморе:** «Тири нигоҳи кадом як танноз тарафи чапи сари синаашро ба андозаи чор милиметр сӯрох кардааст».

* * *

Ба доруи гулӯдард яхмосро сарборӣ карда фурӯхтанд.

* * *

Талоши моҳ карду ба чоҳ афтод.

* * *

Ситораҳо низ шабона пайдо мешаванд. Магар онҳоро ҳам дузд гӯем?

* * *

Зимистон аз сабаби набудани сӯзишворӣ байни зану шавҳар мунокиша афтода, оташи ишқашон хомӯш шуд.

* * *

**Аз дастнависи навқаламе:** «Нигоҳи тези маъшуқа ба нохунҳои тезаш мувофиқ афтода буд».

* * *

Бартарии манту аз тушбера он аст, ки манту имкони бештари дар худ ғунҷонидани пиёзро дорад.

* * *

Хушомадгӯй дар мавзӯи «Аҳамияти қошу қавоқи сардор дар пешрафти кор» рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

* * *

Санъатшинос ба хониши булбул тақриз навишта, таъкид кард: Агар булбул қисми охири чаҳ-чаҳашро кашишноктар талаффуз мекард, беҳтар мебуд.

* * *

ЗАГС як навъ ғавчӯбест дар роҳи ишқи булҳавасон.

* * *

Аз назари гӯсфанд ҳар касе, ки корд дар даст дорад, қассоб аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

Идоранишинӣ аз иҷоранишинӣ ҳазор бор беҳтар.

* * *

Мунаққид табар ба даст гирифт. Ҳама ба тарсу ҳарос афтоданд: охир, шахсе, ки бо қалам чунин корҳо кард, бо табар чӣ корҳое хоҳад кард?

* * *

Барои баднафс мусиқии беҳтарин садои ба дег бархӯрдани кафгир аст.

* * *

Посбони анбори ташкилоти мо ҳангоми навбатдорияш «хобро мепаронад»гӯён чои кабуд наменӯшад.

* * *

Сардори мо дар ҳақиқат офтоби коргоҳамон аст: ҳамеша дар назар ҷилвагар, вале дастнорас.

* * *

Сиёҳии дили иғвогар, ҳатто дегро ба ҳайрат овард.

* * *

Дар баҳс на танҳо доно, балки пурзӯр ҳам маълум мегардад.

* * *

Ҷинояткор аз ҷазо гурехту шоҳидон аз баёнотнависӣ.

Ҷабрдида ба даст афтод.

* * *

Ҳатто ба сӯи ман нағуридани саги ҳамсоя боз як сабаби бадгумонии занам шуд.

* * *

Сартарош ба калону хурдӣ, пурмағзиву бемағзии сар коре надорад. Сар бошад, шуд!

* * *

Хасис меҳмонашро то дами дар гусел карда «хайр боз…» гуфту пас аз хеле дур рафтани меҳмон зери лаб суханашро давом дод: «биёед».

* * *

– Хайрият, ки курсии мансаб шудани ҳеҷ курсӣ аз ибтидо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маълум нест, вагарна ҳар рӯз дар коргоҳи мо кашокашӣ мешуд, – шукр мекарданд кормандони коргоҳи мебел.

* * *

Ба табар ситеза карда чӯбро бо даст пора карданӣ шуд. Дасташ шикаст.

* * *

Ностуфкунак филиали даҳони носкаш аст.

* * *

**Аз баромади дурӯя**: Баъзе рафиқон дар иҷрои баъзе супоришҳо баъзан саҳлангорӣ мекунанд, вале баъзе роҳбарон бо баъзе аз чунинҳо баъзан бо баъзе сабабҳо муросокорӣ мекунанд.

* * *

Ягона чизи хонданбоби китоби нависанда Н. пешгуфтори ба он навиштаи нависандаи машҳур А. буд.

* * *

Пурхӯре орзу мекард: – Эй кош, шикам дар тахтапушт ҷойгир мебуд: бардошта гаштанаш осонтар мешуд.

* * *

Дурӯя рақами 6-ро монад: сар боло кунад, ба 9 мушобеҳу сар хам кунад, ба 6.

* * *

Мунаққиде ба китоби тозаи ҳаҷвнигор тақризи сермурчу қаламфуре навишта, аз тарси қалами ҳаҷвнигор тақризро дар қавсайн ҳазли рафиқона номид.

* * *

Адибе чун дид, ки шаробфурӯш ба шароб об ҳамроҳ карда мефурӯшад, зуд ба ҳикояаш ибораву ташбеҳоти адибони дигарро ҳамроҳ карда, ба нашриёт супурд.

* * *

Ҳаҷвнигорро танқид кардан ба хонаи занбӯр чӯб хастанро монад.

* * *

«Даҳони пӯшида сад тилло» –гуфта хомӯш нишаст. Аз ин истифода карда, ҳазор тиллояшро рабуданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Сухани марди тамаъхоҳ ҳомила аст.

* * *

Лангро табиб карданд: то ҳол бо пои худ овора аст.

* * *

Ягона айби ӯ ин буд, ки пеш-пеши аҷлаш мегашт.

* * *

Бархеро чирки танаи шер будан ҳам шараф аст.

* * *

Сари дардманд ба каду ҳасад мебарад.

* * *

Девона ҳайрон аст, ки думи хараш аз боло ба поён ҳам шаш ваҷаб асту аз поён ба боло ҳам.

* * *

«Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест», – бихонд марде аз китобе ва зери лаб гуфт: «Ишқ ҳам чун сӯҳбати занҳо барин будааст».

* * *

Зимистон ба арӯси фаслҳои сол –баҳор дил бохта онро ба оғӯш кашид.

Оқибат гиёҳу дарахтонро хунук зад.

* * *

Аз лабонат бӯса кардаму лаби шикастаи тағораамон ба ёдам омад, занакҷон. Гӯр шикастурехти зиндагӣ шавад!

* * *

Таҷриба нишон дод, ки ошиқ шуда ба маҳбуба не, ба хушдоман хушомад задан бештар бар манфиати кор аст.

* * *

Гули ҳамешабаҳор далели қотеъи он аст, ки бо як гул ҳаргиз баҳор намешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Мунаққиде дар ҳошияи «Асп» ном ҳикояи басо сусти нависандае чунин навишт: «Ин «Асп»-и лаънатӣ бӯстони сабзу хуррами адабиётро хеле поймол кардааст.

* * *

Ошиқони пешин ба гардани маҳбубаашон нахуст шаддаи марворид мепечониданд, ошиқони имрӯза аввал даст мепечонанд.

* * *

Калҳо талаб карданд, ки мақоли «Корам аз мӯи сарам зиёд» минбаъд чун дашноми қабеҳ дар гуфтор мамнӯъ дониста, дар навишт бо се нуқта ишора шавад.

* * *

Оташи ҷаҳли шавҳар «хати никоҳ»-ро сӯхт.

* * *

Муаллими зистшиносӣ дар дарсе оид ба мавзӯи «Рӯбоҳ» Қосими маккорро чун асбоби аёнӣ истифода бурд.

* * *

Хӯрокро аз ширу об таҳия карда бошанд ҳам, номашро широб не, ширчой ниҳоданд, маҳз ба хотири он ки сардори коргоҳи гӯшту шир инро ба худ киноя пиндошта, наранҷад.

* * *

Шавҳаратонро эҳтиёт кунед: рӯзи 8-уми март даркор мешавад.

* * *

Мудири фермаи чорво ҳам одам аст, танҳо аз меъёр зиёд гӯшт мехурад.

* * *

Милисаю ронанда мисли мушу гурбаанд. Ҳеҷ ба ҳамдигар муросо надоранд.

* * *

Китобатон агар ба фурӯш наравад, арзон кунед, носфурӯш яклухт мехарад.

* * *

Қоматаш дар дифоъ аз ростӣ каҷ шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Саратон дард кунад, назди духтури дандон наравед: канда мепартояд.

* * *

Мурдаи хасис ҳар куҷо ки хок шавад, он хок ҳосил намедиҳад.

* * *

Ба хари гандафеъламон полони олиҷаноб зада, ба фурӯш бурдем. Полонашро хариданду худашро не.

* * *

Лаклакро саркулол таъйин карданд, табақи паҳн аз байн рафт.

* * *

Барои пучуқ ҳамаи овозҳои нутқ димоғианд.

* * *

Араќи харидаи хасисе об баромад. Хурсанд шуд, ки акнун газакаш муфт мемонад.

* * *

Зане шикоят кард, ки дар маҷлис ба хотири гузаштагон як дақиқа хомӯшӣ эълон карданд: қариб кафида мурда будам!

* * *

Филро ба «Китоби сурх» даровардание шудаанд: нагунҷид.

* * *

Поквиҷдоне порагирии рӯйрости сардорро дида аз ғазаб ба ларза омад.

– Маст!-гӯён ӯро зуд ба ҳушёрхона фиристоданд.

* * *

«Дар тақсими вазифаҳо беадолатӣ накунем», гуфта дар мусобиқаи хазандаҳо оид ба давидан сангпуштро сардовар эълон карданд.

* * *

Хамиру мизи сардор ҷӯра шуданд.-Ҳар ду ба гурӯҳи муштхӯрҳо дохил мешавем, – якдилона изҳор карданд онҳо.

* * *

Пиёз сад қабат ҷома пӯшида бошад ҳам, тундияшро нигоҳ дошта натавонист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ӯ ончунон ба «боло» (ба сарварон) кашондани чиз одат кард, ки ҳатто оби бинияшро ҳам ба боло мекашидагӣ шуд.

* * *

Барои арӯс хушдоман ҳам модар аст, вале нозунузро намебардорад.

* * *

Пучуқе нисбати танг будани сӯрохиҳои бинияш аз болои парма шикоят навиштааст.

* * *

Шона ки сад забон дорад, доим аз анбӯҳи бешазори мӯйҳои сар сиҳату саломат берун меояд.

* * *

Хурӯс ба қанди хурӯсак эҳтиёҷ надорад, зеро вай аз шаҳди мокиёнак бархурдор аст.

* * *

Пуфакро калон мекардагӣ ҳам пуфу майда мекардагӣ ҳам.

* * *

Зани нозоям ба пуфаки дамида ҳам рашк мебарад.

* * *

Уштурро ба тӯй таклиф карданд «Аз афташ, полиз надоштаанд-дия», – хулоса баровард ӯ.

* * *

Қаллоброро пас аз маргаш ҳама таъриф мекарданд, зеро дигар қаллобӣ карда наметавонист.

* * *

Забон устухон надорад, нахоида гап задан гиред!

* * *

Ба дили сардор даромаданӣ шуда аз одамгарӣ берун шуд.

* * *

Тақлид ба ҳайвонотро дӯст медорад. Аз ин рӯ, ба кор сангпуштвор мераваду аз кор харгӯшвор бармегардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дар пушти пуштае зане тардоман бо марде пинҳон гашта, зино карду пасон дар пушти пуштаи шиками дамидааш пинҳон шуда натавонист.

* * *

Дар бораи дароз кардани умри мушон қарор баровардакду онро барои муҳокима ва тасдиқ ба Шӯрои гурбаҳо пешниҳод карданд.

* * *

Зоғе сари дарахти чормағз нишаста суруди коғкоғ хонду ба подош чормағзе гирифту рафт. Хӯи ин зоғро дорад муфаттиш.

* * *

Ба дайдуе хона доданд. Ҳасрат кард, ки ҳазор хона доштам, акнун як хона хоҳам дошт.

* * *

Кирми ахлоттӯдаеро гирифта ба рӯи себи хубонӣ гузоштанд. Шикоят кард, ки маро аз ҷои гармам беҷо карданд.

* * *

Ҳазор пишак халал расонад ҳам, ягонтои онҳоро пишт намегуфт. Метарсид, ки мабодо дар байни онҳо пишаки сардор ҳам бошад.

* * *

Рӯбоҳ рӯ ба моҳ кард ва гуфт: – Аҷаб ҷонвари зебо, вале афсӯс, ки дум надорад.

* * *

Азбаски ҳини «даҳони пӯшида сад тилло» гуфтанаш даҳонаш кушода шуд. «Кирдораш ба гуфтораш монанд не» – гӯён касе ба гапаш бовар накард.

* * *

Нодон саркор – ба кор сарбор.

* * *

Дар колхози мо ҳама ихтисосманданд: шолипарвар, чорвопарвар, ниҳолпарвар… Ҳатто, раиси аслан беихтисосамон низ ихтисос дорад: шикампарвар.

* * *

Булҳавас дар дили ҳеҷ як зан доиман ҷойгузин нашавад: ӯ ҳамеша иҷорашин аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Шиками калонаш ба ҷаҳонбиниаш халал мерасонд.

* * *

Ҷонишини сардор қатораест, ки аз релс баромадани он фанои он аст.

* * *

Ба кӯҳони шутур устои панҷарасоз бо ҳавас менигараду устои чӯбтарош бо афсӯс.

* * *

Ҳини майнӯшӣ кам хӯрдани газак худ газаки табъи дили хасис аст.

* * *

Хар корпартоӣ карда бошад ҳам, борпартоӣ карда натавонист: онро ба пушташ сахт баста буданд.

* * *

Замистони Ватан сахт омада дили баъзе ватандоронро нисбат ба он хеле хунук кард.

* * *

Талаби мушонро ба инобат гирифта ба онҳо иҷозати гирдиҳамоӣ доданд. Ва ҷойи гирдиҳамоиро низ қатъан муайян намудаанд: гурбахона.

* * *

Алифбои Брайл аслан на барои кӯрон, балки барои хасисон аст. Онҳо онро омӯхта метавонанд, бидуни истифодаи барқ дар торикӣ низ мутолиа кунанд.

* * *

Пашша ба одам ҳасад бурдааст, ки ҳар қадар ширинӣ хурад ҳам, ҳеҷ гоҳ ба пиёлаи ширинӣ намеафтад.

* * *

Марде сагеро аз вартаи ҳалокат раҳонид. Ба подош саг ба ӯ як тӯда устухон пешкаш намуд.

* * *

Мӯи сараш билкул сафед шуда бошад ҳам, дилаш ҳамоно сиёҳ монд.

* * *

Булбулро гул илҳом бубухшад, даллолро – пул.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

Ҷисми ҳар фарди пурхӯр аробаеро монад, ки шикам бори он бошад.

* * *

**Аз тақризи мунаққиде:** Аз шеърҳои ошиқонаи шоир бармеояд, ки маҳбубаи ӯ ё дардманд аст, ё хеле пир.

* * *

Халтаи гарони ордро озод бардошта бошад ҳам, ба гаронии нархи он тоб оварда натавонист.

* * *

Калҳо ҳар қадар худро зинат диҳанду хушрафтор гарданд ҳам, ба як кас ҳеҷ гоҳ маъқул нахоҳанд шуд: ба сартарош.

* * *

Фаромӯшхотиртарин шахс онест, ки ҷувол набудани шикамро фаромӯш мекунад.

* * *

Дар замони мо пулро гум кардан даҳшатноктар аз ақлро гум кардан аст.

* * *

**Таклиф:** Фоҳишаҳоро ба» Китоби сурх» дохил бояд кард, то ҳар кас чашм ало накунад.

* * *

Кирми шабчароғ гуфтааст, ки ин қадар одамон зӯр зада кӯчаҳоро чароғон карданиянд. О, ман ҳастам-ку!

* * *

Фарбеҳии судхур далели пурнеъматии дастурхони ӯ нест.

* * *

Пиёз сад қабад ҷома дошта бошад ҳам, чун феъли тунд дорад, хунук мезанадаш.

* * *

«Китоб рӯшании дил аст» – хонд аз рӯзномае дилсиёҳ. Ва минбаъд аз китоб меҳаросидагӣ шуд.

* * *

Хуршед зинҳор меҳмони шаб намешавад. Медонад, ки мизбонон – моҳу ситораҳо тоби чунин меҳмон надоранду зуд ғайб мезананд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Рӯбаҳаке лоф мезад, ки агар динозаврро дар вақташ нобуд намекарданд, аздусар ман нобудаш мекардам.

* * *

Истеҳзо мекунед ба Темури ланг. Ӯ зери ин қадар бори гарони гуноҳ ғайр аз лангидан чорае дигар надошт.

* * *

– Эҳ, як пои дигар медоштам, – ҳасрат мекард ҳазорпо, – дави харгӯш пеши ман ҳеҷ буд.

* * *

Искандари Зулқарнайнро ончунон таъриф кард, ки ҳатто дарозшохтарин говҳо аз рашк дарун-дарун сӯхтанд.

* * *

Пиёла бо мурури замон гов шудани гӯсоларо мушоҳида карда, инак, чанд вақт боз умедвор аст, ки коса мешавад.

* * *

Духтаре, ки дӯстдори шаб аст, шӯталаб аст.

* * *

Милисаи роҳбон ронандаеро таъкид намуд: – Суръати баланд оқибати нек надорад. Дидӣ-ку, оқибати сотсиализми мутараққӣ чӣ шуд!

* * *

– Ин чӣ беадолатӣ, – бонг зад панҷшоха, – ҳатто, калбузу калговҳо ба гурӯҳи шохдорҳо шомиланду ман не.

* * *

Барои коммунистҳо хар писанд аст: хуб кор мекунад, барои демократҳо гов: забонаш дароз.

* * *

Искандари Зулқарнайн ормони мардонест, ки бо сарашон ҷанг мекунанд.

* * *

Ба олам аз паси панҷа нигоҳ кардан беҳтар аст нисбат ба аз паси панҷара нигоҳ кардан.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Кал баҳри рӯпӯш кардани айбаш сарашро бо латта баст. Кӯр ҳам бо ҳамин усул айбашро пинҳон карданӣ шуда ба чоҳе сарозер афтод.

* * *

Аз шиносоӣ то дастобадастӣ як хез, аз дастобадастӣ то ҳамоғӯшӣ як қадам, аз ҳамоғӯшӣ то бӯсобӯсӣ як ваҷаб, он тарафаш бемасофа.

* * *

Калгову калбузҳо ҳеҷ ғами бешохӣ надоранд: аздусар онҳо ба гурӯҳҳои шохдорҳо шомиланд.

* * *

«Бузкушӣ ба ҳар ҳол бузғолакашӣ нест», – худро тасаллӣ медод бузғолае.

* * *

Агар аз мурдаи Рустами Достон наметарсид, пеши Маҳмуди Ғазнавӣ дарёфту нобуд кардани Фирдавсӣ ҳеҷ буд.

* * *

Кулли адабиёти ҷаҳон пеши қассоб баробари мақоли «Гӯшт бе устухон намешавад» қадр надорад.

* * *

Коргари бекаланд мансабдори бесаробӯстонро монад.

* * *

Ҷанозахоне дар ҷанозаи марди сарватманде соҳиби хайроти зиёд гардида, афсӯс хӯрд, ки чунин мардон танҳо як маротиба мемиранд.

* * *

Чун истисмори одам аз тарафи одам барҳам хӯрда, истисмори одам аз тарафи силоҳ оғоз ёфт, сиёсатмадорон муқаррар карданд, ки ҷамъият ба зинаи сифатан нави тараққиёт баромадааст.

* * *

«Зан хазинаи лутф аст» мегӯянд, зинҳор бовар накунед. Аслан, зан хазинаи гап аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Бузургмарде мисраи «Ҳақиқат зодаи марди бузург аст»-ро хонда хиҷолат кашид.

* * *

**Аз ёддошти бадгумоне:** Тирезаи ҳамсоя пӯшида шуд. Ана, пардаҳояшро ҳам фаровvarданд. Ба назарам, сояе рӯи сояе хобидагӣ барин шуд. Эҳ, саропо фаҳш аст ин дунё!

* * *

Ғурури хурӯс яқин аз он аст, ки чандин зану бача дошта бошад ҳам, алимент намедиҳад.

* * *

Бехатарии доварро на идораҳои дахлдор, балки ғалабаи соҳибони майдон таъмин менамояд.

* * *

Агар нуктае навиштанӣ бошед, беҳтараш роман нависед: баъд аз таҳрири муҳаррир ба мақсадатон мерасед.

* * *

Адолатҷӯе изҳор дошт, ки агар моҳии зарин ба дастам меафтод, алорағми он беадолатие, ки нисбат ба моҳигири Пушкин кард, зада мекуштамаш.

* * *

**Аз дафтари хотира:** Ба мо хонаи нав доданд. Дараш кушода намешавад, вале хушбахтона, ба воситаи тирезааш бемалол даробаро кардан мумкин.

* * *

Забоншиносе исбот кард, ки дастафшониҳои раққосаи сургард бо кисаафшониҳои тамошобинон муродиф аст.

* * *

– Мо, дар ҳақиқат, адолатҷӯем, – даъво кард китобфурӯше, – дигарон ба китобҳои нодир китобҳои касмахарро сарборӣ карда фурӯшанд, мо баръакс ба китобҳои касмахар китобҳои нодирро сарборӣ карда мефурӯшем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Ин қадар воҳима мекунед! Охир, осмон омада ба замин начаспидааст, ё мудири ферма аз дӯкон гӯшт нахаридааст-ку!

* * *

Майзада ҳамеша дар минтқаи пурзилзила зиндагӣ дорад. Туфро ҳамчун ширеш истифода кардан мумкин, ба шарте ки офтоб набошад.

* * *

«Агар офтоб халал намерасонд, ман яқин уқёнус мегаштам», – бо алам гуфт шабнам.

* * *

Гулро парастед, пул шуданаш мумкин!

* * *

Гӯшмолро аз молидани гӯш фарқ накарда, қариб аз гӯшаш маҳрум шуда буд.

* * *

Ба шоире ҳуҷрае доданд ниҳоят танг. –Ба ҳар ҳол аз тангнои қофия фарохтар, – худро таскин дод ӯ.

* * *

Аз дафтари адиби ҷавон: Субҳ аз самти уфуқ оҳиста-оҳиста домани шабро бардошт. Ҳай, фоҳишабоз аст субҳ!

* * *

Аблаҳе ҳайрон буд, ки гавазн бо ин қадар шоххҳои бузургу панҷазада аз модар чӣ сон таваллуд шуда бошад.

* * *

Ҷанги дохилӣ сахт аст, вале дар муқоиса бо ҷанги арӯсу хушдоман ҳеҷ.

* * *

Ӯ ҳангоми мутолиаи китоби «Асрори дарозумрӣ» ногаҳон вафот кард.

* * *

Муҳаррире «Мо асарҳои фаҳшро чоп намекунем» – гуфта достони «Рӯҳи урён»-и Гулрухсорро аз чоп боздошт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Тарсуе шабона хоб дид, ки мушҳо ба ӯ дарафтодаанд. Шаби дигар ба ҳар ҷо-ҳар ҷои баданаш марги муш баста хобид.

* * *

**Аз аризаи гурӯҳе мардон ба ҳукумат:**

«Зимистони қаҳратуни ноҳияи баландкӯҳи мо ва камчинии барқу ангиштро ба инобат гирифта хоҳишмандем, ба ҳар яки мо барои дутоӣ зан гирифтан иҷозат бидиҳед».

* * *

**Аз дафтари забоншинос:**

«Мухтасаргӯӣ ҳусни забон аст». Аз ин рӯ, масалан, ба ҷои ифодаи «сардор аз вазифа маҳрум шуд» «сардор маҳрум шуд» гуфтан беҳтар аст.

* * *

Дар бораи муносибати неки арӯсу хушдоман низ асар навиштан мумкин, вале он фантастикӣ хоҳад буд.

* * *

Волотарин армони Чингизхон ин буд, ки соҳиби думи дарозу серпашме бошад, то ҳини тохтутозҳояш думаш низ чангу хору хаси заминро ба ҳаво афканда, ба ину он бархӯрда, шаҳомати ҳамлаҳояшро дучанд созад.

* * *

Мунаққидро чӣ фарқ, ки қалам ба даст дорад ё калтак: аздусар, мекӯбад.

* * *

Зӯр зада таваллуд кардани занро шунида шоиртароше низ зӯр зад, ки шеър таваллуд кунад, лекин зарур омад, ки ӯро таъҷилан ҷарроҳӣ кунанд.

* * *

Кал кӯрро дӯст дорад, зеро кӯр ҳеҷ гоҳ айби ӯро дида натавонад.

* * *

Кале шикамбаро дида зери лаб «ин бечора аз хешовандони сари ман будааст» гуфт.

* * *

Кал аз бо сараш фикр кардан шарм медорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Кал мунаққид шуд. Адибон дар бораи мӯй ва сар наменавиштагӣ шуданд.

* * *

Ба қадри тоқӣ як кас мерасад: кал!

* * *

Ба «мушу гурбабозӣ»-и зану шавҳари ҷавон, ҳатто мушу гурбаи ҳақиқӣ ҳасад мебаранд.

* * *

Аломати саволро расо таърифа карданд, боифтихор қаматашро рост карду ба аломати хитоб табдил ёфт.

* * *

Сӯи пирдухтаре санг партофтам, ӯ ба сӯи ман гулдаста партофт.

* * *

**Аз дафтари хотира:** Танҳо менишастам. Бевазани ҳамсоя омад. Ба ӯ шӯхие кардам. Аз ханда ғел зад. Ман худдорӣ карда натавонистам.

* * *

– Ман ба офаридгори ҷувол қоилам, – гуфт баднафсе, – зеро даҳонаш бо ишкамаш баробар аст

* * *

Шоир аз комёбиҳои нахустинаш саргаранг шуда, «парии илҳом» – ашро таҷовуз кард.

* * *

**Аз васияти бурократе**: Нагузоред, ки то ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба маргам маро ба хок супоранд.

* * *

Гуфтанд, ки сабабгори ҳама бадбахтиҳо ҷанг аст. Шароб шодӣ кард.

* * *

Чун даъвогар зиёд шуд, кӯса ҳам даъвои риш кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Агар ба болои бевазани ҳамсоя меафтида бошам, тайёрам аз осмони ҳафтум биафтам.

* * *

Калҳо дар сарфаи собуну шампун дар мамлакат ҳиссаи бузург доранд.

* * *

Калҳо аз худи калтакалос не, балки аз ҳиҷои аввали номаш меҳаросанд.

* * *

Пеши занҳои имрӯз бе гул бошӣ ҳам, бе пул мабош.

* * *

Аз дили вайрони ӯ ҳатто чуғз ҳаросид.

* * *

– Бӯса чизи нағз, – изҳор кард зане, – вале афсӯс, ки касро аз гап бозмедорад.

* * *

Ҳаракати дастони пуробилаи марди деҳқон ва имои буруги пурсалобати мансабдор вазифаи муштарак доранд.

* * *

**Аз дафтари қайдҳои рӯзноманигор:**

Атрофи суфачаи бошишгоҳи саҳроӣ аз зарби ностуфкунии деҳқонон чун пуштаҳои сабз махмалин гашта буд.

* * *

Ба ҳайвонот ба андозаи даҳонашон хӯроки ҳамарӯза таъйин намуданд.

Фил даъво кард, ки ба ман ба андозаи гӯшам хӯрок таъйин намоед.

* * *

Модар хуни ҷигар мехӯрад, писар кока-кола.

* * *

**Овезае дар гардани гадо:** 100 долларро низ майда карда метавонам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Вақте ки дар чабҳаҳо гӯшу бинии мардумро мебуриданд, радиои ҷумҳурӣ пайваста бо мусиқии шӯх мехонд:

Илтиҷо дорам, ки мӯяшро мабур,
Кокулони мушкбӯяшро мабур.

* * *

Ду кар гӯшакӣ карданд. Атрофиён беихтиёр ангӯшт ба гӯш хастанд, то садопардаи гӯшашон надарад.

* * *

*Пайафканам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд, –*

Бихонд муҳандисе аз китобе ва хулоса кард: дар ҳақиқат, қасри муқтадир будааст. Маълум, ки аз ҳисоби симу чӯбу сементаш назада будаанд.

* * *

Забонро ки хуб намедонист, ба маҳбубааш аз рӯи коғаз изҳори муҳаббат кард.

* * *

Темури ланг баъзан, ҳатто, лангиданашро фаромӯш мекард, вале одамкуширо не.

* * *

Ӯ марди чорпаҳлӯ бошад ҳам, субҳ то шом якпаҳлӯ мехобид.

* * *

Бинӣ аз лаб болонишинтар бошад ҳам, пеши ошиқ қадре надорад.

* * *

Дар роҳаш пайдо шудани сангро ҳам ошиқ аз сангдилии маъшуқааш донист.

* * *

Савдогар ғалат намекунад, кунад ҳам, ба фоидаи худ ғалат мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дашти лабташна аз дуои кӯрмуш ҳам борон интизор аст.

* * *

Дурӯғгӯй чун дарахтест, ки бе шамол ҳам мечунбад.

* * *

Агар аз муҳаббати санамҳои имрӯза гиреҳ ба қалбатон афтад, бепарво бошед, нохунашон дароз аст.

* * *

Ангиштсангу оҳаксанг дӯст гаштанд, вале то ҳол аз ба оғӯш гирифтани якдигар меҳаросанд, бечораҳо.

* * *

Як одами чашмгурусна бинед, чиҳо кард. Худо накунад, ки ғалбер чашмгурусна шавад.

* * *

Сардор хешу таборашро ба кор гирифт, яъне аспи мансабашро наъл зад.

* * *

Ибораҳои «мактаби олӣ» ва «кисаи холӣ» ба ҳам ҷуз аз ҳамвазну қофия будан дигар ҳеҷ қаробате надоранд.

* * *

Шоири фарбеҳ аз тангнои қофия гузашта натавонист.

* * *

Дар сафи пеши мубориза будан нахоста, узр овард: – Ба шумо, дӯстон, пушт гардондан намехоҳам.

* * *

Мард ба завҷаи хеш чашмакӣ зад. «Феъли марди ҳамсояро дорад ин мардаки ман», – аз дил гузаронд зан.

* * *

Нависандаи шӯҳратталаберо по шикаст. Мардум сахт таассуф хӯрданд: кош, қаламаш мешикаст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Пирамард будан хуб аст, агар ҳамхобаат пиразан набошад.

* * *

Бовар кунед, дар ҳавлии мо дар чиллаи тобистон ҳам барф мерезад: аз қошу қавоқи занам.

* * *

Шикастабанде иброз дошт, ки агар шиканад, пои пулдор шиканад.

* * *

Ба Гулнисо мафтун шудам, бо Ороста чандин мулоқот оростам, Зубайдаро ба оғӯш кашидам, номаҳои ошиқона ба номи Амина навиштам, Сарвинозро бӯсидам, ба ёди Мавзуна шабҳо нахуфтам ва ниҳоят Машҳураро ба занӣ гирифтам.

* * *

Аз бекорӣ тамоми пашшаҳои ҳуҷраи корашро зада кушт. Акнун ҳайрон аст, ки ба чӣ кор машғул шавад.

* * *

Бо забони пурсактаву олуда сухан мекард. Номашро пурсидам, гуфт:-Суханоро.

* * *

Ӯ пашшаро ҳам озор намедод, бинобар ин, ба шӯрбояш ҳамеша пашша меафтод.

* * *

– «Бо думи шер бозӣ макун» гуфтан маънии онро надорад, ки думи рӯбоҳ бозича бошад, – таъкид кард мансабдори сатҳи пасттаре зердастонашро.

* * *

Ҳама гуна вожаҳо ҳамқофия мешаванд, агар шоир мансабдор бошад.

* * *

Дорбозу морбоз касб иваз карданд. Яке аз дор уфтода мурду дигареро мор заҳр зада кушт.

* * *

Чун сармо ба устухон расид, орзуи оташи дӯзах кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ҳақиқатро ёфтам! Дар афсона.

* * *

Дастовез тарозуест, ки бо он қадри меҳмон муайян карда мешавад.

* * *

– Забон муҳимтарин воситаи ҳастии мост, – гуфтам бо ифтихор.

– Рост, – хушҳолона тасдиқ кард сухани маро қассобе, – чанд кило баркашам?.

* * *

Аз рӯи инсоф гирем, занҳо ҳама варзишгаранд: дар намуди вазнбардорӣ.

* * *

Барои баъзеҳо худбинӣ худхизматрасонист.

* * *

Тарсу ниҳоят ҷуръат карда ба машқи шиноварӣ пардохт: дар тағора.

* * *

Роҳсозони мо аз борон метарсанд: ноҳамвориҳои роҳашон ошкор мегардад.

* * *

Сари кал ҳам муҷаллост, вале диларбо не.

* * *

Гурӯҳеро чашми дил ҳам бе айнак намебинад.

* * *

– Ҷаҳонбиният суст!

– Айнакамро нав карданам лозим.

* * *

Дар кишвари мо ҳеҷ кас дар намуди бозӣ бо думи шер чемпион нашудааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

Гург дар мавзӯи «Вазъи чорводорӣ дар ноҳия» мақола навишта, як қатор сарваронро барои хунукназарияшон ба масъалаи чорвофарбеҳкунӣ сахт мазаммат кард.

* * *

Дар ситоиши Қонуни забони тоҷикӣ дурудароз сухан карду гуфтаҳояшро ҷамъбаст намуд: – Вот так, рафиқон! Давайте, модарамонро уважат кунему забони модариямонро чуқур омӯзем.

* * *

Дар бораи таомҳо беҳтараш бо ишками гурусна нависед. Навиштаатон оличаноб мебарояд.

* * *

**Аз аризаи зане ба раиси колхоз:** «Шавҳарам се моҳ боз бемор аст, аз ин рӯ, ба ман як халта доруи селитра диҳед.»

* * *

Ҳарис орзу мекунад, ки хурӯсаш ҳам курк шавад.

* * *

Ӯ ҳатто барои ҷавоб ба суолҳои Мункару Накир низ «шпаргалка» омада сохт.

* * *

Аспвор рафтор кардани хар боз ҳам як навъ харигарии ӯст.

* * *

Зани сабукпоро аз ҷӯйча гузаштан ҳам барои эзоркашӣ баҳонаи хубест.

* * *

Бевазан низ ситораро монад, вале бевазани бачадор ситораи думдорро.

* * *

Китоби «Анатомияи одам»-ро хонда занамро беҳтар шинохтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Кайфи сӯзандору, ҳамеша бо ҷои нарм – нарм сарукор дорад.

* * *

Бо санги маломат бино сохта намешавад.

* * *

Зиндагӣ ба дилам зад. Худро ба дарё мепартоям. Илтимос, ҷои тунуктари обро нишон диҳед.

* * *

Роҳ ба дили сардор ба воситаи хонааш мегузарад.

* * *

Озодӣ талаб кард. Аз вазифааш озод карданд.

* * *

–Баъзан ҳатто ҷувол набудани ишкамамро фаромӯш мекунам, духтур.

* * *

Барои аксари мардон достони «Ҷони ширин»-и Турсунзода асари фантастикист.

* * *

Барои парвози хаёли баъзе эҷодкорон ҳам самолёт даркор.

* * *

**Маслиҳат ба занон:** Барои рӯй сурх кардан ғозамолӣ шарт нест.

Андаке шармида гардед, кифоя.

* * *

Сардорамонро шамол зад. Беҳуда нагуфтаанд, ки ҳар забардастеро зарбадастест.

* * *

Гиреҳи абрӯи сардорро котиб бо лабонаш кушод.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ба он ки оби бинии ту рехт, бинипоккунаки ман гунаҳкор нест.

* * *

Гиребонатро бӯ кун, мегӯед? Аввал бинед, ки куртааш гиребон дорад ё не.

* * *

Барои эҳтиёткор ду карат ду панҷ аст.

* * *

Ба кабк озодии бештар доданӣ шуда, қафасро андаке васеътар карданд.

* * *

Беномусро чӣ фарқ, ки оби бинияш мерезад, ё обрӯяш.

* * *

Хушдори зан сарбории шӯ аст.

* * *

Як тарафи хонаашро сел бурда бошад ҳам, бехабар монд: ба мутолиаи китоби «Табиатшиносӣ» машғул буд.

* * *

– Ганчу ранҷ ҳамқофияанд, – гуфтам ман. – Қоидаю фоида ҳам, – луқма партофт милисаи раҳбон.

* * *

Нахуст ранг аз рӯяш рабуданд, пасон сиёҳ ва дар ниҳоят, сафедаш карданд. Оҳ, ин додситонҳо, рангмолҳоро ба як нӯл мезананд.

* * *

Бел кафгирро барои зиёд будани сӯрохҳояш сар дода, ғалберро ба занӣ гирифт.

* * *

Барои масъалаи манзилро ҳал кардан ба ҷамъияти ибтидоӣ руҷӯъ бояд кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зан: – Мард бошӣ, ҳамёнро обистан кун!

* * *

Иғвогарон гӯштро шӯрониданд, ки як мушт ба дами корд зада қасди худро бистонад.

* * *

Чашмони касе, ки аз мош қимоб аст, аз ҳайрат чӣ гуна кушода мешуда бошанд?!

* * *

Шикоят ба табиб: кафи дастам ҳеҷ намехорад.

* * *

Забони давлатӣ?! Якбора гӯшу биниро ҳам давлатӣ кунеду монед!

* * *

Ниҳоят, рӯзномаҳо ҳақиқатро навиштанд, вале зери унвони афсона.

* * *

Магасро аз гурӯҳи хун чӣ парвое!

* * *

Дар кишвари мо фил нест, з-ин рӯ, ҳимматамонро пашша мебардорад.

* * *

Мардеро ҳангоми мутолиаи ашъори Рӯдакӣ дида, таъна заданд, ки аз ҳаёт беш аз 1100 сол қафо мондааст.

* * *

«Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд», – гуфтаанд. Дурӯғ! Масалан, ман фарзанддор шудам-ку?!

* * *

Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ нависандаи ҷанговар? О, як марди хеле ҳалим буд-ку?

* * *

Дар кишвари мо иқтисоди бозорӣ хеле густариш ёфтааст. Ҳатто адабиётамон Бозор дорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Муҳаммад Ғоиб факултаи риёзиро хатм кардааст? Гуфтам-а, ҳиҷоҳои мисраҳояш ҳама баробаранд.

* * *

**Аз навиштаҳои мунаққиде:** «Ҳар як шеъри ишқии Лоиқ Шералӣ заминаи воқеӣ дорад».

* * *

Мавҷҳои пешонаи Мӯъмин Қаноатро дида ба хотир овардам, ки ӯ достони «Мавҷҳои Днепр»-ро навиштааст.

* * *

«Хушбахтона, адабиёти тоҷик дар ин давра камол ёфт», – изҳор кард мунаққиде. Камол Насрулло курта-курта гӯшт гирифт.

* * *

– Сорбони қофилаи адабиёти кунунии мо кист? –суол кард устод ба донишҷӯён. Ҳама дар ҳайрат монданд: о, худи Сорбон ҳанӯз дар қайди ҳаёт-ку?

* * *

Аҳмадшоҳи Маҳмадшо китобашро «Дасти ману домони шумо» номида, пушаймон гашт. Занҳои покдоман аз ӯ меҳаросидагӣ шуданд.

* * *

Ҷаҳонбинияш васеъ ва умуман, ягон чизи танг надорад.

* * *

Зан намегирӣ?! Ояндаи ҷамъият чӣ мешавад?!

* * *

Ба ифтихори романи «Ғурмагас» ошхонаашро «Ғурмагас» ном ниҳод.

* * *

«Саодати Шумо-саодати ман», – изҳори садоқат кардам ба сардор. Сахт ранҷид. Маълум гашт, ки занаш Саодат ном доштааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Чун нотиқ мисраи «Ҳастии мо, партия, бо ҳастият пайванд шуд»-ро хонд, кафшергар гунаҳкорона сар хам кард.

* * *

Зане, ки ба шавҳараш «ҳама чиз дорам» мегӯяд, ақл надорад.

* * *

Суханро ғоз мадиҳед, ки ғозҳо парида мераванд.

* * *

**Аз суханони табрикӣ:** Арӯси нозанини мо зӯр! Панҷ шаш марда саришта карда метавонад.

* * *

Устухон ҳам чизи хуб аст, ба шарте гӯшт дошта бошад.

* * *

Ягона чизе, ки ман ба меҳмон бо майли том ва зуд медиҳам, дастпоккунак аст.

* * *

– Дар оянда Роҳи каҳкашонро низ таъмир хоҳам кард, – гуфт аз таъриф болида сардори Идораи роҳсозӣ.

* * *

Маърӯзаи сардори мо ҳамеша кӯтоҳ: танҳо ду ҷумла, вале вергулаш хеле зиёд.

* * *

Устухон барои он сахт ба гӯшт часпидааст, ки обрӯяшро аз даст додан намехоҳад.

* * *

Кампирҳо аз бузургтарин академикҳо дар фанни «Маҳорати суханварӣ»-янд.

* * *

Чашмонашро сахт бастед? Акнун очаи зорашро нишон диҳед!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Сахт мелангаду ба хизмат ношоям аст? Ҳеҷ гап не, мешавад, сарлашкар Амир Темур ҳам ланг буд.

* * *

Оғӯши маҳбуба шикоргоҳ аст, оғӯши зани худ-қароргоҳ.

* * *

Изофанавис бемор шуда ба духтур занг зад: – Зуд расида оед, ҳароратам аз 45 гузашт.

* * *

Ба ҷойхоби завҷааш ишора намуда паҳлавонона хитоб кард:-Ҷангҳои болшевикӣ андар ин майдон кунем!

* * *

Адабиёти Шарқу Ғарб, Ҷанубу Шимолро хонда тамом кардам. Акнун то пайдо шудани ягон қутби нав истироҳат мекунам.

* * *

**Китобае дар меҳмонхонаи хасис:**

*Меҳмоно, пурхурӣ дорад хатар,*
*Зинҳор бинмой аз хӯрдан ҳазар!*

* * *

**Аз суханони роҳбари лофзан:** Дар коргоҳи мо рӯзи истироҳат нест! Ҳатто рӯзи 30-юми феврал низ кор мекунем.

* * *

Ман ба вазифаи ҷонишини вазир сазовор нестам? Пас, вазир таъйин кунед.

* * *

**Аз изҳороти фолклоршинос:** Ҳар гоҳ андешам, ки агар хар намебуд, мақоли оличанобӣ «Хар аз хар монад, гӯшашро бур» низ намебуд, тамоми ҳастиямро даҳшат фаро мегирад.

* * *

**Шиори шогирдони ғалатҳарф:** Чӣ кунам, ҳарфи дигар ёд надод устодам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

**Шикоят:** Имрӯз аз мураббӣ дида ба мураббо таваҷҷӯҳ бештар аст.

* * *

Пашшаи бебарор ҳатто дар ҷуссаи фил ҷои нишаст намеёбад.

* * *

Олиме пашшаеро, ки ташвишаш медод, зада кушт ва бо ифтихор гуфт: Ана, оқибати бо бузургон бозӣ кардан!

* * *

Ба сари олими географ занаш дод зад: Аз сад глобуси ту як тарбуз беҳ.

* * *

Бо мошини вақт ба асри Х1У сафар накунед, ки Темури ланг калламанораҳояшро тармим карданист.

* * *

Қассоб, гурез, ки ҷарроҳ омад!

* * *

Занаш гандагашт? Дар ин роҳҳои нообод деҳа магар нағз гаштан мумкин?!

* * *

«Кампир, яъне-камакак пир», – худро тасаллӣ медод кампири фартуте.

* * *

Тақлид ба ҳайвонотро дӯст медошт: сангпуштвор ба кор меомаду харгӯшвор бармегашт.

* * *

– Пул надорӣ? Пас, чаро касал шудӣ?!

* * *

Вазнинтарин силоҳ барои ман камони абрӯи занам аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Зоғ ки раиси имтиҳони қабул буд, аз Булбул ришва гирифт, то писари ӯро ба консерватория қабул кунад.

* * *

Сарвари мактаб ба сари омӯзгори риёзӣ дод зад:

– Агар рафторатро дигар накунӣ, решаи квадратиятро месӯзам!

* * *

Аз рӯзе, ки авбошони кӯчаҳоро «буқа» меномидагӣ шуданд, гӯшти говро ҳеҷ табъам намебардорад.

* * *

Светофорро ба маҳкама кашиданд. Гуноҳаш: ҳангоми аз роҳ гузаштани мошини мансабкалоне сурх шудааст.

* * *

Ҷарроҳ собит кард, ки на танҳо бо кисабурӣ, балки бо шикамбурӣ ҳам пул ёфтан мумкин.

* * *

Аз он ки маро хар гуфтӣ, намеранҷам, вале аз боркашонӣ метарсам.

* * *

Шикамат нақора мезанад? Рақс кун!

* * *

Баҳонаҷӯйиро пойи чубин ҳам дард мекунад.

* * *

Чаро аз бинӣ боло гап зад, чун беҳтарин узвҳо аз бинӣ поён ҷойгиранд?!

* * *

**Эълон:** Пишаки сиёҳ меҷӯям, то аз байни зани худу зани ҳамсоя сар диҳам. Сӯҳбатҳои тӯлонияшон ба дилам зад.

* * *

Ҳамқадами замон будан хоҳӣ, ҳамқадами занон бош!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бемантиқтарин ибора ибораи «зани камгап» аст.

* * *

Хайрият, ки моҳ хушдоман надорад, набошад, шаби мо якумр тор мебуд.

* * *

Нависандае дар бораи муносибати устодону шогирдон дар давраи имтиҳонот асаре навишт бо номи «Ҷанг ва сулҳ».

* * *

Ниҳоят воқеият пирӯз гашт; пулро расман раиси комиссияи қабул эълон карданд.

* * *

Шалғами сурхрӯй пеши гандуми зардрӯй бартарият надорад.

* * *

Муҳаррир аз мақолаи мухбир мақоли «Кори шаб –хандаи рӯз»-ро хат зада дар ҳошияаш навишт: «Ба мавзӯи секс дахл накунед».

* * *

**Барчаспе дар чатр:** Дурудароз зери борон нигоҳ надоред.

* * *

**Ариза ба милиса:** Аз китобхонаи ман китоби «Пешгирии ҷиноятҳо»-ро дуздиданд. Илтимос, чораҷӯӣ кунед!

* * *

Ба бешарафе нишони «Шараф» доданд. Шарафманд нашуд.

* * *

Барои хизмати шоистааш ба муш як гурба мукофот доданд.

* * *

**Хоҳиши девонае аз духтури дандон:** – Дандони ақламро канед!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

**Суруди дӯстдоштаи ҷавонмардони соядӯст:**
– Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!

* * *

Мегӯянд, ки шаби қадр ҳар чи дар оғӯш дошта бошӣ, тилло гардад. Аҷиб! Агар ин рост мебуд, занҳои мо кайҳо ҳама ба як халта тилло табдил ёфта буданд.

* * *

Сари гӯри муҳаққиқе марде зери лаб мегуфт: – Оре, «ба манзил расид, он ки пӯянда буд».

* * *

**Маслиҳат:** Агар хоҳед, ки китобатон дарозумру рӯимизӣ бошад, дар муқоваaш тақвими асрро чоп кунед.

* * *

Замоне чун ба хонаамон меҳмон ояд, дуд аз мӯриямон мебаромад, ин замон дуд аз димоғамон мебарояд.

* * *

Аз ман напурсед, ки кай қиёмат қоим мешавад. Қиёмати ман қоим шудагӣ. Аз рӯзе, ки зан гирифта будам.

* * *

**Аз таклифҳои соқӣ:** Канӣ, ҳама дар пеш доштаашро ба даст гирад.

* * *

Китобашро «Орухона» номид ва мунаққидонро таъкид кард: Хонаи оруро накобед!

* * *

**Аз ахбори радио:** Дар натиҷаи ин садама 6 нафар ҳалок гардида, 12 нафар ба шаҳодат расиданд.

* * *

Носама ки кашидӣ, нозама бардор.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Як ҷони азиз доштам, ки ба маҳбубаам супурдам ва ӯ дуҷон шуд.

* * *

**Суруди дӯстдоштаи занам:** Меравам, ҳаргиз намеоям дигар.

**Суруди дӯстдоштаи ман**: Рафтанду раванду боз оянду раванд.

* * *

Бигзор мурғ мурғи ҳамсоя бошад, лекин дар ҳавлии мо тухм кунад.

* * *

Дар бораи ин марди аблаҳ ман маълумот дода наметавонам, беҳтараш ба китоби «Ҳайвонотшиносӣ» мурочиат кунед.

* * *

Дар хобаш суруди «Дарё равон аст»-ро хонда, хест, ки ҷогаҳашро тар кардааст.

* * *

Ғами худро хӯрда сер шуд, аз ин рӯ, барои ғами миллатро хӯрдан эҳтиёҷаш намонд.

* * *

Фиребхӯрда ба мурғи бирён ҳам бо шубҳа менигарад; яке парида наравад.

* * *

Самбӯсаро ҳамчун хурдтарин анбори пиёз ба китоби Гиннес дохил бояд кард.

* * *

Ҳисси шаҳвонии мурғи мо ончунон баланд, ки ҳатто ба қанди хурӯсак бо ҳавас менигарад.

* * *

Рӯбоҳе даъво кард: «Ситораи думдор акси ман дар осмон аст».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

**Тасҳеҳ:** «Дар шумораи гузаштаи рӯзномаамон саҳван «табобат бо гул» чоп шудааст. Хоҳишмандем, он чунин хонда шавад: «табобат бо пул».

* * *

**Супориши сардор ба ихтироъкорон:** Ба ман робот-хизматгореро офаред, ки ҳангоми танбеҳ шунидан сар хам кунаду суп-сурх шавад.

* * *

Мақоли «Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб»-ро ба гӯши хирс нарасонед, ки дар кӯҳсор як дарахт ҳам намемонад.

* * *

Шакар ки қимат шуд, зиндагӣ талхтар мешавад.

* * *

Васияти Қорӣ-Ишкамба: Шамъи хотираи маро бо шамъи ҳамсоя фурӯзон кунед.

* * *

Ҳаққи қалам тарозуи шеър аст.

* * *

SMS (ба муаллим): «Устод, гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!».

* * *

Ҳеҷ кас аз дарди дандон нафавтидааст, зеро аз ин дард марг ҳам метарсад.

* * *

Сангдилиаш бас набуд, ки дар гурдааш ҳам санг ёфтанд.

* * *

**Директори боғи ҳайвонот:** – Калонтарин фили маро дуздон тавассути рахнаи девори боғ рабуданд.

* * *

**Аз тавсифномае:** «Ин бозингари дастаи футболи мо ягон



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

чизи хубро бегона намекунад. Ҳатто, голи зеботарини солро ба дарвозаи худ зад».

* * *

Ин моҳиро ончунон хушк кардаанд, ки гумон мекунӣ дар биёбон калон шуда бошад.

* * *

**Шукронаи сарбоз:** «Хайрият, ҳамин посбонӣ ҳаст, набошад, ҳеҷ аз хоб сер намешудам».

* * *

Ба муқаддасоти миллат эҳтиром дорад. Ҳатто, пораро танҳо дар шакли пули миллӣ қабул мекунад.

* * *

Милиса чор соат дар чорроҳа истода, «чор танга» ҷамъ кард ва чор чорвои чор кас медидагӣ хариду чор ҳафта «чорлунҷа» гӯштхӯрӣ кард.

* * *

Баъзан ба он хотир ҳикояи суст менависам, ки мунаққидҳо аз як бурда нонашон маҳрум нагарданд.

* * *

Ҳамин саҳар чи хӯрданамро фаромӯш мекунаму ту қарзи порсоларо мепурсӣ.

* * *

Хоксорӣ хуб аст, вале баъзан нони касро нимта мекунад.

* * *

Ҷумлаи мураккабро ба хелҳо ҷудо карданду навъи асосии он – ҷумлаи мураккаби фаҳмо аз байн рафт.

* * *

Гапи марг якто: – Мебарам!

* * *

– Бародар, «Ин сирф нуқтаи назари ман» гуфтанат носипосӣ ба айнакат аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Даҳони пургап – душмани шикам.

* * *

«Бевазифа намонад» гуфта, ӯро дар биёбон мироб таъйин карданд.

* * *

Симчӯб маъшуқаи маст.

* * *

Мошини «01» – хушдоман. Мошини «03»-ҳамсоя.

* * *

Вожаи «ишқ» – ро аввал дар саҳфаи дил менависанд, баъд дар дафтари хотира.

* * *

Агар пул «чирки даст» бошад, дигар дастамро намешӯям.

* * *

Ҳеҷ асо тахтапуштеро навозиш накардааст.

* * *

**Эълон:** Мувaққатан аз хӯрдани шири мурғ худдорӣ кунед, ки дар кишвар зукоми мурғ омадааст.

* * *

Навҷавониашро кайҳо аз даст дода бошад ҳам, аз навқаламияш ҳеҷ не ки даст кашад.

* * *

Ба занам гармии ҳаммомро таъриф кардам. Ӯ аз рашк маро як ҳафта аз гармии оғӯшаш маҳрум кард.

* * *

Дугонаи занам ягонаи ман аст.

* * *

Занам дар пайравӣ ба идораи «Барқи тоҷик» барои истифодаи гармии оғӯшаш ба ман «лимит» муайян кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Мақоли писандидаи фоҳишаҳо: Як мавизро чил қаландар хӯрдааст.

* * *

Ҳамён он узви бадани марди камбағал аст, ки ҳамеша дард мекунад.

* * *

Дар назди бевазан «нигоҳ» магӯй, ки «никоҳ» мефаҳмад.

* * *

Пашшае худро хеле раҳмдил муаррифӣ карда паи исботи ин ба миёни фил оҳиста нишаст, то он нашканад.

* * *

Хитоби ман ба онҳое, ки анбори пуртӯша доранд: Хонаи мо он қадар ҳам дур нест.

* * *

Дилсӯз буд ва аз рӯи дилсӯзӣ шабонаҳо хӯсаро ба хона даровarда мемонд, ки хунук нахурад.

* * *

Нависанда барои навиштани ҳикоя дар мавзӯи шаҳват (секс) нахуст саропо урён шуд.

* * *

Ба нофи урён кӯчагардӣ кардани духтарон сабаби авҷ гирифтани лирикаи ишқӣ дар адабиёти муосир гашт.

* * *

Навиштае дар мошини ронандаи маст барои милисаи роҳбон: Девона гурез, ки маст омад!

* * *

Эълон: Оҳанги халқии «Тӯёна!», Оркестр иҷро мекунад. Дар рақс дрижёр.

* * *

Вақте ки бори аввал мошини «Мерседес»-ро дидам, дарёфтам, ки занам зеботарин мавҷудоти олам нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Асалбек ном гузоштани фарзанд ҳанӯз маънои таъмини ширинсухании ӯро надорад.

* * *

Аз бӯсаҳои ширини ман меҳаросад маҳбуаам. Касалии қанд дорад магар?!

* * *

Баъзе муҳаррирон ҳатто хати пешониро таҳрир мекунанд.

* * *

Лифти кайҳо аз кор баромадаамонро як лагад задам: – Дигарон ба осмони ҳафтум баромаданду ту аққалан ба қабати ҳафтум баромада наметавонӣ!

* * *

Ғуломвоар хизмат кардани занаш ба таърихшинос барои навиштани рисолаи «Ҷамъияти ғуломдорӣ» хеле мадад кард.

* * *

Ба занон ҳама чизро омӯхтан мумкин, ба ҷуз хомӯшӣ.

* * *

Вақте ки зану мард зери кӯрпа медароянд, зиндагӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ оғоз меёбад.

* * *

Шиори киштии яхшикани атомӣ: То ба кай об аз таги ях меравад!.

* * *

Сардоре зердасташро таҳдид мекард: – Дар назди ман башараатро хунук накун, ки аз ёрии башардӯстона маҳрумат мекунам.

* * *

Дар ҷамъияти мо барои он ки ҳамфикрони зиёд бошед, фикр накунед.

* * *

Субҳ интизор намешавад, ки кай хурӯс чеғ мезанад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Бемор (пеш аз ҷарроҳӣ): – Духтурҷон, ман гуноҳ надорам!

* * *

Ҳанӯз ҷароҳатҳоро рухсораам рӯ нагирифта нохуни маъшуқаам боз дароз шуд.

* * *

Сиёсат бо вожаи «ханда» кор надорад, вале бо вожаи «хандахариш» тавъам аст.

* * *

– Ман ба шарте муаллим мешавам, ки аломати саволро нобуд созед,-изҳор дошт аломати хитоб.

* * *

Печка:-Ҳеҷ кас мисли ман ин қадар барои мардум дарун – дарун намесӯзад.

* * *

Ҳоло вазорати корҳои дохиларо аз Вазорати молия фарқ кардан душвор; дар ҳар ду ҷой ҳам асосан аз пул гап мезананд.

* * *

Кулоҳатро каҷ мондаӣ», – мегӯед? Мебахшед ман мағрур не, гарданам каҷ.

* * *

Дарахт:-Аҷабо, маро тирамоҳ урён карду зимистон соҳиб шуд.

* * *

– Чӣ ҳама ба ман менигаред?! Охир, ӯ маро каллакаду гуфт, на тамокукаду!

* * *

Лӯлиёна зиндагӣ дорад кенгуру; ҳамеша халтааш ҳамроҳаш.

* * *

Фоҷеа! Хонаи гург бе устухон монд!

* * *

Ба сараш як мушт арзан рехт, барои ҷалб кардани мурғи бахт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Шишаи холии арақ: – Обрўямро рехтанд!

* * *

Шикояти бемор:-Тамоми баданамро сўзан зада сўрох кардед, духтур. Чӣ, магар аз ман ғалбер сохтаниед?!

* * *

Чун кўршапарак сардори коргоҳ шуд, маоши кормандони бахши шабонаро якбора даҳ баробар зиёд кард.

* * *

Вақте ки сангпушту хорпушт вожаи «шўрапушт»-ро фаҳмиданд, ҳайрон шуданд; инаш боз чӣ хел ҳайвон:

* * *

Эҳ, агар имкон медошт, дар гуфтугў бо савдогарон забони занамро ба орият мегирифтам.

* * *

Барои шустани гуноҳҳо собун ихтироъ карданд.
Нархаш: содир кардани чил гуноҳ.

* * *

Косаи шикаста боумед буд; одамон дасти шикастаро намепартоянд-ку!

* * *

Сел оқибатҳои мудҳиш дорад. Мудҳиштарин оқибати он акт аст.

* * *

Занон нуқтаро дўст надоранд, онҳо дилбохтаи вергуланд.

* * *

Танҳо дар поёни китоби ғафси ў як ҷумлаи зебо ёфтам ва гуфтам: – Бечора зебоӣ, ин қадар чуқур гўронда шудааст!

* * *

Бузургтарин ғавғо дар хомўшии зан нуҳуфтааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Духтури асабро пешакӣ таъкид карда мондам: ба наздикӣ хушдоманам меояд.

* * *

Зарур омад, ки дар паҳлӯи сартарошхона шӯъбаи ҷарроҳӣ таъсис диҳанд.

* * *

Вақте ки аз таҳқири занам мегурезам, оғӯши бевазани ҳамсояамонро чун паноҳгоҳи сиёсӣ истифода мебарам.

* * *

Занамро «ту гули зебои ман» гуфтаму рӯзи дигар ӯро дар паҳлӯи гулфурӯше дидам.

* * *

Пул дом барои мурғи бахт аст.

* * *

Дар укёнси илм моҳича мабошед, ки луқмаи хоми наҳангон мешавед.

* * *

Аз саг пурсиданд: – Атола мехӯрӣ?
Гуфт: – Устухон дорад?

* * *

Аз пашша фил сохт ва ин фил ӯро зери пояш пахш карда кушт.

* * *

Пиряхи Федченкоро об карданиед? Аз даму нафаси сардори мо истифода баред.

* * *

Кундаро кӯр карданд. Хурсанд шуд, ки акнун табарро намебинад.

* * *

Сабру тоқати ҳар фардро санҷиданӣ шавед, ба ӯ хондани китоби нависанда Н.-ро супориш диҳед.

* * *

Рахнаи боғ – дарвозаи тиллоии дуздон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Шикоят: Пештар дилам мезад, акнун шавҳарам мезанад.

* * *

Азбаски мудом шабона эҷод мекард, маънии ашъораш торик буд.

* * *

Навиштае дар девори гӯристон: Дар ин ҷо касе ба суруди «Алла» эҳтиёҷ надорад.

* * *

Нафс аскари қаторист, ки ҳатто, ба генерал итоат намекунад.

* * *

Эълон: Ниҳоят, дафтарчаи ақди никоҳамро гум кардам. Касе ёбаду ба ман баргардонданӣ шавад, ҷазо мегирад.

* * *

Шикояти бемор: – Вақте ки роҳ мегардам, сарам сих мезанад, вақте ки ба шумо музди табобатро медиҳам, дилу ҷигарам сих мезанад, духтурҷон.

* * *

Навиштае дар гӯшаи тарозу: Нозу нузро намебардорам!

* * *

Соҳибони майдон бозиро бо ҳисоби 0:1 бохта, пас аз бозӣ бо ёрии мухлисон бо ҳарифонашон ҳисобро «баробар» карданд.

* * *

Эълон: Барои гӯш кардани ҳарзагӯиҳои занам хизматгор-шунаванда қабул мекунам.

* * *

– Илоҳо, қаҳрамонони ҳикояҳои Маҷиди Салим шавӣ! – дуо мекард зане мухолифашро.

* * *

Мунаққиде дар бораи муқаллидони ашъори Гулназар чунин навишт: «Инҳо ҳама бо «Нардбон»-и Гулназар боло рафтаниянд».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

Барои ӯ галстук як воситаи табиии пинҳон кардани чирки гиребонаш буд.

* * *

Муҳимтарин кашфиёти ӯ дар рисолаи илмияш дар соҳаи адабиёти бадеӣ ин буд: «Суруди «Сафед, сафед рӯяки хандони ту» дар Африқо навишта нашудааст».

* * *

Эрон ба Амрико:
– Моро на бим дар дил аст
Зи хашми ту, падарқусур!
Амрико ба Эрон:
– Шунида мон, ки мезанам
Ба химчаҳо тасар-тусур!

* * *

Даъвои Ҳиндустон: – Мо метавонем дар бораи мудҳиштарин фоҷеаҳои инсоният филм офарем, вале он ҳам ҳатман дусериягӣ ва пуррақсу тарона хоҳад буд.

* * *

Чин: – Мо барои эҳтиёткорон мол истеҳсол мекунем!

* * *

Ироқ: – Ҳар кӣ моро сияҳкор гӯяд, намеранҷем, зеро яқин, бо нафт сарукор доштанамонро дар назар дорад.

* * *

Ҳабашистон: – Рӯзамон сиёҳ мабод!

* * *

Чун ҳикоям бо номи «Як тиру ду фохта» чоп шуд, дарзамон аз се вазорат даъватнома гирифтам: Вазорати ҳифзи табиат, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати амният.

* * *

Забондарозии кормандони телевизион дар назди кормандони радио: – Шунидан кай бувад монанди дидан!

* * *



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бразилия: – Ҳар кӣ ба мо зарба занад, мо ба ӯ гол мезанем!

* * *

Навиштае дар рахти арӯсӣ: Охир ба дастӣ, малахак!

* * *

Лаққӣ маҳз барои он аз марг метарсад, ки манаҳашро мебанданд.

* * *

Вақте ки бачаҳои Бузаки ҷингилапо аз шиками даридаи гург баромаданд, шикоят карданд, ки берун хунук аст.

* * *

Ҷони ширин, ман дар ишқи ту Маҷнунвор сар ба биёбонҳо задан мехоҳам, вале ку дар Тоҷикистон биёбон?!

* * *

Шоире маошашро гирифта ба бозор рафт ва бозгашту достони бадарде навишт бо номи «Қатра ва баҳр».

* * *

Дар чиллаи зимистон шоире ба занаш фармон дод: – Хонаро сахт гарм кун, ки ман дар бораи тобистон шеър навиштаниям.

* * *

Бо як гул баҳор намешавад, гуфта ду зан гирифт.

* * *

Беҳтарин шеърро барои боксёр устод Лоиқ гуфтааст: Сари сабзат, илоҳӣ, дар амон бод!

* * *

Калиди қошу қавоқи бастаи занамро дар мағозаи ҷавоҳирот ёфтам.

* * *

Як себи шохи дарахтамон ҳеҷ не, ки афтад. Сари Нютонро интизор аст магар?!

* * *

Азбаски раиси ҳайати доварон гов буд, муаллифи суруди «Сабза дамидан гирад» ғолиби озмун дониста шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Дарду алами хабари «Муфаттиш омад»-ро танҳо хабари «Муфаттиш рафт» ҷуброн карда метавонад.

* * *

Аз таъсири нархи дору ба дарди ваҳмак гирифтор шуд.

* * *

Бо мақсади гуфтани шеъри баланд қалам ба даст гирифт ва ба он ном интихоб кард: Қулла.

* * *

Дар автобуси пуродам: – Холаҷон, хавотир нашавед, ин ҳасиб.

* * *

Зарба! Гол!.. Ҳуҷумкунанда аз хоб бедор шуда дид, ки занаш дар кунҷи хона ғелида хобидааст.

* * *

Дар лаҳзаҳое, ки ман ба мутолиаи романи «Вафо» машғул мешудам, занам ба ман бевафоӣ мекардааст.

* * *

Шумо одами боло? Нағз – ку! Кай зан гирифтед?

* * *

Қорӣ – Ишкамба ба танӯр рашк мебурд: шикамаш ҳамеша пурнон аст.

* * *

«Пешонаам шӯр» гуфтед? Дар зонуҳои ман ҳам намак ҷамъ шудагӣ.

* * *

Адабиётшиносони замонасоз собит карданд, ки чун устод Рӯдакӣ «Дониш андар дил чароғи равшан аст» мегуфт, чароғи равшан гуфта фурӯзонакҳои каммасрафро дар назар дошт.

* * *

Вақте ки сардор бо котибааш сӯҳбат мекунад, то 16-солаҳо набояд гӯш кунанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Сардор тамоми зердастонашро бесилоҳ кард, то рӯзе мурғи бахти ӯро напаронанд.

* * *

**Мақоли нав:** Касе, ки ошиқи гул аст, бочаи булбул аст.

* * *

Косаи сабри ашхоси бадҷаҳл лабрез намешавад, мекашанд.

* * *

Себе ба сари забоншиносе бархӯрд. Ӯ ҷои варамидаи сарашро дошта ба хаёл рафт: шояд вожаи осеб аз вожаи себ баромада бошад?

* * *

Ошиқиро машқ намекунанд. Ҳар ки машқ кунад, дузана шавад.

* * *

Аблаҳ аст ҷавоне, ки домани кӯтоҳро дида суханро дароз кунад.

* * *

Тамоми ҷаҳонро сафар кард, ҷои сафар нокардааш намонд. Тарки одат амри муҳол, дигар илоҷ надошт: ба он дунё сафар кард.

* * *

Ҳар гоҳ марде дар сухан даромад, аз дил хоҳад гузаронд: чӣ қадар душвор аст зан будан!

* * *

**Ҳасрат:** Афсӯс, дар ҳайати ансамбли «Ҷавонӣ» низ кас пир мешудааст.

* * *

Нахустнишонаи фаромӯшхотирӣ фаромӯш кардани манфиати шахсист.

* * *

Ман ҳамагӣ як маротиба ба ҳадаф расидаам, он ҳам тасодуфан: туфлиамро ба сӯи сагча партофтам, ба занам бархӯрд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Баробари сеяки тарсе, ки аз занат дорӣ, аз Худо тарсӣ, одами хуб мешавӣ.

* * *

Агар ғараз духтури чашм шавад, ҳақиқат як умр кӯр хоҳад монд.

* * *

Косалесони ҳукумат он қадар фаъол шудаанд, ки акнун ӯ косашӯёнашро аз кор озод карданист.

* * *

**Аз дафтари хотира:**
Туро бинам, ба ёд орам кашокашҳои деринро,
Ба он соне ки чун бинад Саакашвилӣ Путинро.

* * *

**Мисоле ба санъати ташбеҳ:**
Чунонат ганда мебинам, ки Буш атоми Эронро,
Чунонат дӯст медорам, ки Моника Клинтонро.

* * *

Ягона ҷое ки ману занам муросо дорем, болои… ҷевон аст. Он ҷо сурати ҳар дуи мо паҳлӯи ҳам гузошта шуда.

* * *

Милиса агар нависанда шавад, мунаққид бояд худро суғурта кунад.

* * *

**Маслиҳат:** То ба бемории фаромӯшхотирӣ гирифтор нашавед, аз касе қарз нагиред.

* * *

Шоири ҳақиқӣ онест, ки арӯсро аз арӯз авлотар донад.

* * *

Ба нуқтае назар карда, нуқтаи назари хешро иброз доштан низ истифода аз «шпаргалка» аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

* * *

Ҳама гуна суханҳо орӣ аз ғаразанд, чун мавзӯи онҳо аз миён болост.

* * *

Бахт бо латифагӯӣ намехандад. Пои бахтро бояд хорид, то ҳам бихандаду ҳам ба ҳаракат ояд.

* * *

Романе навишт бо номи «Дили нооором». Пас аз таҳрири муҳаррир бо номи «Дили ором» чоп шуд.

* * *

Вақте ки муаллим бе ҳеҷ сабабе маро каллакаду гуфт, дурудароз ба каллаи худи ӯ нигаристам: ба назарам он тамошокадуро мемонд.

* * *

Одами бедандон аз худаш дида ба духтури дандон бештар зарар меоварад.

* * *

Бисёр сарварон баъди аз мансаб рафтан намозхон мешаванд. Яқин, биҳишти гумкардаашонро меҷӯянд.

* * *

Мӯҳр дар дасти сарварон латтапораест, ки бо он даҳони ҳақиқатро мебанданд.

* * *

Вақте ки чашмони ошиқон ба ҳам роз мегӯянд, гӯшҳо худро ба карӣ мезананд.

* * *

Меҳри гарми ҳамсоязан намебуд, дар ин замистони бебарқ ях мебастам!

* * *

Дар ҷавонӣ орзуи паранда шудан мекард, то дар баландиҳо низ зиста тавонад. Дар пирӣ орзуи кирм шудан кард, то дар зери замин низ зиста тавонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Аз чӣ бошад, ки ҳар гоҳ ба сафар равам, боби «Лаҳзаҳои ширини зиндагӣ»-и дафтари хотироти занам якбора якчанд саҳифа зиёд мешавад.

* * *

Зане ба сари нозири андоз дод зад: – Чӣ ин қадар андоз, андоз мегӯӣ, шарм намедорӣ?

* * *

Агар касеро ба аспи мансаб савор кардед, барои рӯзи мабодо ӯзангуро бурида монед.

* * *

Эҳ, агар сангро имкони зан додан мешуд, ҳоҷати ин қадар ба сари он гурз задан намемонд: худ пора-пора мешуд.

* * *

Агар ҳама роҳҳо ба сӯи латтабозор баранд, донед, ки вазири нақлиёт зан аст.

* * *

Кодекси андозро барои санҷиш ба болои фил гузоштанд. Миёнаш шикаст.

* * *

– Дар рӯям изи лаби сурх? О, худат «шуморо ҳамеша рӯсурх дидан мехоҳам» мегуфтӣ-ку, занак?!

* * *

Зан – муаллими шайтон. Агар мард муаллими шайтон шавад, зан сарвари мактаб хоҳад шуд.

* * *

Аз он ки Фарҳоди кӯҳкан бо теша ба мақсад нарасид, обрӯи каланд наафзуд.

* * *

Дар замони мо камбағалро аз ҳуқуқи бемор шудан маҳрум бояд кард, вагарна умри дароз намебинад.

* * *

Аз хони хасис чизи бомазза тамаъ кардан бемаззагист.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Аз тухми тиллоӣ чӯҷа намебарояд!

* * *

Ба шӯрапуштиҳои мо намак гунаҳкор нест.

* * *

Шиновариро дар Секунҷаи Бермуд машқ намекунанд.

* * *

Нуқтаи назари ҳарзагӯй нуқта надорад.

* * *

Дар ҳузури ширфурӯш дар бораи об ҳарф назанед. Ба иззати нафси кас расидан чӣ лозим?!

* * *

Пул мурғи бахтро курк мекунад.

* * *

Калавандаю ноустувор буданам айби ман нест. Замин доирашакл аст.

* * *

Чун занаш аз тамом шудани орд дар хона хабар расонд, шоир аз навиштани идомаи достони «Шукри ин Ватан» муваққатан худдорӣ кард.

* * *

– Мақолаатон хеле кӯтоҳ шудааст? Чӣ илоҷ, муҳаррири мо мақолаҳоро ба андозаи ақлаш кӯтоҳ мекунад.

* * *

Барои тарҳи «Муҷассамаи ишқ» озмун эълон карданд. Чунин тарҳ ғолиб омад:!?

* * *

Дар хонаи мо қувваи кашиши замин шиддат гирифтааст магар, ки занам рӯзи дароз хоб мекунад.

* * *

Барои эҳтиёт қабри Мирзодиккакро чуқуртар кофта, ба рӯяш бештар хок кашиданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Аз дафтари фолклоршинос: Қадимтарин зарбулмасал «Нафси бад-балои ҷон» аст. Онро Одаму Ҳаво гуфтаанд.

* * *

Оре, дар ҳаёт ҳама чиз тағйирпазир аст. Замоне гуноҳро ба тавба мешустанд, ҳоло ба пул.

* * *

Троллейбус бо роҳи бесим ҳам меравад, агар ронандааш ошиқ бошад.

* * *

Барои дос ҳама гуна оина каҷнамост.

* * *

Чӣ хуш мебуд, агар пас аз «Даҳсолаи оби тоза» «Даҳсолаи шири тоза» эълон мекарданд.

* * *

Лавҳае дар беморхонаи саратон: Дур бодо саратон аз саратон!

* * *

Сирри пирӯзиҳои ман дар мусобиқоти муштзанӣ дар он аст, ки ҳангоми зарба задан ба сари ҳариф сари сардори аблаҳамонро пеши назар меоварам.

* * *

… бо вуҷуди ин, ӯро «хар» нагӯед, дар акси ҳол чунон ҳангас мезанад, ки…

* * *

Дар бозори кӯҳнафурӯшон рӯзҳои санитарӣ таъйин кунанд, барои савдо рӯз намемонад.

* * *

Мӯҳтавои ҷумла суст бошад, аломати хитоб корагар намешавад.

* * *

Бисёр воқеъ мегардад, ки «шери дадош» «рӯбоҳи мардум» мешавад.

* * *

Беадолатист, агар дар ҳайати комиссияи бекор кардани ҳукми қатл намояндае аз ҷаллобон набошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Дар бораи ҳақиқат нависам? Ман нависандаи фантазист нестам!

* * *

Масхарабоз ки пир шуд, масхарааш мекунанд.

* * *

Аз анбӯҳи сифрҳо натарсед, танҳо эҳтиёт шавед, ки онҳо дар пушти ададҳои дигар паноҳ набаранд.

* * *

Ҳар кори нимбуд изи пои андешаи ланг аст.

* * *

Барои бачаҳо аз бобои хашмин Бобои барфин беҳтар аст.

* * *

Моҳигире, ки орзуи моҳии зарин ба шаст овардан дорад, беҳтараш, зан нагирад.

* * *

Хушомадгӯй ба сардор рӯ ба рӯ ояд, орзуи дум доштан мекунад, то биликконад.

* * *

Тӯҳматгар ба сари намак дод зад: – Фач!

* * *

Дар фасли рамазон об дудила шуд: ташнагии мардумро шиканад ё рӯзаашонро?!

* * *

Гӯштбирён хуштаъм набуд. Ба ошпаз бо шубҳа нигаристанд: яқин, ба сагҳо забон як кардааст!

* * *

Дар мусобиқаи давидан ҷои аввалро хоҳам гирифт, агар гоҳ аз паси ман фарёд кунед: – Хушдоманат омад, хушдоманат омад!

* * *

Аз дафтари адиб: Бӯса нонпари кулчаи рӯи духтар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Пиряхро ба зиндагӣ дилгарм насозед, ки ҷаҳонро об зер мекунад.

* * *

Шиори чиниҳо: Дастдарозӣ аз қаддарозӣ афзалтар аст.

* * *

Эҳтиёҷманд ба кӯлмак ҳам нигарад, моҳии тилло ба ёдаш меояд.

* * *

Дар бозии футбол баъзан паҳлӯчӯб беҳтар аз дарвозабон «бозӣ мекунад».

* * *

Рӯз «урён» аст, шаб – пӯшида. Ин «пӯшида» корҳое мекунад, ки «урён» шарм медорад.

* * *

Баъзан пашшаро ба гурз мезананд, ноинсофҳо!

* * *

Лаққӣ гоҳ-гоҳ хомӯш мешавад, то ҳузури ӯро фаромӯш накунанд.

* * *

Мунақид аст. Бо дасти чап менависад. Дасти росташро ҳимоя нигоҳ медорад.

* * *

**Аз дафтари навқалам:** Субҳ механдад, гӯё аз қиссаи шаб огоҳ буд.

* * *

Ҷавонони донишҷӯ барои он бештар майл ба ишқ доранд, ки забони ишқ сарфу наҳв надорад.

* * *

Тамасхури Бин Лодан: – Чӣ маро аз ҳар кунҷи замин меҷӯед?! Замин курашакл аст!

* * *

Фиребгар аз он метарсад, ки мабодо гуфтааш рост барояд.

* * *

Дар замони мо ситорашиносон дигар ба пурбин эҳтиёҷ надоранд. Гирду атрофашон пур аз «ситораҳо» шуда.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Сарашро ҷарроҳӣ карданд. Бим аз он дошт, ки мабодо фикрҳои бикрашро дузданд.

* * *

Кӯррӯдаро сарвари узвҳои дохилӣ эълон карданд, ба он хотир ки агар нотавонӣ кунад, бартараф карданаш осон.

* * *

Шамолро чӣ парвое, ки коҳи кӯҳанро бод медиҳад ё навро.

* * *

Ҳарзагӯй аз шафтолу қимоб аст: як умр шаф-шаф мегӯяд.

* * *

Ба сари баъзеҳо барои он салла мепечанд, ки сарашонро ба ҳар сӯрох халонда натавонанд.

* * *

Динозаврҳо дар рушди ҷисм аз вақт пеш гузаштанд ва аз ин рӯ, пеш аз вақт нобуд шуданд.

* * *

Беадолатӣ! Магар мансабдоре, ки ба 300 сомонӣ маош дар 3-4 моҳ бӯстонсарои бошукӯҳ месозад, шоистаи вуруд ба китоби «Рекордҳои Гиннес» нест?!

* * *

Одамон! Ҳамдигарро «ҳайвон» нагӯед, ки ба одамхӯрҳо баҳона пайдо мешавад.

* * *

Аблаҳ: – Ёрӣ диҳед! Маро ба фикр кардан маҷбур мекунанд.

* * *

Аз хомӯшии баъзе нависандаҳо адабиёт бурд мекунад.

* * *

Аломати вергул бемор шуду вазифаи ӯро муваққатан ба зиммаи аломати хитоб вогузоштанд. Дар натиҷа одамони зиёде бегуноҳ кушта шуданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Зан нагирифта асари фантастикӣ навиштан имкон надорад.

* * *

Дар ду ҷой об намешавад: дар биёбонҳои Арабистон ва дар мошинҳои сӯхторхомӯшкунии Тоҷикистон.

* * *

Чор кило моҳиямро хӯрду ба моҳияти гапам сарфаҳм нарафт.

* * *

Ончунон саргарми батакрор шумурдани теъдоди асарҳояш шуд, ки оқибат адабиётро фаромӯш карда риёзиётро пазируфт.

* * *

Аз табрикномаи одамхӯрон: Ид муборак, дӯстони лазиз!

* * *

Вақте, ки тақдири ту дар дасти сардор «гуфтанд» бисёр мехостам, ки ӯ дасташро нашӯяд.

* * *

Дар дарси геометрия барои духонҳо байни секунҷаи муқаррарӣ ва секунҷаи Бермуд тафовуте нест.

* * *

Ҳамён пулро бинад, механдад.

* * *

Афкораш онқадар баландпарвоз шуд, ки оқибат барои худаш ҳам дастнорас гардид.

* * *

Вақте ки дар хоб ҳақиқатро мебинӣ, аз бедорӣ дилат мемонад.

* * *

Ба зода шудани худ шӯбҳа кардам, вақте ки дар харитаи ҷаҳон зодгоҳамро наёфтам.

* * *

Якпаҳлӯ зада дар бораи 366 паҳлӯи сухан ҳарф задан аз рӯи инсоф нест.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Вақте, ки шоир «Ишқи аввал – ғӯраи сармозада» мегӯяд, сармо гуфта хушдоманро дар назар дорад.

* * *

Қонуншиканро бахшиданду ҳезумшиканро ба ҷавобгарӣ кашиданд.

* * *

Шишаро бисёр таъриф накунед, ки сангро зада мешиканад!

* * *

Дили булҳавас коллексияи занҳои зебост.

* * *

Вақте, ки суруди «Ма, ки дар гӯшаи боми ту будум» – ро хондам, падари маҳбубаам девори гирди ҳавлиашро сархор гирифт.

* * *

Дар «Китоби Гиннес» солҳост, ки ҷое барои хомӯштарин зани ҷаҳон холӣ монда.

* * *

Ба нуқтае назар карда нуқтаи назари хешро иброз доштан низ истифода аз «шпаргалка» аст.

* * *

**Аз дафтари адабиётшинос:** Тахаллус дар натиҷаи дар вазн нағунҷидани номи шоирон пайдо шудааст.

* * *

Харидор ки пайдо шуд, гули пажмурда ҳам мешукуфад.

* * *

Нозу нузи гул ҳамин тавр доман ёфтан гирад, булбул дигар бо хор хоҳад гаравид.

* * *

Барои бесавод вайронкорӣ ҳам душвор.

* * *

Чун нархи ширавор боло рафт, «Зиндагиро орзу ширин намуд».

* * *

Назарияи нав: Одам аз маймун не, маймун аз одам пайдо шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Золим себро ҳам ба шамшер пӯст канда мехӯрад.

* * *

Ҳамеша саросемакор буд. Ҳатто, марг ӯро мурда дарёфт.

* * *

Орзу мекард, ки дигар орзу накунад.

* * *

Дилаш кайҳо аз забон бозмонда бошад ҳам, ақидаҳояш то ҳол «мезананд».

* * *

Аз ҳикматҳои занам: Марди танбал даҳонро пур мекунад, марди фаъол яхдонро.

* * *

«Хайрият, ки пучуқ аст, набошад, нӯги бинияш осмонро мехарошид», – мегуфтанд дар бораи адиби ҳавобаланде.

* * *

Чун аз ӯ қасд ситонида натавонистам, номашро ба ҳарфи хурд навиштам.

* * *

**Шиори коргурезҳо:** Дер омадаему зуд мебояд рафт.

* * *

Ӯ нисбат ба адибони дигар як тафовути барҷаста дорад: китобаш аз хонандааш бештар.

* * *

Мактубчае ба раис: Раиси мӯҳтарам, ҳамон таккачае, ки ҳамчун қурбонии зиёфати навбатӣ ба қайд гирифта будед, аз қайди ҳаёт гузашт.

* * *

Занонро се орзуст: хушбахт будан, хушдор доштан, хушдоман шудан.

* * *

Дилаш ки дардманд аст, ба ҳар кас бедареғ дил додан мегирад.

* * *

Аз роботҳо адаб бояд омӯхт: худсарона рафтор намекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Одам аз маймун не, аз маймунбозӣ ба вуҷуд омадааст.

* * *

Мансаб – либоси тирногузар.

* * *

Гаҳвораат аз осмон ғалтидааст? Лингатро ҳам аз осмон меорем!

* * *

Ҳоло нархи дору аз неши ору ҳам газандатар.

* * *

Гӯр пешонаам шавад: писарчаи ҳамсоя ба ман монанд шуд.

* * *

Духтареро бӯсидам. Самбӯса талаб кард.

* * *

Дигарон дар сояи тағо мегарданд, мо дар сояи чатр.

* * *

Асари адиберо пур аз суханҳои урён дида, мунаққиде ба он чунин ном ниҳод: Ҳаммоми вожаҳо.

* * *

Шоҳи пашшаҳо ҳисобкунак харид, то дарёбад, ки аз чанд паша як фил сохтан мумкин.

* * *

Пеш аз хоб ҳамеша ба занаш таъкид мекард: Мо зи болоему боло меравем!

* * *

Номи сартарошхона: Пахтазор.

* * *

Ҷумлаи «Душман аз ҳар тараф зарба мезад» – ро хонда, шавҳарашро ба хотир овард.

* * *

Тардоман буд. Бо баҳонаи офтобро бо доман пӯшидан онро хушк кард.

* * *

Фатир шудам, то ба бевазане ҳамдам бошам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Як сатри гӯшнавоз надораду номи китобаш «Булбул».

* * *

Муфтхӯртар аз адиб касе нест! Ӯ як умр ҳақи қаламро мехурад.

* * *

Ҳамеша ӯро дуо мекунам, ки сиҳату саломат ва аз балоҳо эмин бошад, зеро аз ман қарздор аст.

* * *

Беҳтарин шиори иҷоранишинонро Нодирпур гуфтааст: Ин хона қашанг аст, вале хонаи ман нест.

* * *

Аҷаб рушд ёфта илми тиб: саҳл монда, ки духтури гӯши чапу ростро алоҳида кунанд.

* * *

Садсола шавед ҳам, шиоратон чунин бояд бошад: Афсӯс, ки нимаи ҷавонӣ тай шуд!

* * *

Мусоҳибаашон дар мавзӯи сулҳ ба ҷанг анҷом ёфт.

* * *

Обу ҳавои мусоид барои баҳонаҷӯӣ номусоид аст.

* * *

Навқаламе барои ба арсаи адабиёт роҳ ёфтан ба Ҷамъияти саҳҳомии «Роҳсоз» муроҷиат кард.

* * *

Агар дар мактабҳои олӣ озмуни арзонтарин имтиҳон эълон намоем, се ҷои аввал холӣ хоҳад монд.

* * *

Эҳтиёткор буд, ба дараҷае ки дар коғаз вожаи оташро наменавишту дар назди хас онро ба забон намеовард.

* * *

Ӯ дар арсаи адабиёт харсавор аст ва бадбахтона, ҳамин хараш ҳам ланг.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

**Аз эълони омӯзишгоҳҳо:** Аз ҳама гуна ҷамъу тарҳу зарбу тақсим бароварда тавонистани ададҳи барои сардор дилхоҳро меомӯзем.

* * *

Шиками дамидаи маҳбубаам гувоҳи он буд, ки аз муҳаббати ман зуд сер шудааст.

* * *

Асарҳои бедардона навиштаи нависанда Н. ҳамаро дардманд карданд.

* * *

**Эълон:** Аз сабаби беқурбшавии пул мансабҳо муваққатан фурӯхта намешаванд.

* * *

Сӯзан халид? Хафа нашавед, вай бечора якчашма аст.

* * *

Аз борони маломат худро зери чатр гирифа намешавад.

* * *

Баъзан аз «ҷони ширин» чойи ширин беҳтар.

* * *

Забонаш ки бурро буд, бурриданд!

* * *

Майдони адабиётро ба ихтиёри кишоварз насупоред, ки барои серҳосил шуданаш пору мепошад.

* * *

Гӯсфанд шоир шуд. Аввалин шеъраш дар бораи дунба буд.

* * *

Ба духтури чашм ало-ало нигоҳ накунед, ки олус гуфта зуд чашматонро ҷарроҳӣ мекунад.

* * *

Мо фарзанди се форматсияи ҷамъиятием: карахтӣ, сарсахтӣ ва хушбахтӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

«Ин «доғи сар» ба мо доғи дил овард», – мегуфтанд гурӯҳе дар бораи Горбачев.

* * *

Суруди дӯстдоштаи бобоям: СССР буд, Ҳама сер буд.

* * *

Нақшаи масхара кардани муаллими нақшакаширо дар дарси нақшакашӣ кашидем.

* * *

Акнун бемалол гулӯ даронда гап задан мегирам: духтури гулӯ ҳамсоям шуд.

* * *

Даъвои гург: Дунба беҳтарин хамираи дандоншӯист.

* * *

Бисёранд каллаҳое, ки танҳо барои хидмати сала офарида шудаанд.

* * *

Барои биёбонгард баландтарин қулла кӯҳони шутур аст.

* * *

Беморзан: – Ҳой, бародар, Шумо духтури ишкам-ку. Чаро аз «территория» – атон берун рафта истодаед?

* * *

Сабзидан мехоҳед? Ба муаллими ботаника муроҷиат кунед.

* * *

Тарҷумаи ҳоли пору шавқовар нест.

* * *

Вақте ки «муши мурда барин хобидааст» мегӯянд, албатта, филро дар назар надоранд.

* * *

Ба марги гӯсфанд беҳтарин сӯгномаро гург навишт.

* * *

Баҳонаи соат: – Вақт надорам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Марди бузрише тахмин мезад: Шояд одам аслан аз маймун неву аз буз пайдо шуда бошад?!

* * *

Вабо омад. «Дар кӯчаи мо ҳам тӯй шуд», – хурсандӣ кард гӯрkоб.

* * *

Барои моҳиён имтиёзҳои зиёде муқаррар карданд, дар биёбон.

* * *

**Аз мақолае:** Дар масъалаи танзими оила на ба ҳосилнокӣ, балки ба сифат маҳсулот бештар диққат бояд дод.

* * *

Зулф оинаи качнаморо мепарастад.

* * *

Ҷуволро гуфтанд, ки ба пӯстат коҳ ҷой мекунем. Хурсанд шуд.

* * *

Дар ҷустуҷӯи сӯзан сараш ба симчӯб бархӯрд.

* * *

Модарҷон! Пеш аз он ки маро «баррачакам» гӯӣ, аввал бингар, ки дар атроф гург набошад.

* * *

Пушт бар замин хобидан аҷаб кайфиате дорад, вале на дар майдони гӯштин.

* * *

Математики зӯр шуданӣ? Саратро ба сангҳо занӣ ҳам, ду карат ду панҷ намешавад!

* * *

– Шастамро нагардон! – дӯғ зад сангпушт ба харгӯше, ки роҳи ӯро бурида гузашт.

* * *

Дӯстон, ҳамеша гӯштбирён хӯред, ки шоире таъкид кардааст: Атола дандон шиканад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Мавҷгири мо фоҳиша шудааст магар, ки телевизорамон ҳамеша филмҳои фаҳш намоиш медиҳад.

* * *

Аз рӯи эҳтиёт китоби «Хелҳои гӯшт»-ро дар яхдон нигоҳ медошт.

* * *

**Шикояти маймуни боғи ҳайвонот:** – Ин қадар маймунбоз шудаанд одамон!

* * *

Муқарризе ба асари муҳаққиқе, ки саршор аз иқтибоспораҳо буд, чунин ном ниҳод: Чилдарбеҳ.

* * *

Он қадар ба дурӯғгӯӣ моҳир шудаам, ки ҳатто гоҳе худам ҳам ба дурӯғҳоям бовар мекунам.

* * *

Чун бо гардиши айём чуғз маликушшуаро шуд, нахуст ин мисраъро хат зад: Поёни шаби сиёҳ сафед аст.

* * *

Думи зебои рӯбоҳ ҳуснафзои асп шуда наметавонад.

* * *

Ҷаноби кайҳонннаворд! Ин дафъа чун ба кайҳон ворид гаштед, илтимос, ситораи ману хушдоманамро ёфта, ба ҳам мувофиқ карда монед!

* * *

Ширфурӯши фошгашта айбро ба гов ҳавола кард, ки аз ҳад зиёд об нӯшидааст.

* * *

Ба шавҳар баромадани бевазани ҳамсоя боиси ба эътидол омадани муносибати ману занам гашт.

* * *

Иштиҳо надорӣ? О, ту чи хел студент?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Рӯзи Иди 8 март аз занам хоҳиш намудам, ки ҷомашӯияшро ба вақти дигар гузорад, то пеши ӯ хиҷолатзада нашавам.

* * *

Ба ҳазору як «мақом» хонда метавонаду ба «Шашмақом» не.

* * *

Ҳоло дар майдони адабиёти тоҷик аз ҳаводорон дида бозингарон бисёранд.

* * *

Аз рӯи эҳтиёт нонашро пора накарда мехӯрд, то порахӯр нагӯяндаш.

* * *

Дар базми солинавӣ аз рӯи қуръапартоӣ ниқобҳоро тақсим кардем. Ба сардор ниқоби рӯбоҳ афтод. Хайрият, як маротиба ҳақиқат ғалаба кард.

* * *

**Аз эроди мунаққид.** Суханонаш саропо урёнанд. Гӯё ки аз ҳаммом репортаж бурда истода бошад.

* * *

Азбаски дандонҳояш ҳама тилло буданд, дар бораи нукра гап заданро ба худ муносиб намедид.

* * *

Мансаб надоданд. Аз алам як каш нос ба даҳон партофта, худро тасаллӣ дод: Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар!

* * *

**Аз навиштаҳои адиби ҷавон:** Духтараки ситорагарме аз хунукӣ дир-дир меларзид.

* * *

Хайр, шуд! Бисёр афсӯс нахӯред, ки рӯзаатон мешиканад.

* * *

Ба навиштаҳоятон бисёртар аломати хитоб монед, то хонандаатонро хоб набарад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Акнун ки духтарон куртаи домандор намепӯшанд, покдоманияшонро аз куҷо муайян кунем?!

* * *

Борони сел борида киштаҳоро хароб кард. Муаллифи шеъри «Рез, борони фаровон»-ро ба ҷавобгарӣ кашиданд.

* * *

Дар охири вожае аломати хитоб гузоштанд. Ҳаммаро ба ларза овард. Аз ин рӯҳбаланд гардида, хоҳиш кард: дар аввалам ҳам аломати хитоб гузоред!

* * *

Ба ҳикоя касе бовар накард. Маҷбур шуд, ки худро афсона муаррифӣ кунад.

* * *

**Зан:** Розиям, ки ману ту нимаи якдигар шавем, ба шарте, ки ман нимаи ҳамёндор бошам.

* * *

Пас аз як тарсакии муаллим номи шеър ба хотирам омад: «Зарба».

* * *

**Шиори Иттиҳоди нависандагон:**
Ҳар кӣ Меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.

* * *

«Адабиёт низомро дӯст медорад», навишт мунаққиде. «Комилан дуруст, танҳо ин ҷо Н-и калон навиштан лозим», – иброз дошт Низом Қосим.

* * *

– Хайрият, дар соҳаи мо низ асаре ба тоҷикӣ чоп шуд, – гуфт омӯзгори зоология китоби «Паррончакҳо»-и Абдулҳамиди Самадро ба даст гирифта.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Пас аз он ки ба таъсири қиссаи «Дарди ошиқ» – и Кароматуллоҳи Мирзо чанд адиби дигар низ дар ин равия асар навиштанд, дарди ишқро ҳам ба гурӯҳи бемориҳои сирояткунанда дохил карданд.

* * *

Беҳтарин дастовез барои бемор китоби «Гӯрков» – и Равшани Ёрмуҳаммад аст.

* * *

Аскар Ҳаким: – Санги ман алмос аст! Саттор Турсун: – Санги ман – як ман! Лоиқ Шералӣ: – Мулк сангистону мо бесангарем!

* * *

Дар назди ман бисёр сабукӣ накунед, ки саломатиям вазнин.

* * *

Ба духтурзани ёрии таъҷилӣ изҳори ишқ кардам. Талаб кард, ки таъҷилан ақди никоҳ бандем.

* * *

Кохи гӯсфандон мувофиқи лоиҳаи офаридаи гург сохта шуд.

* * *

Аз сармо нисбат ба шахси беҳезум яхмосфурӯш бештар меҳаросад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИЧА

Хотираи қавӣ .......... 5
Чошнӣ .......... 7
Бебарорӣ .......... 8
Намкашҳо .......... 10
Бӯқаламун .......... 11
Сафари бебарор .......... 13
Номаи ошиқона .......... 15
Азизи дилам, Зулайхо! .......... 16
Занбӯр .......... 18
Бемори сайёр .......... 19
Такмили ихтисос .......... 21
Қонуни забон .......... 23
Одами барфӣ .......... 25
Кашфи асрор .......... 26
Ҷустуҷӯ .......... 28
Хориҷипараст .......... 30
Рисолаи пурарзиш .......... 31
Бозёфт .......... 33
Маърӯзаи солинавӣ .......... 35
Даранда .......... 36
Рухсатӣ .......... 38
Шӯрбоҷон .......... 40
Марҳабо, баҳор! .......... 42
Толеъномаи милисаи раҳбон .......... 46
Толеъномаи донишҷӯ .......... 49
Толеъномаи адиб .......... 52
Толеъномаи омӯзгор .......... 56
Толеъномаи журналист .......... 58
Резаҳикоёти ҳаҷвӣ .......... 63
Ману занам .......... 68
Анори дона-дона .......... 87



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

**Абдурауф Муродӣ**

**ДАРУНКӮБ**

*(Ҳаҷвияҳо)*

Ороиши *О. Шемерилна*
Муҳаррири ороиш *О.Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 30.03.2011 супурда шуд. Чопаш 31.03.2011 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопаш офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 10.0. Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар ҶДММ «Ямини Содиқ» чоп шудааст.
Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, гузаргоҳи 2, хонаи 42

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*